**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

Ба ҳуқуқи дастнавис

ТДУ 821.222.8.09

ТКБ 83.3 (5 Тоҷ)

Р - 69

**РИЗОБОЕВА НАРГИС МАМАДКАРИМОВНА**

# ТАСВИРҲОИ ПАРАДОКСӢ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК
**(давраи истиқлолият)**

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00. - Адаиётшиносӣ**

**(10.01.08. - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**

Мирзоев Садриддин Холович
номзади илми филология, дотсент

**Хуҷанд -2022**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**..........3-13

**БОБИ I. ВИЖАГӢ ВА РАВАНДҲОИ АСОСИИ ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ**..........14-51

I.1. Адабиёти даврони истиқлол: хусусият ва тамоюлҳои навгароӣ дар он..........14-34

I.2. Шеъри тасвирӣ ва анвои тасвир..........35-50

**Хулосаи боби аввал**..........50-51

**БОБИ II. САРЧАШМАШИНОСӢ ВА ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ТАСВИРИ ПАРАДОКСӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК**..........52-99

II.1. Тасвири парадоксӣ: моҳият, марҳила ва асосҳои зуҳури ..........52-58

II.2. Ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX..........58-82

II.3. Аркон ва шеваҳои эҷоди тасвирҳои парадоксӣ..........82-97

Хулосаи боби дувум..........98-99

**БОБИ III. ТАСВИРИ ПАРАДОКСӢ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК (ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ)**..........100-140

III.1. Нақши парадокс дар таҳаввули маъно ва сабки баён..........100-108

III.2. Тасвири парадоксӣ дар шеъри бонувони суханвари имрӯзи тоҷик ..........108-140

III.2.1. Гулрухсор..........108-115

III.2.2. Фарзона..........115-122

III.2.3. Гулноз..........122-138

Хулоса боби савум..........139-140

**ХУЛОСАҲО**..........141-145

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........145-145

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**..........146-158

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ**..........159-160

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Соли сивум аст, ки дар қаламрави Тоҷикистон истиқлолияти сиёсӣ барои ба миён омадани тозатарин тамоюлҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва ташаккули тафаккури миллӣ нақши пуртаъсир мегузорад. Дар ин миён адабиёти тоҷик низ тамоюлҳои тоза касб намуда, истиқлоли фикрӣ дар қаламрави он нуфуз пайдо кард. Шоирони имрӯз дар канори идомаи муҳимтарин суннатҳои адабиёти гузашта, дар шеъри нав низ таҷрибаҳои ҳунарии худро озмуданд. Ба таъбири дигар, адабиёти миллии тоҷикӣ низ аз арзишҳои истиқлоли фикрӣ бархурдор гардида, аз доманаи маҳдудаҳои фикрии даврони шӯравӣ раҳоӣ пайдо намуд. Тамоюлҳои навгароӣ дар шеъри муосири тоҷик бо ҳар шеваву равиши муайян ҷараён гирифта, дарунмоя, сохтор ва сабки нигориши шеъри муосир аз ҳар ҷиҳат тағйир пазируфт.

Таваҷҷуҳ ба сайри таърихии навгароӣ дар шеъри муосири тоҷик ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки ибтикороти тозаҷӯиву тозагӯӣ ҳанӯз аз солҳои 60-80-уми асри гузашта тавассути корномаҳои адабии суханварони бузурги адабиёти мо, чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон шуруъ гардида, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон майлони нав касб намуд. Ҳарчанд ибтикороти ин суханварони мумтози мо ҳам бар асоси истиқлоли фикриву маънавӣ ва ҳунарии хеш ва ҳам таъсири ҷараёнҳои шеъри муосири кишварҳои форсизабон рӯи кор омаданд, аммо мулоҳиза мешавад, ки истиқлоли сиёсии кишвар баробари дигар тадбирҳои муҳим барои таъмини истиқлоли фикрӣ, раҳоии шеъри муосири тоҷик аз ҳар гуна маҳдудаҳои ақидавӣ ва расидан ба марзи истиқлоли комил заминаҳо фароҳам овард, ки дар арсаи аввалини ин марҳила низ ҳамоно шоирони мазкур қарор гирифтанд. Онҳо муваффақ бар он шуданд, ки дар марҳилаи нави таҳаввули шеъри тоҷикӣ аз майлонҳои тоза ба кор гирифта, таҷрибаҳои тозаеро ба арсаи шеъри имрӯз ба намоиш гузоранд. Марҳила ба марҳила ин суханварон барои эҷоди мактабҳои нав дар қаламрави шеъри муосир ва ташаккули ҳамаҷонибаи онҳо роҳ кушоданд, ки дар идомаи роҳи онҳо суханвароне чун

Гулназар, Аскар Ҳаким, Низом Қосим, Камол Насруллоҳ, Раҳмат Назрӣ, Сайдалӣ Маъмур, Аҳмадҷони Раҳматзод, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Неъмат Оташ, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Доро Наҷот, Фарзона, Озарахш, Рустами Ваҳҳоб, Суруш, Адиба, Давлати Раҳмониён, Рустами Хомарахш, Озар, Гулноз, Нуралӣ Нурзод, Сурайё, Баҳроми Раҳматзод, Бузургмеҳри Баҳодур, Толиби Луқмон ва дигарон ба майдони адабиёт қадам ниҳода, аз роҳу шеваҳои мухталиф ҳунари суханвар ва суханофарии хешро нишон дода, тозакориҳое дар адабиёт ба миён оварданд.

Вуҷуди шоирони мазкур дар баробари пайдоиши мактабу ҷараёнҳои шеърӣ ба таҳаввули маъноиву ҳунарии шеъри муосири тоҷик боис гардид, ки дар натиҷа дар баробари идомаи суннатҳои хоси шеъри классикӣ, тозагиҳое муайян дар сабки нигориш, таҷассуми арзишҳои ҳунарӣ ва падидаҳои бадеӣ дар шеър вусъат гирифт. Яке аз вижигаҳои муҳимми ҳунарии шеъри имрӯзи тоҷик парадокс ва тасвири парадоксӣ дар навъҳои мухталифи шеърӣ ба шумор меравад, ки имрӯз ба яке аз вижагиҳои асосии ҳунарӣ мубаддал гардидааст. Ҳарчанд то кунун дар мавриди ҷойгоҳи ин навъи тасвир ва арзиши ҳунарии шеър дар адабиёти классикии тоҷик пажуҳишҳое ба сомон расидаанд, вале ба мушоҳида мерасад, ки ин мавзуъ дар мақоми як Мавзуи мустақил дар адабиёти муосири тоҷик ҳанӯз ба таври зарурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Бар ин асос зарурате пеш меояд, ки ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ҳамчун пажуҳиши мустақил анҷом дода шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Бо гузашти сӣ сол аз истиқлолияти миллӣ, бо итминони комил метавон изҳор дошт, ки накди адабӣ низ ривоҷ пайдо намуд. Хосатан, таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунариву Мавзуии шеъри муосири тоҷик вобаста ба тамоюлҳои шеъри имрӯз идома ёфта истодааст, ки дар ин миён пажуҳишҳои олимону мунаққидони тоҷику эронӣ Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ [99], Худоӣ Шарифзода [125], Атахон Сайфуллоев [113], Абдунабӣ Сатторзода [114; 152], Юсуф Акбарзод [94;95], Аскар Ҳаким [119;120;155;156], Абдуҷаббор Раҳмонзода [112], Маҳмадюсуф Имомзода

[102], Матлубаи Мирзоюнус [118;149], Рустам Ваҳҳобзода [100], Мисбоҳиддини Нарзиқул [108], Тоҷибой Султонӣ [115], Нуралӣ Нурзод [110;111], Субҳони Аъзамзод [97], Алиасғари Шеърдӯст [126] ва дигарон қобили таъкид аст.

Дар бораи вижагиҳои шеъри даврони истиқлол низ якчанд таҳқиқоте ба анҷом расидааст, ки аз арзиш ва аҳамияти муҳими илмӣ бархурдоранд. Рисолаи муҳаққиқон Имомзода М.С., Кӯчарзода А., Абдуллозода М.А., Табарӣ М. бо номи “Адабиёти тоҷик дар замони истиқлолият” [102] таҳқиқоти судмандест, ки бевосита таҳқиқу баррасии вижагиҳои адабиёти 30 соли охир, аз ҷумла шеър, ҷанбаҳои мавзуиву шаклӣ ва сабкии онро фаро мегирад. Мақолаи профессор Абдунабӣ Сатторзода “Бозтоби замони истиқлол дар адабиёти муосир: бурду бохт” [152] дар мавриди таҷассуми замони истиқлол дар назму наср баҳс мекунад, ки равиши таҳқиқи анҷомёфта аз тозагиҳои муҳиме бархурдор мебошад. Силсилаи муколамаву мақолаҳои мухталиф роҷеъ ба ҷараёнҳои шеъри замони истиқлол инчунин давоми солҳои охир дар саҳифаҳои нашрияҳои “Адабиёт ва санъат”, “Тоҷикистон”, “Ҳақиқати Суғд” ва маҷаллаҳои “Садои Шарқ” ва “Паёми Суғд” ба нашр расидаанд, ки ҳамагӣ барои нақду баррасии муҳтаво, дарунмоя ва сабки шеъри имрӯз нақши муҳим доранд.

Дар бораи худи тасвир ва истилоҳоти марбут ба он шеъри тасвирӣ мебошад, шоир ва мунаққиди тоҷик Аскар Ҳаким дар китоби худ “Анвои шеъри ғиноӣ” ба таври муффасал мулоҳизаронӣ намуда, ду навъи шеъри ғиноии тасвириро баррасӣ кардааст, ки дар шинохти манзараи куллии шеъри муосир ва ҷойгоҳи тасвир дар он муҳим мебошад [120].

Роҷеъ ба таҳқиқи ҷойгоҳи парадокс дар шеър то кунун таҳқиқоти муайяне сурат гирифтаанд, ки тавре гуфта омад, бештари онҳо дар робита ба шеъри гузашта анҷом ёфтаанд. Дар рисолаи донишманди маъруф Маҳмуди Футуҳӣ “Балоғати тасвир” бахши муайяне ба таҳқиқи заминаҳои пайдоиши парадокс ва тасвири парадоксӣ дар адабиёти ҷаҳон ва сайри таърихии он дар адабиёти форсу тоҷик бахшида шудааст [143]. Ҳамчунин, донишманди

дигари эронӣ Шафеии Кадканӣ дар робита ба шеъри Бедил бахше аз тадқиқоти хешро ба таври кӯтоҳ ба тасвири парадоксӣ ихтисос дода, ҳатто таъкид доштааст, ки ин истилоҳро гӯё худи вай сохтааст [142]. Бар асоси тадқиқи анҷомдодаи муҳаққиқони дигар маълум мешавад, ки парадокс ҳамчун навъи санъати бадеӣ бори аввал дар китоби "Ғизолон-ул -Ҳинд" бо номи вифоқ зикр шудааст [6]. Инчунин дар китобҳои дигари Шафеи Кадканӣ "Сувари хаёл дар шеъри форсӣ" ва "Мусиқии шеър" низ баррасиҳое дар ин замина ба анҷом расидааст, ки дар ҷараёни таҳқиқ дар рисола ба онҳо ишорат шудааст [140;141].

Адабиётшиноси тоҷик Нуралӣ Нуров фасле аз рисолаи хешро, ки "Тасвири парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил" унвон дорад, ба таҳқиқи ҷойгоҳи ин навъи тасвирҳо бахшидаст. Зимнан дар ин фасли рисола, ки ба унвони мақолаи алоҳида ҳам ба нашр расидааст, ба сайри таърихии парадокс дар адабиёти классикии тоҷик низ назар шудааст [111]. Дар рисолаи номзадии адабиётшинос Таиба Бобоева бошад, таҳти унвони "Тасвир дар шеъри муосири тоҷик (дар мисоли ашъори Фарзона)" [98] асосан масъалаи тасвир ва анвои он мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷойгоҳи худи тасвир дар шеъри ин суханвари соҳибноми тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аммо ба назар мерасад, ки чун ҳадафи аслии таҳқиқи мазкур баррасии тасвир ба гунаи образ дар шеъри Фарзона ба шумор меравад, дар ин пажуҳиш ба масъалаи тасвири парадоксӣ таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст.

Таҳқиқи ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик асосан дар сурати ишороти кӯтоҳ ба чашм мерасад. Танҳо бахше аз рисолаи Равшани Ҳамроҳ, ки "Поэтикаи ашъори Гулназар" унвон дорад, ба ҷойгоҳи ин навъ тасвирҳо дар шеъри ин шоири маъруф бахшида шудааст [123]. Ин рисола дар шакли китоб низ таҳти унвони "Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар" ба чоп расидааст [124].

Дар нақди адабии кишварҳои форсизабон низ таваҷҷуҳ ба таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи парадокс ва тасвири парадоксӣ ба мушоҳида мерасад. Ин ҷо ба таври махсус метавонем аз пажуҳиши анҷомдодаи донишманди

эронӣ, собиқ сафири ин кишвар дар Тоҷикистон доктор Алиасғари Шеърдӯст ёдовар шавем, ки таҳти унвони “Чашмандози шеъри муосири тоҷик” ба нашр расида, дар он дар баробари баррасии куллии масоили шеъри муосири тоҷик, нукоте роҷеъ ба ҷойгоҳи парадокс дар шеъри шоирони сабки ҳиндии Мовароуннаҳри асрҳои гузашта ва ашъори намояндагони адабиёти муосири тоҷик шарҳу тафсир ёфтаанд [126].

Дар адабиётшиносии рус ва аврупо силсилаи тадқиқот дар бораи назарияи парадокс ва ҷойгоҳи он дар адабиёти халқҳои ҷаҳон сухан рафтааст. Ин ҷо метавон аз корномаҳои илмии олимони рус ва хориҷӣ чун Грязнов А. Ф [160], Казаков А. Н. Якушев А.О. [161], Костюк В.Н. [163], Краснопольская А.П. [164] ва дигарон ёдовар шуд, ки ҷойгоҳи парадоксро ҳам аз назари фалсафӣ, мантиқ ва ҳам диди адабиётшиносӣ дар осори манзум ва мансури кишварҳои мухталиф ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Аз таҳқиқоти анҷомёфта равшан мегардад, ки имрӯз ба таври зарурӣ ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ба риштаи таҳқиқ гирифта нашудааст ва зарурати он ҳам пеш меояд, ки баррасии ин мавзуъ меҳварҳои аслии рисолаи моро ба вуҷуд оварад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи адабиѐти муосири МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз соли 2017 то 2023 анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади аслии мо дар баррасии илмии мавзуъ таҳқиқи ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик мебошад. Вазифаҳои таҳқиқ аз баррасии мушаххаси масъалаҳои зерин иборат аст, ки барои ҳалли пурраи мавзуъ мусоидат мекунад:

- баррасии ҷараёнҳои шеъри муосири тоҷик ва тамоюлҳои навпардозӣ дар он;
- ибтикороти ҳунарии шоирон дар ашъори суннатӣ;
- ҷойгоҳи шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик ва навгароӣ дар он;

- таҳқиқи заминаҳои пайдоиши тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикӣ;
- ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик;
- нақши тасвири парадоксӣ дар эҷоди мазмунҳои шоирона;
- замина ва омилҳои нуфузи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик;
- тасвири парадоксӣ дар ашъори ғиноӣ;
- таҳқиқи махсусиятҳои тасвири парадоксӣ дар шеъри нимоӣ ва сапед;
- вижагиҳои тасвири парадоксӣ дар таҳаввули ҳунари шоирии суханварон;
- нақши парадокс дар таҳаввули маъноии шеър ва баёни муассири матлаб;
- пажуҳиши ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар ашъори бонувони суханвари муосири тоҷик (Гулрухсор, Фарзона, Гулноз).

**Объекти таҳқиқотро** омӯзиш ва пажуҳиши осори суханварони муосири тоҷики нимаи дувуми асри XX ва аввали асри XXI, шуруъ аз устод Мирзо Турсунзода то намояндагони насли ҷавони шеъри муосири тоҷик ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** “Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)” интихоб шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**: барои ҳалли масоили назариявӣ ва амалии роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни таҳқиқот мо ба осори илмии олимон ва адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ аз ҷумла, Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Худойназар Асозода, Абдураҳмони Абдуманнон, Аскар Ҳаким, Матлубаи Мирзоюнус, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Шафеии Кадканӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Маҳмуди Футӯҳӣ ва дигарон намудем.

**Асосҳои методологии тадқиқот**: Ҳангоми таълифи диссертатсия методи таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ ва шарҳу таҳлили матн, китобхонӣ истифода шудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Маводи диссертатсияро девон, китобҳои маҷмӯаи ашъори шоирони муосири тоҷик ба вуҷуд овардааст, ки аз ҷумлаи онҳо Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Доро Наҷот, Камол Насрулло, Фарзона, Озарахш, Суруш, Озар, Адиба, Гулноз мебошанд. Дар ҷараёни таҳлили масоили назарии таҳқиқ осори марбут ба балоғат, чун "ал- Муъҷам"-и Шамс Қайси Розӣ, "Бадоеъ ус-саноеъ"-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, "Ғизолон-ул- Ҳиндӣ" Озоди Балгиромӣ истифода шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот**ро аудиторияи кафедраи адабиѐти муосири тоҷики МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», толори хониши МД «Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ», конференсияҳои донишгоҳӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳанд.

**Навоварии илмии таҳқиқот**. Рисола дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти монографӣ мебошад, ки дар он заминаҳои зуҳури тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ва нақши онҳо дар таҳаввули маъноиву ҳунарии каломи суханварон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс муқаррар шудааст, ки тасвирҳори парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик аз мавқеъ ва мақоми муҳим бархурдоранд. Дар заминаи руҷуъ ба ашъори шоирони имрӯз равшан гардид, ки шоирони муосири тоҷик барои дар сатҳи матлуб бардоштани тасвири парадоксӣ ва идомаи суннатҳои хоси шеъри классикии тоҷик дар мисоли чунин як рукни ҳунарии шеърӣ нақши муассир гузоштаанд, ки дар миён номи суханвароне чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона, Озарахш, Суруш, Гулноз, Адиба, Нуралӣ Нурзод, Сурайё Ҳакимова ва дигарон назаррас мебошад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Зуҳури парадокс ва тасвири парадоксӣ ҳарчанд дар адабиёти ҷаҳон собиқаи тӯлонии таърихӣ доранд, аммо дар адабиёти тоҷик ба сароғози шеъри тоҷикӣ, яъне ашъори Одамушшуаро - Рӯдакӣ пайванд мегирад.

2. Ҳарчанд намунаҳои аввалини тасвири парадоксиро дар сурудаҳои устод Рӯдакӣ ва шоирони ҳамасри ӯ ба мушоҳида метавон гирифт, аммо бо зуҳури адабиёти тасаввуф ҷойгоҳи он бар қаламрави шеъри гузаштаи мо васеътар гардид.

3. Бо густариши шеъри тоҷикӣ дар даврони инкишофи сабки ҳиндӣ тасвири парадоксӣ мақоми хосае касб намуд. Яке аз омилҳои нуфузи ин навъ тасвирҳоро дар шеъри муосири тоҷик таъсири намояндагони ҳамин сабк ба ин шоирон метавон унвон намуд.

4. Дар қаламрави шеъри муосири тоҷик корбурди тасвири парадоксӣ роҳу шеваҳои мухталиф касб намуд. Шуруъ аз устодони шеъри имрӯз-Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор то ба намояндагони нвсли нави шеъри тоҷик барои таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарии каломи хеш аз ин навъ тасовир ба кор гирифтаанд, ки омил ба такмили бадеияти шеъри имрӯз гардидааст.

5. Таҳлилу таҳқиқи ашъори шоирони муосири тоҷик равшан месозад, ки суханварони тоҷик новобаста ба он, ки шеъри тоҷикӣ дар замони шӯравӣ таҳти таъсири тафаккури идеологии ҳокимият қарор гирифта, ҷанбаҳои Мавзуӣ дар адабиёти ин давра нуфуз касб намуд, аммо суннатҳои нодири шеъри гузашта ба шаклу шеваи хос идома кардааст, ки ҷилваҳои парадокс ва ҳиссомезӣ дар каломи шоирони давр, чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон ба чашм мерасад.

6. Марҳилаи нави ташаккули адабиёти муосири тоҷик ва зуҳури насли нави адабӣ омиле барои тақвияти падидаҳои ҳунарии шеър гардид ва таҳаввулоти эҷодшуда дар шеъри муосири тоҷик сабабгори таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷӣ ба шеъри имрӯз гардид. Яке аз омилҳои аслии ин руҷуъ, пеш аз ҳама, тамоюлҳои тозаи адабиву бадеӣ дар шеър мебошад ба роҳ монданд. Баробари истиқбол ва баҳраварӣ аз шеъри гузашта барои такмил ва таҷдиди ин суннатҳо дар муҳити нави адабӣ иқдом намуданд, ки яке аз ин падидаҳо корбурди парадокс дар шеъри имрӯз аст.

7. Шоирони муосири тоҷик бо идомаи шеваҳои хоси суннатҳои шеъри классикӣ равишҳои муайяни эҷоди тасвири парадоксиро пеш гирифтаанд, ки дар онҳо саноеи бадеии ташхис, тазоду муқобила, муболиға нақши асосӣ доранд. Аммо ин навъ тасвирҳо дар таснифоти куллии анвои тасвир ба таври зарурӣ ворид нашудаанд ва баррасии тасвири парадоксӣ ва пайванди онҳо аз диди сохторӣ ба дигар анвои тасвир моро ба ин натиҷа мерасонад, ки минбаъд онҳоро низ ҳамчун як навъи мустақили тасвир муайян ва таҳқиқ намоем.

8. Парадокс ва тасвири парадоксӣ барои баёни шево ва муассир ба кор меравад. Шоирон ба хотири тасвири ҳолати дарунии хеш, ки дар воқеият изҳор намудан ё тасаввур кардани он ғайриимкон аст, тавассути эҷоди ин навъ тасвирҳо ҳам маъниҳои шоирона меофаранд ва ҳам ҳолатҳои отифиро тасвир мекунанд, то ки суханашон ҷаззоб ва сабки эҷодашон муассир гардад.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Арзиши назарии диссертатсия, дар навбати аввал дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои илмии ба даст омада, барои таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷик, хоса даврони истиқлол, аз ҷумла ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ барои доираи васеи муҳаққиқон ва мунаққидон, инчунин дигар гурӯҳи пажуҳишгарону дилбохтагони маърифати шеъри имрӯз чун маводи илмӣ кӯмак менамояд.

Таҳлилҳои назарии анҷомёфта дар асоси омӯзиши таълифоти донишмандони ватаниву хориҷӣ, ки дар рисола ҷой гирифтаанд, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои ҳосилнамуда, дар таъйини вижагиҳои ашъори дорои тасвири парадоксӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ, хусусун давраи навии ташаккули адабиёти муосири тоҷик мусоидат карда метавонад. Натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои пажуҳиширо дар заминаи мабоҳиси ҷудогонаи рисола низ метавон барои таҳқиқи масоили марбут ба ин мавзуъ ба кор гирифт.

Арзиши амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи рисола ва натиҷаҳои таҳқикро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои тартиб додани мавзуию ҳунарии шеъри муосири

тоҷик, давраи истиқлол, таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ, суханрониҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Ҳосили ҷустуҷӯҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёнти таълими дарсҳои лексионию амалии кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» истифода гардидаанд. Муҳимтарин нуктаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», 1 конференсияи байналхалқӣ, 4 ҷумҳуриявӣ, дар семинарҳои махсуси кафедраи адабиёти муосири тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шиносномаи ихтисоси 10.01.08— Назарияи адабиёт. Матнишосӣ, нусхашиносӣ мутобиқат дорад.

**Саҳми шахсии муаллиф**. Диссертант дар ҷараёни нигориши рисолаи илмӣ ба натиҷаҳои муайяне расидааст, ки ин дастовардҳо, хоса истиқлоли фикрии ӯ дар ҷараёни таҳқиқ, ҳангоми иншои мақолаҳо ва худи диссертатсия ба мушоҳида мерасанд. Дар ҷараёни таълифи диссертатсия муаллиф муваффақ шуд, ки сайри таърихии зуҳури тасвири парадоксӣ дар адабиёти тоҷик, муҳимтарин вижагиҳои тасвири парадоксиро дар шеъри шоирони даврони истиқлол дар заминаи шеъри суннатӣ ва нав баррасӣ намуда, хулосаҳои илмии хешро дар ин замина баён созад. Саҳми шахсии муаллиф дар натиҷаҳои аз таҳқиқ ба даст омада ва мақолаҳои нашрнамудаи ӯ, инчунин суханрониҳои илмӣ дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ низ муқаррар шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Мундариҷа ва мавзуоти меҳварии тахқиқот дар конференсияҳои илмии солонаи ҳайати профессорону устодони кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ-и «ДДХ ба

номи академик Б.Ғафуров», ҳамзамон дар якчанд конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва вилоятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар асоси он маърӯзаҳои илмӣ манзур гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи муосири тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» анҷом ёфта, дар ҷаласаи кафедраи мазкур (қарори №3 аз 26 -уми ноябри соли 2021-ум) муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Роҷеъ ба мавзуи диссертатсия 9 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 фасл, се зерфасл хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 160 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

# БОБИ I. ВИЖАГӢ ВА РАВАНДҲОИ АСОСИИ ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

## I.1.Адабиёти даврони истиқлол: хусусият ва тамоюлҳои навгароӣ дар он

Барои он ки заминаҳои зуҳур ва мақому ҷойгоҳи пародокс дар шеъри муосири тоҷик ба таври барҷаста равшан гардад, нахуст моро зарур меояд, ки ба ҷараёнҳои адабии замони истиқлол, вижагиҳои аслии адабиёти давра, тамоюлҳои навгароӣ ва муҳимтарин равандҳои шеъри имрӯз таваҷҷуҳ зоҳир намоем, то моҳияти аслии масъалагузорӣ, ҳадафи таҳқиқот ва манзараи куллии адабиёти замони истиқлол равшан гардад.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳузури он 30 сол сипарӣ шуд, на танҳо ба ҳаёти сиёсиву иқтисодии кишвар, балки ба ҳаёти адабии он низ таъсири матлуб гузошт. Баробари пешрафтҳои назаррас дар тамоми самту соҳаҳои мухталиф дар қаламрави адабиёти навини тоҷик низ дигаргуниҳои куллие ба амал омаданд, ки ашъори суханварони давраи навин, ба вуҷуд омадани насли комилан нави адабӣ гуфтаҳои болоро собит месозанд. Эҷоди сабку шеваҳои хос, вуруди шаклҳои нави шеърӣ бар асари таъсири матлуби адабиёти ҷаҳон сабаб бар он шуд, ки дар баробари таҷрибаҳои хосаи шоирон дар навъҳои мухталифи шеърӣ, чун анвои суннати нав, арӯзи озод, сапед, суннатҳои нодири адабиёти классикии тоҷик, хоса падидаҳои ҳунарии шеър, шеваҳои қобили қабули тасвирсозӣ бо такя бар бозтоби унсурҳои замони имрӯз ривоҷ намояд.

Таваҷҷуҳ ба фазои адабии 30 соли охири мустақилият муҳимтарин хусусиятҳои шеъри давраи истиқлоли миллиро ба таври зайл муқаррар мекунад:

1. Бозтоби барҷастаи афкори миллӣ, таърих ва худогоҳии миллӣ дар шеър, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми Мавзуии он дар замони нав гардид.

2. Ошноии бештар бо шеъри ҷаҳонӣ ва вуруди анвои шеъри нав дар қаламрави шеъри муосири тоҷик, аз ҷумла шеъри сапед, мудерн ва амсоли ин.

3. Идомаи суннатҳои хоси шеъри классикӣ ва нуфузи падидаҳои ҳунарии шеъри гузашта дар анвои суннатӣ ва нави шеъри имрӯз, ки яке аз онҳо парадокс ва ҳиссомезӣ мебошад.

4. Бо гузашти бештар аз сӣ сол шеъри муосири тоҷик дорои махсусиятҳои муайяне гардид, ки имрӯз бо итминон вобаста ба ҳамон вижагиҳо метавонем истилоҳи "шеъри замони истиқлол"-ро дар муносибат ба он ба кор бигирем.

Вобаста ба ин, метавон таъкид дошт, ки солҳои охир истилоҳ ва мафоҳими "адабиёти даврони истиқлол", "адабиёти замони истиқлол" ҳамчун баёнгари суннату падида ва гуногунрангии равандҳои адабии 30 соли охир ривоҷ пайдо намуда истодааст. Профессор Абдунабӣ Сатторзода роҷеъ ба мафҳуми адабиёти замони истиқлол дар як мақолаи хеш чунин навиштааст: "Адабиёти замони Истиқлол" мафҳуми густурда буда, тамоми асарҳои бадеиеро фаро мегирад, ки дар онҳо ҳодисаву воқеаҳои замони Истиқлол, мавзуъ ва масъалаҳо, назариёт, андешаҳо ва рӯҳи ин замон ба таври бадеӣ ва ҳунарӣ бозтоб гардидаанд. Аз ин рӯ навиштаҷоти манзуму мансури фаровонеро, ки солҳо бо номи шеъру достону повесту роману драма ва ё очерку мақолаҳои публитистӣ дар ин марҳилаи замонӣ чоп шудаанд ва моли адабиёти бадеӣ нестанд, набояд ба адабиёти замони Истиқлол нисбат дод.

Рӯҳ ва андешаи замони Истиқлол на танҳо дар асарҳои бадеие, ки бевосита ба ҳодисаву воқеаҳои замони Истиқлол, мавзӯъ ва масъалаҳои он вобаста мебошанд, балки метавонад дар асарҳои адабие низ, ки ба таърихи дуру наздики кишвар, мавзӯъҳои суннатӣ ва ҷовидонии адабиёт, монанди ишқ, ватан, модар ва ғ. бахшида шудаанд, ҳамчунин дар тарҷума, нашр, накд ва таҳқиқ низ бозтоб гардад" [152]. Муаллифони китоби "Адабиёти тоҷик дар замони истиқлолият" бошад, дар бораи мафҳуми мазкур чунин қайд мекунанд: "Адабиёти даврони истиқлолият чун қисми таркибии адабиёти давраи нави тоҷик ба қонуниятҳои адабӣ ва эстетикии он алоқаи ногусастанӣ

дорад, аз ин рӯ назари иҷмолӣ андохтан ба ҷараёни ташаккул ва такомули он зарур мешавад. Адабиёти давраи нави тоҷик, ки ба таъбири устод Садриддин Айнӣ аз ибтидои асри XX оғоз мегирад, бо вуҷуди тағйироте, ки дар мундариҷа, сабки нигориш, анвои жанрии он ба вуқӯъ пайваст, асосу бунёди қадимӣ дорад ва дар ягон фазои холӣ тавлид нашудааст. Падидаҳои нави эҷодӣ дар адабиёти давраи нав ғолибан дар заминаи анъанаву суннатҳои ҳунарии гузаштаи тоҷик ва сипас таъсири адабиёти халқҳои дигар ба вуҷуд омадаанд. Бинобар ин, адабиёти садаи XX ва ибтидои садаи XXI як навъ таҳаввулу инкишоф ва идомаи таърихи адабиёти тоҷик, марҳилаи ҷадиди он маҳсуб мешавад” [102].

Аз дидгоҳҳои адабиётшиносони тоҷик маълум мешавад, ки яке аз равандҳои муҳими адабиёти навини тоҷик, ки мо ба унвони адабиёти даврони истиқлолият ном мебарем, идомаи суннатҳои хоси адабиёти классикии тоҷик мебошад, ки он пеш аз ҳама ба падидаҳои ҳунарии шеър такя мекунад. Бегумон тасвири парадоксӣ, ки Мавзуи аслии баҳси рисолаи мо ба шумор меравад, сарчашма дар ҳамон адабиёти классикии тоҷик дорад, ки раванди пайванди ин ду марҳилаи муҳими адабиро таъмин мекунад.

Адабиёти даврони истиқлолро пажуҳишгарони тоҷик аз рӯи шаклу мазмун, сабку шеваи нигориш, анвои адабӣ ва дигар вижагиҳо баррасӣ намудаанд. Маълум аст, ки аз партави истиқлолияти миллӣ дар навбати аввал дар баробари давом кардани суннатҳои бузурги адабиёти гузаштаи мо, дар таъсири адабиёти халқҳои олам, шаклу навъҳои нави шеърӣ ба қаламрави адабиёти давраи нав роҳ ёфт. Баробари ин, Мавзуоти муҳими хоси даврони мазкур рӯи кор омаданд, ки яке аз омилҳои аслии муқаррарнамояндаи хусусиятҳои адабиёти ин давра, аз ҷумла шеъри муосир гардиданд.

Ҳамин тавр, баробари такмили ҷанбаҳои ҳунарӣ, идомаи суннатҳои муҳими адабиёти давраи гузашта дар шеъри муосири тоҷик мавзуъҳои фалсафӣ, худшиносиву худогоҳӣ, таҷассуми афкори ҷадид ва шеваҳои хоси корбурди мафоҳим ва истилоҳоти хоси замони имрӯз нуфуз касб карданд.

Тавре ки қаблан ишорат шуд, баробари Мавзуоти мазкур бозтоби падидаҳои замони истиқлол, аз ҷумла ваҳдатгароӣ, ифтихори миллӣ, бунёди иншоотҳои муҳими аср, чун кандани нақбҳову сохтмони нерӯгоҳҳо, воқеоти сиёсии замон ва амсоли ин ба ҳукми Мавзуоти меҳварии адабиёти даврони истиқлол нуфуз пайдо намуданд. Ба ибораи дигар, шеъри ифодакунандаи рӯҳияи истиқлолият, Мавзуоти ваҳдати миллӣ, сулҳу дӯстӣ низ рӯи кор омаданд, ки хоси вазъ ва рӯҳияи ҳамин замон ба шумор мераванд. Бозтоби ин Мавзуоти муҳимро метавонем дар намунаҳои ашъори шоирони муосир чун Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Фарзона, Низом Қосим, Камол Насрулло, Рустам Ваҳҳобзода, Сайдалӣ Маъмур, Аҳмадҷони Раҳматзод, Усмон Олим, Давлат Сафар, Адиба, Гулноз, Нуралӣ Нурзод ва дигарон ба мушоҳида гирифт.

Дар баробари талошу кӯшишҳо барои таҷассуми муҳимтарин Мавзуоти хоси замони истиқлол тозакориҳо дар тарзи баён, сабки навишт ва дигар шеваҳои шоирӣ ба мушоҳида мерасанд. Ба таъбири дигар, шоироне ба арсаи адабиёти даврони истиқлоли тоҷик қадам гузоштанд, давоми корномаҳои насли пешин, роҳи тозаҷӯиву тозагӯиро пеш гирифта, падидаҳои навро дар шеър вуруд сохтанд. Беҳтарин намунаҳои чунин навҷӯиҳоро дар ашъори Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Фарзона, Сиёвуш, Озарахш, Суруш, Доро Наҷот, Рустами Ваҳҳоб, Озар, Салими Хатлонӣ, Аъзами Хуҷаста, Адиба, Гулноз, Давлати Раҳмониён, Дилором ва дигарон дучор меоем, ки аксаран чунин корномаҳои ҳунарӣ ва тозаҷӯиҳои хешро баъд аз солҳои 90-уми қарни гузашта ба зуҳур овардаанд, ки маҳсули эҷодии онҳо намунаҳои адабиёти даврони истиқлоли тоҷик ба шумор мераванд.

Аз муҳимтарин омили эҷоди заминаҳои ташаккули маъноиву шаклии адабиёти замони истиқлол, аз ҷумла шеъри имрӯз бар пояи тақвияти заминаҳои сиёсиву иқтисодии давлат дар шароити нави таърихӣ густариши равобити адабӣ ва таъсири адабиёти ҷаҳон ба адабиёти муосири тоҷик мебошад, ки воқеан ба тағйироти куллии фазои шеъри кунунии тоҷик як навъ таъсири матлуб гузошта, дар тавсеаи Мавзуиву ҳунарии шеъри замони нав

мусоидат кард. Ин тамоюл дар ашъори Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Муҳаммад Ғоиб, Раҳмат Назрӣ, Хайрандеш ва дигарон имтиёз пайдо карда, минбаъд бо зуҳури насли нави адабии баъд аз солҳои 90-ум чун Фарзона, Низом Қосим, Сиёвуш, Доро Наҷот, Камол Насрулло, Суруш, Озарахш, Озар, Салими Хатлонӣ, Салими Зарафшонӣ ва дигарон ба сӯи камолоти маънавию ҳунарӣ дар қаламрави шеър роҳ кушоданд.

Дар марҳилаи баъдии ташаккули адабиёти муосири тоҷик бошад, насли наве ба майдони адабиёт қадам ниҳоданд, ки баробари таҷассуми вижагиҳои муҳимтарини адабиёти гузаштаи мо ба навовариву навназарӣ нақши муассир гузоштанд. Ин ҷо метавон аз шоироне чун Адиба, Гулноз, Нуралӣ Нурзод, Дилором, Баҳроми Раҳматзод, Фирдавси Аъзам, Бузургмеҳри Баҳодур, Бузургмеҳри Тоҷиддин, Муҳриддин Сабурӣ, Бобаки Суғдӣ, Бузургмеҳри Ҳаким ва дигарон ёдовар шуд, ки дар ин роҳ қадамҳояшон устувор ва пойбарҷост.

Бо такя бар ин андешаҳо метавон се насли давраи истиқлоли тоҷикро дар шеър муқаррар намуд, ки ҳар яке бо вижагиҳои муайяни ашъори хеш дар ташаккули шеъри имрӯзи тоҷик нақши бориз доранд.

Насли аввал ҳамон шоироне мисли устодон: Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор ва дигарон ҳастанд, ки бахше аз фаъолиятҳои эҷодии онон дар замони шӯравӣ ва қисмате дар замони истиқлоли миллӣ ҷараён гирифтааст. Барои ташаккули тафаккури бадеии насли дувумӣ - Доро Наҷот, Фарзона, Озарахш, Суруш, Рустами Ваҳҳоб, Искандари Хатлонӣ, Озар, Давлати Раҳмониён, Нарзуллои Азизиён, Маликнеъмат, Аъзами Хуҷаста, Адиба, Гулноз, Нуралӣ Нурзод, Дилором нақши муассир гузоштанд. Дар шеъри ин гурӯҳ тозакориҳое дар самти таҷрибаҳо дар қолибҳои нави шеърӣ ба мушоҳида мерасад.

Насли савум асосан ба шоирони ҷавони даҳаи дувуми асри имрӯз пайванд мегирад, ки ин ҷо метавон аз Баҳроми Раҳматзод, Сурайёи Ҳасансултон, Фирдавси Аъзам, Бузургмеҳри Баҳодур, Бузургмеҳри

Тоҷиддин, Толиби Луқмон, Мафтунаи Қосимӣ, Муҳриддин Сабурӣ, Бузургмеҳри Ҳаким, Бобаки Суғдӣ, Шаҳриёр Олимӣ, Родмеҳри Сулаймонӣ, Нурӣ Муҳаммади Истам ва дигарон ёдовар шуд, ки дар ин роҳ қадамҳои устувор гузошта истодаанд.

Руҷуъ ба масоили асосии ҳунарӣ дар шеъри нави тоҷикӣ беҳтарин унсурҳои ҳунарии шеър, чун хаёлбофӣ, маънисозӣ, таркибофаринӣ ва вожасозӣ, корбандии саноеи бадеӣ ва муҳимтар аз ҳама тасвирсозиро имтиёз бахшида, ба тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии шеър омил гардид, ки баррасии куллии масоили мазкур дар ин рисола ғунҷоишнопазир аст.

Қобили таъкид аст, ки шеър ҳамчун маҳсули кашфу идроки инсоният дар заминаи иртиботи ҳиссиву фикрии ӯ ба олами зоҳиру ботин аз Арасту то мо ба маъниҳои мухталиф тафсир шудааст. Ҳар кас вобаста ба дараҷаи дарёфту шинохт ва зоиқаи маърифатиаш аз шеър маънӣ мегирад. Аммо, бо ин ҳама гуфтор шеър боз ҳам ба тафсири тоза ниёз дорад, хоса он марҳала ба марҳала тавону тозагии махсус пайдо намуда, шоирон бо назардошти қудрати шинохт бардошти ҷадидеро чун тафсири тоза вогузор месозанд.

Вақте ки ба адабиёт шоире бо тозатарин нигоҳ, сабку салиқаи хос ва дарёфту шинохти ҷадид ворид мешавад, ҳатман дар зовияи падидаҳои тоза шеър боз ҳам дигаргуна маъниву тафсир пайдо мекунад. Шеър дар асл маҳсули кашфу шинохти шоир ва ҳосили тафаккури ӯст, ки аз ҷомеа, табиат ва ҳар он чи фарогири атрофи он аст, сарчашма мегирад. Танҳо дар ҳоли маърифат ва кашфи асроре аз оёти мармузу мастури ҳастӣ ё ба орият гирифтани ашёи воқеӣ дар роҳи халлоқияти аносири ҷадид дар зовияи тафаккури шоир шеър падид меояд. Ҳунармандони асил ин нуктаро хуб эҳсос мекунанд.

Дар ин раҳгузар бо ҳузури тозаи "шеъри нав" дар адабиёти имрӯз ва касратпазирии мафҳумҳое чун "шеъри сапед", "шеъри нимоӣ", "шеъри озод" назароти мухталиф ва фаҳмиши ҷадид дар бораи шеър арзи ҳастӣ намуданд. Роҷеъ ба асолату шинохти мафҳумоти мазкур дар нигоштаҳои муҳаққиқони тоҷику эронӣ назароти афзуне ҷой доранд, ки ниёз ба такрор нест. Аммо

мехоҳем, роҷеъ ба “шеъри нав” ва навии шеър, таҷаддуд ва халлоқияти шоирона ва амсоли ин лузумоти аслии кунунӣ дар иртибот бо ашъори шоирони муосир изҳори назар намоем.

Мусалламан, зимни ин мулоҳизарониро дар бораи вазъи шеъри имрӯзи тоҷик дар навбати аввал андешҳо оид ба мафҳуми “шеъри нав” мафоҳими “шеъри нимоӣ” ва “шеъри сапед” ҳосил мешавад. Дар баробари навъҳои суннатии шеър яке аз хусусиятҳои асосии адабиёти даврони истиқлол вуруди анвои нави шеър ба шумор меравад, ки яке аз омилҳои он ҳамон таъкиди равобити адабӣ ва таъсири шеъри ҷаҳон ба шумор меравад.

Истилоҳи “шеъри нав”, “шеъри сафед” ё “арӯзи озод” дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар ибтидои асри бистум пайдо шуд. Муҳаққиқони адабиёт дар ҳар се кишвари ҳамзабон- Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон дар ин бора иттифоқи назар доранд, ки ин сабки нав дар пайи таҳаввулоти азими санъатӣ, зуҳури андешаҳои нав ва маорифу мактабҳои ҷадид дар Урупо ва баъдан андешаҳои инқилобии Русия вориди кишварҳои Машриқзамин шудааст. Ба далели наздикии ҷуғрофиёӣ аввалин кишвари мусалмоне, ки таҳти таъсири андешаҳои таҷаддудгароии ғарбӣ қарор мегирад, Туркияи усмонӣ буд ва мавҷи дуюми ин ҷараён аз он ҷо ба Эрон ва дигар кишварҳои арабӣ нуфуз мекунад. Мардумони Осиёи Миёна бо каме таъхир умдатан аз тариқи Русияи подшоҳӣ, Тотористон ва ҳамчунин Туркия таҳти таъсири ин ҳаракат қарор мегиранд. Ҷараёни навгароӣ имконоти бештар пайдо мекунад ва дар натиҷа шеъри нав ба номи Нимо Юшиҷ- шоири номовар ва навпардози ин кишвари форсизабон сабт мешавад.

Роҷеъ ба заминаҳои пайдоиши шеъри нави форсӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон таҳқиқоте аз ҷониби адабиётшиноси рус Кляшторина Вера [133] ва донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст [126], инчунин, аз ҷониби дигар муҳақиқон таҳқиқотҳо ба анҷом расонида шудааст. Мутолеаи осори анҷомёфта мусаллам мегардонад, ки бештари муҳаққиқони кишварҳои форсизабон бо назардошти ҳамин вижагиҳо Ниморо ҳамчун бунёдгузори шеъри нави форсӣ эътироф кардаанд ва ашъори парокандаи дигар шоирони

пешгоми навгароиро ба унвони муқаддимаи шеъри нав қабул доранд. Қобили зикр аст, ки шеъри нав дар кишварҳои форсизабон мавриди пазириши мардум қарор нагирифтааст, балки ин амр дар пайи шурӯи баҳсҳои шадиди назарӣ дар миёни маҳфили адабии ин кишвар, иродаи қотеъ ва истеъдоди халлоқи шоирони навпардози ин хитта оҳиста-оҳиста мавриди истиқболи оммаи мардум қарор гирифтааст.

Профессор Матлубаи Мирзоюнус роҷеъ ба шеъри нимоӣ чунин навиштааст: “Ҷараёни дигари шеъри нав “арӯзи озод” ё шеъри нимоӣ аст, ки соли 1918 арзи вуҷуд намуд ва аз даруни он шохае аз шохаи дигаре ба номи “шеъри сапед” руста ва барои худ ҷойгоҳе устувор ёфт. Ҷараёни шеъри муосири тоҷикӣ аз “Марши ҳуррият”-и Садриддин Айнӣ (1918) оғоз мегардад. Дар ҷараёни таҳаввули шеъри муосири тоҷикӣ заминаҳои миллӣ, адабиёти русӣ ва хоса шеъри нави Эрон нақши муҳим доштанд. Дар қиёс ба шуарои Эрон, ки таҳти таъсири мудернизми Ғарб, ба вежа ашъори навгароёнаи Будлер, Артур Рембо, Истафон Маларме ва дигарон будаанд ва русҳо аз дастовардҳои шеъри озод ва ҷараёни сурриолизм, натурализм ва дигар ҷараёнҳои адабии мудерн буданд [149].

Рустами Ваҳҳобзода низ ҳамин андешаро истиқбол намуда, шеъри “Марши ҳуррият”-и устод Айниро аввалин намунаи шеъри нави тоҷик медонад ва изҳор медорад, ки дар заминаи вазни арӯз бо омезиш додани рукнҳои баҳри рамал бо баҳри мутадорик навишта шудааст. Дар натиҷаи ин омезиш вазне эҷод шудааст, ки дар назми беш аз ҳазорсолаи форсу тоҷик собиқа ва ному нишон надоштааст. Ба гуфтаи худи устод Айнӣ вазни ин шеър зери таъсири оҳанги суруди инқилобии Фаронса “Марселйеза” ба вуҷуд омада, ҳадафи он таъмини оҳанги инқилобӣ будааст” [100, 11].

Дар миёни шоирони Шӯравии тоҷик Муъмин Қаноат аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст, зеро падидаи навгароӣ ва ҷунбиши бедории фикрӣ дар адабиёти нимаи дуюми қарни XX бо фаъолият ва осори ӯ вобастагии мустаҳкам дорад. Муъмин Қаноат бо сабк ва салиқаи хос ё худ мутафовит аз суннати роиҷ дар замони худ вориди адабиёт мешавад. Аксари муҳаққиқон

бар пештоз будани Муъмин Қаноат дар эҷоди таҳаввули тоза дар адабиёти нимаи дуюми қарни XX-и Тоҷикистон иттифоқи назар доранд. Рустами Ваҳҳобзода навиштааст, ки “бо таваҷҷуҳ ба хати сайри рушди адабии Муъмин Қаноат, ин маврид барои ӯ як амри табиӣ буд, зеро ҳамеша ӯ талош намудааст, ки ҳамзамон ба навоварӣ асолати сухани форсиро ҳифз намояд [100, 10].

Устод Муъмин Қаноат шеърро бо дид ва сабки тоза шуруъ кард. Ӯ бо ҳифзи ҳувият ва суннати шеъри форсӣ бо каму зиёд кардани рукнҳо дар ашъори худ рӯҳи тоза дамид. Нуктаи ҷолиб ва боаҳамият ин аст, ки шеърҳое, ки шоирони даҳаҳои гузашта дар пайравӣ аз шакл ва муҳтавои ашъори Маяковский суруданд дар шеъри даврони шӯравии тоҷик мутадовил нашуд, аммо сабки Қаноат мавриди истиқболи бештар қарор гирифт. Профессор Худоӣ Шарифов чунин навиштаанд: “Муъмин Қаноат ёддошт медиҳад, ки адибони ба монанди Олжас Сулаймонов ва Чингиз Айтматов маро ба навиштани шеъри русӣ ташвиқ намуданд. Сохтмони бархе ашъор ва достонҳои Қаноат ба шеваи нигориши Пайрав Сулаймонӣ ва шеъри зинадори ӯ, ки дар пайравӣ аз Маяковский менавишт, шабоҳат дорад. Муъмин Қаноат ин меҳрубонии ҳамқаламони шуҳратмандашро қабул накард [125, 53].

Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ бо истинод ба “Тазкори ашъор”- и Садри Зиё муътақид аст, ки истилоҳи шеъри нав дар адабиёти тоҷик дар ибтидои асри бист мутадовил шудааст, аммо ба унвони як сабки шеърии ҷадид танҳо аз солҳои 1960 ба баъд дар миёни шоирони тоҷик марсум гардид: “Солҳои шасту ҳафтод ва баъд шеъри нав, арӯзи озод, шеъри сапед, шеъри бевазн ва беқофия дар адабиёти тоҷикӣ роҳи худро ёфт, анвои шеър ва имконоти фикри ҷӯяндаи шоирон афзуд ва диди вижаи шоирона тақвият ёфт” [157, 112].

Бинобар ин, саволе пайдо мешавад, ки мафҳуми шеъри нав чи гуна ё аз куҷо дар ин марҳала вориди адабиёти тоҷик шудааст?

Ба назари аксари адабиётшиносон падидае, ки дар раванди тағйиру таҳаввулоти тоза дар адабиёти нимаи дуюми қарни XX асаргузор буд,

хидмати аҳли адаб ва ҳунари тоҷик ба Афғонистон ба ҳайси мутарҷим ҳамроҳи мутахассисони соҳаҳои мухталифи Шӯравӣ мебошад. Тайи ин сафарҳо бисёре аз мутарҷимони тоҷик, ки худ шоиру нависанда ва рӯзноманигор низ буданд, барои аввалин бор аз наздик ба манобеи адабӣ ва ҳунарии ҳамзабонони худ дастрасӣ пайдо карданд.

Бо таваҷҷуҳ ба он чӣ гуфта омад, метавон ба ин натиҷа расид, ки шеъри нави Тоҷикистон на танҳо аз шеъри ҷаҳон, балки аз шеъри русӣ ҳам таъсир пазируфтааст.

Вале назари дигаре ҳам ҷой дорад, ки заминаҳои шеъри навро бояд дар каломи суханварони гузаштаи тоҷик ҷустуҷӯ намуд, чун заминаҳои ин навъи шеър дар каломи насри мусаҷҷаъ ва ё истилоҳи маъруфи шеъри мансур ё насри шоирона бояд ҷустуҷӯ намуд. Доро Наҷот дар мақолае аз худ бо номи “Нимо ва намои шеъри нав” чунин менависад: “Шеъри сапед парвардаи таърихи сухан ва ҳазорон мадрасаи шукӯҳу зебоӣ, шевоӣ, мусиқоӣ ва ғиноии сухан аст, ки дар тӯли асрҳо дар саросари Эронзамин ҷиҳати тарбияи завқ, тасаввур ва эҳсосу идроки мардум побарҷову коршоям будааст” [151,76]. Сарчашмаи ин дидгоҳҳои устод Доро Наҷот ин назари Шафеии Кадканӣ мебошад, ки ба он ишорат ҳам намудааст: “Дар насри сӯфия шавоҳиди бисёре метавон ёфт ва ҳамин чизе, ки сухани ононро то ҳадди мудернитарин шеърҳои имрӯз боло мебарад” [140,239]. Шафеии Кадканӣ барои тақвияти фикраш аз ин ду сухани Боязиди Бастомӣ мисол меорад:

Ишқ борида буд ва замин тар шуда..

***

Рӯшантар аз хамӯшӣ чароғ надидам [140, 254].

Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки дар сатри дувуми мазкур аз Боязиди Бастомӣ, ки ба унвони намунае аз шеъри нав ё сапед Кадканӣ зикр намудааст, таҷассуми барҷастаи парадокс ҳам ба мушоҳида мерасад, зеро рӯшантар аз хамӯшӣ баёне мутаноқизнамост, чун хамӯшӣ бештар ба торикӣ рабт мегирад ва дар муқобили равшанӣ қарор дорад.

Нуктаи муҳими дигар дар ин робита ин аст, ки шеъри нав дар солҳои 60-ум ба ҳеҷ ваҷҳ ба унвони як падидаи ғолиб дар адабиёти тоҷик матраҳ набуд, балки шоирони ин давра барои баёни андешаҳои хеш аз дигар қолабҳои шеъри форсии тоҷикӣ низ ба таври фаровон истифода мекарданд. Аз ин ҷост, ки шоирони ҷавони солҳои 60-ум на аз сабки нимоӣ, балки аз сабки нима суннатӣ бо гаройиши навгароёнаи Нодири Нодирпур пайравӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, шеъри сапед ё ба истилоҳи дигар мудерн дар адабиёти муосири тоҷик асосан шуруъ аз поёни асри бистум ва ибтидои қарни бистуякум нуфуз касб намуд. Адабиётшиноси номвари тоҷик Носирҷон Салимӣ роҷеъ ба заминаҳои вуруди ин навъи шеър ба адабиёти тоҷик навиштааст, ки “ҳарчанд ба мафоҳими шеъри нав ва таҷрибаҳои нахустини он шоирони даврони аввали адабиёти имрӯзи мо, чун Айниву Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ дар партави ашъори инқилобии шуарои рус ошноӣ пайдо намуда, дар ин ҷода қадамҳое гузоштаанд, вале ҷавҳари андешаи касрати таъсири шеъри муосири Эрон ба шеъри нави тоҷикӣ пеш аз ҳама интишори пурвусъати намунаҳои шеъри ҷадиди Эрон дар Тоҷикистон, тайи солҳои охир аст, ки дар ин раҳгузор воқеан, таъсири ашъори шуарое чун Фуруғи Фаррухзод, Нодири Нодирпур, Сухроби Сипеҳрӣ, Аҳмади Шомлу, Маҳдии Ахавони Солис ва дигаронро метавон ёдовар шуд” [110]. Албатта, манзур аз шеъри нав ҳамон тарҳи маъруф ба нимоӣ, ки онро арӯзи озод ҳам меноманд, ки он дорои вазн ҳам мебошад ва ҳамзамон ҳамин шеъри сапед ё мудерн баробар дар назар дошта мешавад. Ҳарчанд гунаҳои мухталифи шеъри нав дар сурудаҳои устодони сухан чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Фарзона ва дигарон ба мушоҳида мерасанд, аммо намунаҳои барҷастаи шеъри нав ё ба истилоҳ мудерн бо ҳузури шоири сапедсарои тоҷик Доро Наҷот нуфузи пайваста пайдо намуда, минбаъд дар сурудаҳои Суруш, Адиба, Гулноз, Нуралии Нурзод, Дилором ва дигарон ривоҷи тамом касб намуд. Худи Доро Наҷот дар мавриди фарқияти шеъри нав аз шеъри нимоӣ дар мақолааш навиштааст: “Ва аммо мафҳуми шеъри нав дар худии худ иборат аз шеъри сапед нест. Шеъри нав як шохаи бузургест, ки

рӯийда аз соқаи нимоии худ. Ва ин шеърест, ки пас аз нимо бо шохаҳо ва навдаҳои худ рушд кард. Шеъри нав низ равишҳои мухталифро ба худ касб кард: равишҳое бо рангу буйи нимоӣ, яъне риояти авзону қофия, ки онро шеъри сапед, мудерн, мансур ва ҳамчунин хусравонӣ гӯянд. Ба иборати дигар, ин шеър сарбаркашидаест аз бузургшохаҳои шеъри нав” [151,74].

Ҳарчанд дар мавриди сарчашмашиносии шеъри нав андешаҳо мухталифанд ва бархе онро баромада аз шеъри мудерни фаронса ва дар умум маҳсули ғарб мешуморанд, вале боз ҳам Доро Наҷот ба ин назар аст, ки “аввалан вежаи Ғарб будани он ба ҳайси шеъри муосир ҳарчанд дуруст аст, аммо мегӯям: ин шеър омада аз ғарб нест, балки зодаву парвардаи шарқ аст ва эронзамини бостон гоҳвораву меҳани ин намуди шеър аст” [151,75].

Дар адабиёти гузаштаи мо мафҳумҳои “шеъри мансур” ва “насри шоирона” ҷой дорад, ки бештар дар мавриди насри сӯфиёна ба кор рафтааст.

Шафеии Кадканӣ дар китоби “Мусиқии шеър” дар робита ба тавзеҳи ин маънӣ ба ду мафҳум -”шеъри мансур” ва “насри шоирона” менависад, ки дар “насри шоирона” ҳолу ҳавои наср (мафоҳими мантиқӣ ва гузоришӣ ва ҳақоиқи ғайришеърӣ) аст, ки номи қофия (саҷъ) ва санооти шеъриро ба тан кардааст (мисли “Калила ва Димна”- и Насруллоҳи Муншӣ ва “Марзбоннома” дар забони форсӣ) ва дар шеъри мансур ба маънии хос калимаи ҷаҳонбинӣ ва ҳавои шеър, ба вижа шеъри ғиноӣ аст, ки бар асар ҳукумат мекунад, вале дар хомаи назм зоҳир нашудааст [141, 242].

Ҳатто ҷои дигар Шафеии Кадканӣ менависад, ки “Бояд донист, ки Машриқ ҷодаи ҷадидеро барои урупоиён боз кард, то дар таъсири нуфузи сабки шоирони араб қарор гирифтанд [141,5-6].

Ҳамин тавр, бо такя бар дидгоҳҳои аҳли таҳқиқ метавон бар ин натиҷа расид, ки унсурҳои шеъри нави форсӣ дар таркиби гуфтор ва ақвоми суфиёна, хоса насри шоирона ё шеъри мансур ҷой дошта, дар асри имрӯз дубора ба сурати хоса ё ҳамчун навъи мустақили шеърӣ арзи ҳастӣ намуд.

Шоир имрӯз рисолати хешро вақте метавонад ба анҷом расонида тавонад, ки кӯшише ба гуфтани сухани тоза ва таҷаддуд дар шеър намояд.

Навгарой дар шеър танҳо тамоюл дар шаклу сохтори нави шеър, яъне ашъори нимоӣ ё модерн нест, балки ғунҷоиши вусъати тафаккур ва нигоҳи тозаи шоир ба иҷтимоъ, табиат ва зиндагӣ дар густураи калимот аст. Шоири соҳибқудрат қабл аз ҳама “шеъри нав” гуфтанро дар кашфи асрори коинот аз равзани нигоҳи вижаи худ мешиносад ва дар ин ҳолат шеър маҳсули шинохти ӯ қарор мегирад. Дар ин ҳолат муҳим нест, ки ӯ маҳсули маърифат ва дарёфташро дар қолаби шеъри суннатӣ фурӯ мерезад ё “шеъри модерн”. Ҳароина, “шеъри модерн” устувор ба имконоти васеъ дар густариш ва таҷаллии чунин дарёфтҳост ва тавфиқи “шеъри нав” -и имрӯзи кишварҳои форсизабон ва ҳам Тоҷикистон низ, пеш аз ҳама, дар ҳамин нукта инъикос шудааст.

Аслан таҷаддуд дар шеъри давраи нави тоҷик, ки ба замони истиқлолияти миллии Тоҷикистон пайванд мегирад, асосан аз surудаҳои устодони бузурги адабиёти мо Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ ва дигарон оғоз мешавад. Масалан, мусаллам аст, ки солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва ҳатто айёми расидан ба ин марҳилаи таърихӣ мавзуи муҳимтарин ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ буд, ки асосан зиёиёни тоҷик тавассути навиштани мақола дар матбуот ба ин мавзуъ руҷуъ мекарданд. Пас аз касби мақоми давлатӣ дар соли 1989 дар Тоҷикистон масъалаи гиромидошт ва покизагии забон нақши меҳварӣ касб намуд. Дар натиҷа яке аз Мавзуоти тозаи шеър низ ҳамин ҷойгоҳи забон гардид. Устод Муъмин Қаноат бо шеваи ҷаззоб ва шоирона забонро васф намуда, онро ҳамчун шири модар муқаддасу гиромӣ доштаанд:

Қанд ҷӯӣ, панд ҷӯӣ, эй ҷаноб,
Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ.
Форсӣ гӯӣ, дарӣ гӯӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯӣ варо,

Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.

Бахри ман танҳо забони модарист,

Ҳамчу шири модар аст...[26, 45].

Лоиқ Шералӣ низ бо пайгирӣ аз ин мавзӯъ барои таҷаддуди зеҳнии шеъри суннатии тоҷик иқдомоти шоистае гирифтааст. Мавзуи забон яке аз меҳварҳои аслии сурудаҳои шоирро ба вуҷуд овардааст, ки намунаи барҷастаи он шеър “Забонгумкарда” ба шумор меравад, ки аз ҷумла дар он омада:

Бок не гар доварӣ гум кардааст,

Ё умеди сарварӣ гум кардааст.

Заҳр бодо шири модар бар касе,

К-ӯ забони модарӣ гум кардааст [81, 224].

Дар баробари Мавзуи забон устод Лоиқ яке аз аввалин сарояндагони шеъри ваҳдати миллӣ низ эътироф шудаанд, ки дар саргаҳи баррасии ин мавзуъ ҳамоно ғазали зерин қарор дорад:

Раҳми парвардигори мо омад,

Нури ҳақ бар диёри мо омад.

Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,

Сулҳи бунёдкори мо омад.

Зиндагӣ сахттар зи мурдагӣ буд,

Ҳотифи зиндадори мо омад.

Кӯю барзан пур аз гадоён буд,

Фурсати шоҳкори мо омад.

Пири Канъоно, чашми ту равшан!

Юсуфи дилфигори мо омад...

Чор сӯ буд тирборонҳо

Яке тири барори мо омад...

Кӯҳсоро, бибахш пастии мо,

Нангу ному виқори мо омад.

Ҳоли зору низори мо бигзашт,

Вақти ҷуду нисори мо омад.

Ҷанги девонавори мо бигзашт,

Сулҳи деринтизори мо омад [81, 433].

Профессор Абдунабӣ Сатторзода бо ишорат ба ҳамин ҷанбаи муҳим ва аҳамияти барҷастаи ин ғазал дар сароғози бозтоби Мавзуи ваҳдат ва сулҳи тоҷикон дар шеъри даврони истиқлол навиштаанд: “Ва ҳаргиз тасодуфӣ набуд, ки аввалин шоире ҳам, ки аз байни қаламкашони тоҷик “сулҳи деринтизор”-и (ин ибора ҳам аз ҷумлаи ихтироъҳои гӯянда аст) тоҷикон ва аз нав ба якдигар наздик шудани онро табрик гуфт, боз ҳам Лоиқ буд:

Имоми ду тарафро мекунам табрик,

Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!” [114, 122]

Қайд кардан бамаврид аст, ки Лоиқ тавассути ашъори ҷовидонаи худ, на танҳо Мавзуи асосии ин давраи шеър, яъне тараннуми ваҳдат, талқину таблиғи сулҳи тоҷик, балки масъалаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва зарурати расидан ба ваҳдатро низ, ки аз ҷумлаи мавзӯоти аслии шеъри оғози даврони истиқлол мебошад, дар анвои мухталифи ашъораш таҷассум намудааст. Бо мушоҳидаи ҷанги дохилӣ ва бародаркушӣ буд, ки устод Лоиқ аз оғози даврони истиқлоли миллӣ мардумро барои расидан ба қадри ин неъмат ва ваҳдату ҳамдилӣ даъват менамуд:

Миёни мову ту ваҳшат набошад,

Гунохе мӯҷиби нафрат набошад.

Илоҷи иллати носури миллат

Ба ҷуз ваҳдат, ба ҷуз ваҳдат набошад [81,495].

Маълум аст, ки насли мазкури адабиёт хидматҳои бузургеро барои пешрафти адабиёти муосири тоҷик анҷом додааст, аммо дар даврони истиқлоли миллии Тоҷикистон бештари тозакориҳои адабӣ ба ибтикори Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона робитаи қавӣ дорад ва андешаи мазбур дар навиштаҳои аксари муҳаққиқони шеъри имрӯз, чи дар Тоҷикистон ва чи берун аз он мавриди эътироф қарор дорад. Ҳузури Фарзона барои эҷоди падидаҳои тозаи Мавзуиву ҳунарӣ дар шеъри замони нав, хоса даврони

Истиқлол мусоидат намуд. Аз ин лиҳоз, нуфузи тасвирофарӣ, маънипардозӣ, руҷуъ ба матолиби аслгароиву худшиносӣ, таҷриба дар вазну баҳрҳои мухталиф, сохтори тозаи шеъри нав, идомаи суннатҳои нодири шеъри куҳан, аз ҷумла падидаҳои ҳунарие чун парадокс ва ҳиссомезӣ дар ашъори Фарзона ҷойгоҳи махсус касб намудаанд. Баъзе аз ин масоил дар мақолаҳову нигоштаҳои бархе аз муҳаққиқони тоҷик чун Абдунабӣ Сатторзода, Аскар Ҳаким, Сафар Абдулло, Неъматҷон Файзуллоев, Нуралӣ Нурзод, Замира Ӯлмасова, Субҳони Аъзамзод, Таиба Бобоева ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Барои шарҳу тафсири бархе аз андешаҳо ба чанд нуктаи муҳим руҷуъ хоҳем кард.

Маҷмӯаи ашъори “Ояти ишқ” яке аз дафтари ашъори шоир мебошад, ки шеърҳои марҳилаҳои аввали эҷодиёти ӯро фаро мегирад, вале аз ҳамон ашъор эҳсос мешавад, ки дар вуҷуди ин суханвари мумтоз кӯшишҳои тозагӯиву тозаҷӯӣ нуфуз доранд. Аз ҷумла:

Омад ӯву баҳри тӯфонҷӯшро беҷӯш кард,

Ахтаронро кушту шабҳоро тиҳиоғӯш кард [68,144].

Дар навбати аввал эҳсос мешавад, ки ин ҷо тасвири як ҳолати отифӣ аст, ки аз баёни ҳолу ҳавои ҳузури мунаввари дӯст эҷод шудааст ва суханвар он омаданро ҳамин гуна мепиндорад, ки аз омаданаш як баҳри туфонҷӯш беҷӯш мегардад. Ҳатто дар ҳамин маврид иштиёқи баёни муассири сухан омил шудааст, ки ду тасвири парадоксӣ эҷод намояд. Ҳолате, ки баҳри тӯфониро хомӯш кардан ё ба таъбири шоир беҷӯш менамояд, албатта танҳо дар ҳолу ҳавои отифӣ иттифоқ меафтад, вагарна ҳузури ҳеҷ як инсони муқаррарӣ дар анҷоми ин амал қодир нест ва дар давоми он тасвири дигари ин байт-куштани ахтарону тиҳиоғӯш кардани шабҳо ҳам монанди тасвири мисраи аввал аст, ки балоғати онро ҳамин тасвири парадоксӣ тамъин намудааст.
Фарзона дар ғазали дигаре мегӯяд:

Ба ҷони ташнаи ман рӯдвора меоӣ,

Ба зери шонаи чап санги хора меоӣ [70,400].

Дидгоҳҳои инфиродӣ ва нигоҳи хоси шоир барои дарёфти маънии тоза ба мушоҳида мерасад. Шабоҳати “дили бераҳм” ва ”санги хора” дар шеъри классикӣ бесобиқа аст. Вале, ҳангоме ки Фарзона онро аз сарҳади ташбеҳ ба истиора мекашаду ифодаи “ба зери шонаи чап санги хора меоӣ”- ро ба вуҷуд меоварад, иҷтиноби вай аз такрори шуарои пешин ва кӯшиш ба дарёфту тозагӣ эҳсос мегардад. Маънии умумии байт низ дарёфти тозаи шоирона аст. Вақте шоир дар мисраи нахуст “ба ҷони ташнаи ман рӯдвора меоӣ” мегӯяд, дар назари аввал равшан мешавад, ки гӯё қасди шоир ифодаи он аст, ки ҳузури ту, яъне, бозгашти ту ба ҷони ташнаи ман мисли об аст. Вале аз маънии мисраи дувум ҳадафи ҳақиқии гӯянда ошкор мегардад, ки матлаби қаблӣ нест. Балки шоир омадани ҳабиби хешро ба ҷобириву бераҳмӣ сифат мекунад. Зеро рӯдвора омадани маъшуқ ҳолатест, ки на танҳо сӯхтанҳои ошиқро оромиш намебахшад, балки вуҷуди ӯро бо ин вусъати сангиндилӣ барбод медиҳад. Қасди аслии шоир изҳори бепарвоӣ, ҳузури орӣ аз муҳаббати маъшуқ аст, ки раҳме ба ҷони ошиқи бечора надорад ва дарди варо бо ин касрат мебахшад на таскин.

Дар идомаи ҳамин ғазал мефармояд:

Салом, дузди дили ман, ба дуздиат нозам,
Ниҳон гурехтиву ошкора меоӣ [70,400].

Дар ин маврид ҳам маънӣ ва ҳам дарёфти шоирӣ аст. Афзун бар ин, тарзи ифода ва истифодаи калимот шоиронаву хеле муносиб ҷойгузин шудаанд. Ибораи “ба дуздӣ нозидан” зебову ҳунармандона буда, матлаб ва дарёфти шоирро меъроҷ бахшидааст. Маълум аст, ки дуздӣ сабабгори аслии ранҷу заҳмат ва ҷазои беҳудуд мегардад, илло дуздии дил, ки ба саодат раҳнамоӣ мекунад. Ин аст асли назари шоир, ки дар вусъати ин байт онро бо зеботарин ваҷҳ тафсир намудааст. Оҳанги дарунии байт ва мусиқияти байтро як навъ назокати хос ато намуда, такрори калимотро ҳамчун шеваи хоси истифодаи шоиронаи вожагон муаррифӣ намудааст.

Таҷрибаи навовариҳо ва истифодаи муваффақонаву шоиронаи унсурҳои бадеии шеър дар сурудаҳои Суруш ҷараён дошта, ба унвони хусусияти

шоистаи ҳунарии шеъри ӯ табдил гардидааст. Аз ҷумла, дар шеъри “Шаб ва тарс”- и ӯ пайванди миёни умри гузарон ва боди ҳарзагӯ бо корбурди аносири бадеии шеър ҷилваи зебо дорад. Шоир ҷойи зикри “умр мисоли боди ҳарза ба беҳуда меравад”, матлабро бо ҷумлаи “умрро бод мевазад ҳарза” ифода намудааст:

Ҳайф, сад ҳайф, дар қаламрави шаб,

Умрро бод мевазад ҳарза [59,45].

Маълум аст, ки дар шеъри классикӣ ва имрӯз маънидоди зиндагӣ ҳамчун ҳосили ранҷу ғам, балки риёзату андӯҳи инсонҳо дар фосилаи кӯтоҳи умр касрат дорад.

Аз муҳимтарин навгароие, ки дар адабиёт дар ҳама давру замон рух медиҳад, эҳсоси набзи фосилаву замон дар шеър аст. Аз ин лиҳоз аксари шоирони имрӯз ба навоварӣ ва сабку хусусиятҳои хос дар эҷоди шеър аз ҳам тафовут доранд.

Устод Фарзона дар ин ҷода бартарӣ дорад. Ҳатто дар шеъри суннатӣ ба ин васила тавониста, ки либоси муосир пӯшонад ва рӯҳи замони хешро дар вусъати он ба ҷилва оварад. Чунончӣ:

Бишкуфт гули чатрам аз бӯсаи боронҳо,

Боғи шакаринлаб зад атре ба гиребонҳо [71,110].

Ҷилваи рӯҳи замони имрӯз дар он эҳсос мешавад. Танҳо шоири муосири мо метавонад, ки чунин маъниро аз вусъати зиндагии ҷории хеш ба вуҷуд оварад. Корбандии афзуни вожаҳои “тилфун”, “компутар”, “саксафун”, “тайёра” ва амсоли ин дар шеъри Фарзона муосирияти рӯҳи шеърро таъмин намудаанд.

Ғуруби хуршед дар адабиёти гузаштаву имрӯзаи мо бо шаклу шеваи ба худ хос ва тасвирҳое мухталиф чилвагар шудааст. Ба назар мерасад, ки шоирони имрӯз низ талош доранд, ки тасвирҳоеро аз рӯи дидгоҳи хеш ва тасаввури худ офаранд. Аз ҷумла, Суруш вақте дар шеъри “Рамзу рози адам” барои тасвири ғуруби шед чунин менависад:

Вақте ки хуршед дар лаби ғуруб

сигори фурӯзон буд
ва ҳалқа-ҳалқа дуди ғализи шом
вақтро ба сиёҳӣ меолуд,
дар ҷангали мубҳам таҳайур
роҳи руҷуъ ба бепарвоӣ гум шуд…[59,33].

Тасвири ғуруб тоза аст ва махсусияти замониро касб карда. Яъне ғурубро ба сурате тасвир мекунад, ки хуршед дар лаби ӯ ба мисли сигори фурӯзон аст ва ҳалқ- ҳалқа дуди ғализи шом вақтро ба сиёҳӣ меолуд. Тасвири ғуруб дар андешаи Суруш баробари сигори фурӯзони лаби шом будани хуршед вақтро ба сиёҳӣ олудани дуди ғализи шом аст. Шоир ва мунаққиди тоҷик Нуралӣ Нурзод дар пасгуфторе, ки ба китоби "Салиби сафед"-и Суруш навиштааст, аз ҷумла ин шеваи тасвирсозиро ба баёни ҳолатҳои отифии инсон пайванд дода менависад, ки "Суруш ҳолатҳои мухталифи руҳонии инсонро кашф намуда, дар заминаи мукошафа онҳоро тафсир мекунад. Гоҳо ин маърифати авотиф ва ҳолатҳои рӯҳии инсон дар ҳаҷми як шеър сурат мегиранд" [59, 113]. Дар шеъри боло низ мо ҳамин ҳолатро мушоҳида мекунем, ки шоир барои тасвири ду ҳолати отифӣ, яъне ҳайрат ва бепарвоӣ тасвири манзараи ғурубро бо диди худ тасвир мекунад.

Шоири халқии Тоҷикистон Озарахш дар шеъри "Аз чашмасор омадам" набзи рӯзгорони ҷории хешро хуб эҳсос карда, барои таҷассуми бештари рӯҳи замони зиндагонии хеш ба асри бисту як ишорат мекунад, аммо тасвири ҷолиби ӯ дар он ба зуҳур мерасад, ки дар вуҷуду ҳастии худ ҳастиии тамоми инсониятро тасвир мекунад, яъне ӯ ҳамон инсонест, ки дар шахси ӯ сивусе аср ҳам гузаштааст:

Солам ба сиюсест,
вале дар хаёлу хоб
як аср, ё ду аср,
ё сиюсе ҳазор
ман умр дидаам.
Дар шахси ман сулолаи Ашкониён гузашт,

Сосониён гузашт,

Сомониён гузашт.

Инак, зи асри бист ба даргоҳи асри бистуяк

Бояд, ки чун сулолаи имрӯз бигзарам [41,56].

Дар ин сурудаи шоир ҳисси рӯҳи замон, рисолати инсони асил ва мақому ҷойгоҳи шоир, афзун бар ин, пайванди маънавии дирӯзу имрӯз хеле маҳкаму қавӣ сурат гирифааст. Шоир аст, ки метавонад гузаштаву имрӯзу фардоро ба ҳам пайванд бахшад.

Дар сурудаҳои Гулноз низ ҳамин рӯҳияи таҷассуми замон ба равшанӣ ба мушоҳида мерасад. Рӯйдодҳои нодири замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар сурудаҳои шоир паёме ҳунарварона дошта, дар қолиби таркиб ва таъбирҳои шоирона ҷилвагарӣ доранд. Аз ҷумла, дар шеъри “Ҷони Анзоб” зарурати таърихӣ ва ниёзмандиҳои Тоҷикистон барои эҷоди ин нақби бузург ҷилваи шоирона дорад:

Тоҷикистони азизи ман

барои бозёфти ними худ

синаи сангини кӯҳ бишкофт.

Матлабаш он сӯи кӯҳҳо буд.

Васли умеду ҳақоиқ

чун набуд осон,

Фурсати азми тақарруб,

нохунаш

аз теғ шуд.

Балки ту донистаӣ, эй ҳамватан,

лаъл дар санги сари раҳ нест! [14, 55]

Дар маҷмуъ, чунин унсурҳои навгароиро дар адабиёти даврони истиқлол бо шеваҳои хос ва аз зовияҳои ҳунари сухангустарӣ ва андешаҳои дурпарвозашон метавон тафсир намуд. Муҳимтарин нуктае, ки дар тозакориҳои ашъори мавриди назари шоирон ба ҷилва мерасад, таҷассуми рӯҳи замон, мавзуи рӯзгори имрӯз, таҷрибаҳо дар қолибҳои суннатӣ ва нави

шеър ва амсоли ин ба чашм мерасанд. Аммо, зикри намунаҳои шеърии мазкур кофист, то мо бо боварӣ изҳор дорем, ки имрӯз воқеан равандҳои тозае ҳам аз диди фикрӣ ва ҳам аз назари сабку ҳунари шоирӣ ба қаламрави шеъри муосири мо роҳ ёфтаанд, ки ин амр моро боз ҳам ба ҷусторҳои бештаре дар ин ҷода ба хотири муаррифии фаротаре аз арзишҳои фикриву ҳунарии шеъри имрӯз ҳидоят мекунад. Бегумон, масъалаи тозакориҳои мавзуиву шаклӣ, хосатан мавзуоти хоси замони истиқлол ва шеваҳои шоиронаи баёни он як мавзуи таҳқиқоти ҷудогонаест, ки бовари комил дорем, ки дар оянда як самти муҳими нақду адабиётшиносии имрӯзро ба вуҷуд меоварад.

Ба таври куллӣ, адабиёти даврони истиқлоли тоҷик бар асари омилҳои мухталифи адабӣ хусусиятҳои хоси хешро чӣ аз диди мавзуӣ ва чӣ аз нигоҳи ҳунарӣ, шаклҳои шеърӣ ҳосил намуд, ки ба унвони хулосаҳои ин фасли диссертатсия ин вижагиҳиро чунин баршумурд:

- талош ва кӯшиши шоирон барои ҳифзи асолати забони тоҷикӣ ва истифодаи вожагони қадим ва унсурҳои фарҳанги мардумӣ дар маънисозӣ;

- вуруди мавзуоти тозае чун бозтоби дастовардҳои истиқлоли миллӣ, ваҳдату сулҳ, тасвири замони ҷанг ва тарғиби сулҳ, дар шеър ва тарғибу тараннуми корсозиҳову корномаҳои замони нав;

- зуҳури шеъри ваҳдат ва ваҳдатсароӣ, тараннуми сулҳ дар адабиёти миллии тоҷикӣ;

- рӯ овардан ба суннатҳои хоси ҳунарии шеъри классикӣ ва иқдом дар таҷаддуди ҳунарии шеър;

- таҷрибаҳои ҳунарӣ дар қолибҳои мухталифи шеърӣ, вуруди анвои навъи шеърӣ, чун шеъри сапед, нимоӣ, мудерн ва амсоли ин;

- зуҳури тамоюли хоси шеъри бонувони суханвари тоҷик ва вижагиҳои хоси он, ки барои таъйини махсусиятҳои шеъри ин замон нақши муассир дорад;

- шинохти заминаҳои классикии зуҳури шеъри нав ва татбиқи беҳтарин падидаҳои ҳунари адабиёти қадим дар шакл ва муҳтавои дигар.

## I.2. Шеъри тасвирӣ ва анвои тасвир

Роҷеъ ба маънии луғавӣ ва истилоҳии тасвир диду назарҳои маҷмӯи донишмандонро Маҳмуди Футуҳӣ натиҷагирӣ карда, ки "тасвир" (имож) пуркорбурдтарин истилоҳи нақди адабӣ аст, ки аз дербоз дар балоғати исломӣ матраҳ буда ва дар давраи шукуфоии нақди ҷадид дар адабиёти ғарб меҳварияти бисёр ёфт. Баҳс аз тасвир маҳз ба қаламрави адабиёт нест, балки дар равоншиносии идрок ва шохаҳои гуногуни ҳунар, аз ҷумла наққошӣ, пайкарасозӣ низ дар бораи ин мафҳум баҳси бисёр аст…." [143,27].

Аз ин баррасии Маҳмуди Футуҳӣ бармеояд, ки ӯ дар фаҳмиши нақди адабии муосир мафҳуми "имож"-ро муродифи тасвир ба кор бурда, бо такя бар фарҳангу луғоти қадиму ҷадид онро чунин тафсир намудааст: "Дар луғатномаҳои инглисӣ барои вожаи "имож" (Image) маънии зер омадааст, ки бадалшавӣ, шабеҳ, акс, муҷассама, шакл, ташбеҳ, соя, шамоил, баргардон ва намодин кардан... Мунаққидон ва балоғиёни муосири араб низ вожаҳои "сурат" ва "тасвир"-ро муодили "имож" ба кор бурдаанд. Дар забони форсӣ калимаи "хаёл"-ро баробар бо "имож" пешниҳод кардаанд, зеро хаёл дар маънии соя, акс, пурҳеб... омадааст, аммо дар нақди адабӣ ва балоғати форсӣ истилоҳи тасвир мақбудияти ом ёфтааст" [143, 28-29].

Ҳарчанд ин муҳаққиқи "Балоғати тасвир" муқаррар кардааст, ки дар балоғати арабӣ тасвирро аввалин бор Ҷоҳиз ва баъдан Абуқоҳири Ҷурҷонӣ баррасӣ намудаанд, аммо баҳси куллии ҷойгоҳи тасвир дар балоғати форсӣ пеш аз худи Футуҳӣ дар таҳқиқоти арзишманди Шафеии Кадканӣ "Сувари хаёл дар шеъри форсӣ" ҷараён гирифтааст [140, 29]. Мутобиқ бар таҳқиқоти анҷомдодаи ҳам Кадканӣ ва ҳам Футуҳӣ дар балоғати форсӣ мафҳуми хаёл дар баробари тасвир ба кор рафтааст ва ривоҷ ёфтани истилоҳи сувари хаёл дар шеър, ки аз унвони китоби Кадканӣ ҳам ба шумор меравад, ба он ишорат мекунад, дар нақду баррасии классикии тоҷикӣ бештар хаёл ва тасвир ба ҳам наздикӣ доранд.

Дар шеъри муосири тоҷик тамоюли муҳимтарини ҳунарӣ идомаи суннатҳои адабиёти классикии тоҷик ба шумор меравад. Суханварони

муосири тоҷик сар карда, аз нимаҳои аввали солҳои панҷоҳ-шастуми асри гузашта ба давом додани суннатҳои дерини адабиёт, хоса таҷрибаҳои ҳунарӣ дар навъҳои анъанавии шеър талош кардаанд. Аз ин рӯ, ҷойгоҳи тасвир дар шеъри муосири тоҷик аз ҳамон дидгоҳҳое сарчашма мегирад, ки дар шеъри классикии мо ривоҷ доштааст. Танҳо тозагии муҳит, фазо ва вақт имконият фароҳам овард, ки дар эҷоди тасвири шоирона тавассути хаёлоти рангини хеш шоирони муосири мо тозагиҳое эҷод намудаанд.

Дар бораи тасвир ва нақшу ҷойгоҳи он дар таҳаввули шеър чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз ва дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ дидгоҳҳои мухталифе ҷой доранд, ки нахуст баррасии онҳо метавонад, барои таъйини вижагиҳои он нақши муассир гузорад.

Ризо Бароҳанӣ зимни тафсири мафҳуми истилоҳии тасвир онро ҳамчун ҳалқа задани ду чиз аз ду дунёи мутағайир ба василаи калимот дар як нуқтаи муайян мешуморад [139, 114].

Аз ин муҳокимаронихо метавон ба натиҷае расид, ки бештари муҳаққиқон ҳангоми маънидоди мафҳуми тасвир ҳамчун рукни шеър ҷанбаи суратбахшии онро ба назар гирифтаанд.

Устод Аскар Ҳаким дар робита ба таснифи худи шеър як навъи онро шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ унвон карда, аз ҷумла дар бораи ин навъи шеърӣ чунин навиштааст: “Яке аз анвои шеъри ғиноӣ ашъори ғиноии тавсифию тасвирӣ мебошад, ки дар он аносири олами ашѐ, манзараҳои табиат, воқеъияти мавҷуда нисбат ба дигар навъҳои назми ғиноӣ мақоми муҳим доранд, ки ба сари худ Мавзуву мӯҳтавои шеър қарор гирифта, дар зимни ин ё он рӯҳия ва ё андешаеро ифода менамояд. Ин навъ шеър ҳам бо ҳузур ва ҳам бе ҳузури фаъоли шахсияти шеър арзи вуҷуд мекунад. Агар дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ шахсияти шеър мавҷуд бошад ҳам, дар он мабҳаси тасвир – аносири олами ашѐву табиат мақоми бартаре дошта, ба воситаи тавсифу тасвири онҳо фаъолияти шахсияти шеър, ки моҳияти иҷтимоии ҳастии ӯро муайян менамояд, ошкор мегардад [155, 109].

Пас, аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар баробари мафҳуми тасвир, истилоҳи шеъри тасвирӣ низ ҷой дорад, ки бояд ба шинохти моҳият ва асолати он низ роҳ кушод. Ҳарчанд дар осори назарии гузашта ишороте дақиқ ба мавҷудияти шеъри тасвирӣ нуқтаи назарҳо ҷой надорад, аммо ба мушоҳида мерасад, ки вобаста ба рукнҳои мухталифи анвои шеърӣ дидгоҳҳое ҷой доранд. Албатта, яке аз аввалин намунаҳои шеъри тасвирӣ ҳамон қисмати ташбиби навъи қасидаро метавон зикр кард, ки шоирон дар ин бахш қабл аз вуруд ба мадҳи шахси мадҳшаванда дар ситоиши баҳор ё назокатҳои табиат сухан мекунанд. Ин бахши қасидаро устод Аскар Ҳаким дар робита ба пайванди он ба тасвири табиат шеъри манзара ҳам унвон намуда, чунин навиштааст: “Шеъри манзара, ки сувари хаёлу тасвиркориро бо андешаву отифа бо худ дорад ва табиату манзара дар он зиндаву гӯё ба қалам омада, намунаҳои олияш дар осори Абӯабдуллоҳи Рудакӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ ва баъзеи дигарон мавҷуд аст, минбаъд ба шохае бадал мешавад” [155, 229].

Мавҷудияти навъи қасидаи баҳория, ки намунаи аввалини он ба устод Рӯдакӣ тааллуқ дорад, низ як шакли қадимаи шеъри тасвирӣ метавонад бошад. Адабиётшинос Нуралӣ Нуров бошад, дар ҷараёни таҳқиқи шеъри Бедил навъи ғазали тасвириро дар заминаи шарҳи як ғазали ӯ шартан муқаррар навиштааст: “Вале таҷорубе дар Бедил ба мушоҳида мегирем, ки саропои абёти як ғазал аз тасовири мухталиф иборат аст ва ин таҷрибаро як вижагии тозаи ҳунарии шеъри Абулмаонӣ метавон номзад кард. Ба таъбири дигар, гоҳо нуфузи тасвир дар шеъри Бедил ба ҳаддест, ки як ғазал мукаммал аз тасвири шоирона таркиб меёбад ва омил ба таҳаввулоти ҳунарӣ дар зуҳури ғазали ба истилоҳ тасвирӣ мегардад, ки онро мо шартан ҳамин гуна унвон додаем” [111,224].

Устод Аскар Ҳаким вобаста ба шеъри имрӯз ду навъи шеъри тасвириро дар таркиби шеъри ғиноӣ муқаррар намудааст, ки яке шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ ва дигар шеъри тавсифию тасвирӣ номида шудааст. Аз ҷумла, дар бораи худи шеъри ғиноӣ, ки онро ба тасвир пайванд

медиҳад, чунин навишта: “Маънои дигари шеъри ғиноӣ, ки дар он низ андешаҳои отифии фарди ғиноӣ мақом дорад, навъест ки дар он андешаҳои отифӣ на фақат ба воситаҳои забонӣ баён мешаванд, балки дар баёни онҳо унсурҳои тасвир низ ширкат менамоянд” [155, 114]. Дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодаи ин муҳаққиқ маълум мешавад, ки истилоҳи шеъри ғиноии тасвириро аз адабиётшиноси рус Г. Н. Поспелов пазируфтааст. Ӯ дар бораи махсусиятҳои ин навъи шеър андешаҳои хешро чунин баён намудааст: “...дар худ ҷаҳони хусусии ашёвии тасвирро инкишоф медиҳад, ки баъзан ғаниву гуногунранг мебошад” [155,102].

Ҳамзамон, дар бораи навъи дигари шеъри тасвирӣ, ки онро ғиноии тавсифию тасвирӣ меномад, чунин изҳори назар кардааст: “Дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ аносири олами ашё, манзараҳои табиат, воқеияти мавҷуда нисбат ба дигар анвои шеъри ғиноӣ мақоми муҳим доранд, ки мавзуъву муҳтавои шеър қарор гирифта, ин ё он рӯҳия ва ё андешаеро ифода менамоянд. Он ҳам бо ҳузур ва ҳам бе ҳузури фаъоли шахсияти шеър буданаш мумкин аст. Агар дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ шихсияти шеър мавҷуд бошад ҳам, дар он мабҳаси тасвир – аносири олами ашёву табиат мақоми бартаре дошта, фаъолияти шахс ба воситаи тавсифу тасвир нишон дода мешавад [155, 228].

Дар идома бошад заминаҳои пайванди ин навъи шеъриро бо воқеият, ки асли эҷоди тасвир ба он марбут аст, чунин тафсир мекунад: “Дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ мавқеи олами ашё бо зуҳуроти гуногуни худ, хоҳ дар шакли манзараҳои табиат ва хоҳ воқеияти навофаридашуда, масалан, намои шаҳру сохтмонҳо муҳиммтар гашта, маҳз онҳо дар шахсияти шеър пайдо шудани ин ё он гуна эҳсososту таассуроти ғиноиро муайян менамоянд. Аносир ва зуҳуроти гуногуни воқеияти мавҷуда, ки дар рӯ ба рӯи ҷаҳони ботинии шахсияти шеър қарор мегиранд, маншаи чигунагии идроки ӯ аз олами ҳастӣ мебошанд, ки ба он рангу тобиши гуногун – воқеӣ, хаёлпардозона, массаратомез ва ё ҳузнангез медиҳанд. Дар ин ҳолат оламу ашёву воқеият арзиши маънавӣ пайдо карда, маводи шеъри ғиноӣ мешавад,

зеро шеъри ғиноӣ махзани арзишҳоест, шахсияти он аз маърифати зуҳуроти мухталифи ҷаҳони ҳастӣ ҳосил менамояд. Дар баробари ин, ҳамчунонки қайд шуд, ҳамаи ин вазифаро шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ бе вуҷуди шахсияти шеър ҳам иҷро карданаш мумкин аст. Дар он ҳолат фикру ақида ва эҳсосоту таассуроте, ки шоир мехоҳад ифода кунад, дар интихоби аносири олами ашё, тарзи тасвири манзара, яъне дар зимни мабҳаси тасвир ҷойгузин мешавад [155, 228].

Таваҷҷуҳ ба шеъри муосири тоҷик баёнгари он аст, ки албатта намунаҳое аз ин навъ шеъри тасвирӣ мавҷуданд, ки ба намунаҳое аз он дар осори Мирзо Турсунзода, устод Аскар Ҳаким руҷуъ ва онро баррасӣ ҳам намудаанд. Мутолеаи шеъри даврони истиқлоли тоҷик низ муқаррар мекунад, ки чунин навъи шеърҳои тасвирӣ дар ин марҳила, чи дар навъи суннатӣ ва чӣ дар навъи ҷадид ба чашм мерасанд. Устод Фарзона ҳамчун яке аз пешқадамони шеъри имрӯз дар ташаккули навъи шеъри тасвирӣ нақши муҳим гузоштааст. Ҳатто ба як намунае аз чунин ғазали тасвирӣ ҳам метавон дар эҷодиёти шоир рӯ ба рӯ шуд, ки бо сарчашма гирифтан аз назокатҳои баҳор тасвири табиат ҷилвагарӣ мекунад. Ҳолати боридани борони баҳорӣ, ки чун ба рӯи баргҳо бирасад, он гӯё ҳолати каф заданро ба хотир меоварад, чакидани қатраи борон мисли гавҳарест, ки онро ба гӯши гул меовезад. Сарои ин ғазал ҳам ҳамон тасвири манзараи баҳор аст, ки бо ҳолатҳои отифии дарунии шоир пайванд ёфтааст, ки воқеан намунаи барҷастаи шеъри тасвирист:

Баргҳо каф мефишоранд, оби раҳмат, рез боз,
Гавҳари ҳар қатраро дар гӯши гул овез боз.
Бо рагам пайванд кун шарёни худро, эй баҳор,
Дар дили афсурдаи ман хуни нав ангез боз.
Нахлҳои сарбурида, хунатон дар гарданам,
Мешавед андар биҳишти он ҷаҳон гулхез боз.
Марғзоре ку дигар дар ин замини заҳрбор,
То биёяд бо шамими сабзааш Шабдез боз [69, 446].

Ҳамин гуна, тасвири як манзараи баҳорӣ дар шеъри “Наврӯзӣ”-и Озар низ ба чашм мерасад, ки он боис ба эҷоди ғазали отифии тасвирӣ гардидааст. Ин ҷо тасвири бедор шудани гул, ки ифодагари шукуфтани он аст, боридани борон ба сурати атса задани абру раъду барқ, гулистони шукуфо дар дашт ба гунаи чаканпӯш шудани он, аз хонаи ях бо дили гирён бархостони он ҳамагӣ ҷанбаҳои воқеии тасвири табиатро дар пайванд бо ҳиссу отифаи шоир тафсир кардаанд. Дар баробари ин, худи ҳамин атсаи абр, аз хоб бархостани гул, бар тани дашт чакан дӯхтан, ҳунари духтари борон аксаран бо назардошти он ки дар ҷавҳари худ ташхис доранд, гунаҳое зебо аз тасвири парадоксӣ низ ҳастанд, чун атса задани абру ҷомадӯзии духтари боронро танҳо дар хаёли шоирон метавон мушоҳида намуд:

Атса зад абр, гул аз хоби зимистон бархост,
Ҷом бар даст зи ҷо соқии мастон бархост.
Ресмон ранг заду дӯхт чакан бар тани дашт,
Чи ҳунарҳо, ки аз ин духтари борон бархост.
Чист ин сабзаи навхез? Само аз шӯхӣ
Рехт обе, ки ба тан мӯйи биёбон бархост.
Барф гар деви сапед аст, натарсем, ки боз
Гурзи хуршед ба каф Рустами Дастон бархост [40,7].

Танҳо зикри ин ду намуна кофист, ки мо ба нуфузи шеъри тавсирӣ дар миёни осори намояндагони адабиёти даврони истиқлоли миллӣ ишорат намоем. Албатта, Мавзуи мазкур низ таҳқиқе ҷудогона мехоҳад ва бегумон дар асоси баррасии вижагиҳои ҳунарии ин навъи шеърӣ мо аз ҳар ҷиҳат нақши муассири парадоксро низ метавонем муқаррар намоем, зеро корбурди ташхис дар ин навъи шеърӣ аксар маврид ба эҷоди тасвири парадоксӣ омил шудааст.

Аз ин баррасиҳо маълум мешавад, ки пояи шеъри тасвирӣ ва анвои он боз ҳам ба ҳамон аносири эҷодкунандаи тасвир ва ё тасвирсоз такя мекунад. Ба ифодаи дигар, шеъри тасвирӣ дар заминаи вуҷуди анвои тасвир ҳосил мешавад, ки моҳияти онро пайванд бо табиат ва воситаҳои тасвири бадеӣ ба

вуҷуд меоваранд. Дар ин замина маълум мегардад, ки ҷавҳари аслии тасовирро ҳамоно санъатҳои бадеӣ ташкил медиҳанд, ки бегумон дар ҳамон навъи тасвири парадоксӣ ҳам нақши ташбеҳу тазоду муболиға муҳим аст.

Муҳаққиқи ашъори Фарзона Таиба Бобоева бошад, бо назардошти ба эътибор гирифтани нақши санъатҳои бадеӣ дар эҷоди тасвир, шартан чанд навъи онро дастабандӣ кардаанд:

Тасвир бар мабнои ташбеҳ.

Тасвир бар мабнои ташхис.

Тасвир бар мабнои тавсиф

Тасвир бар мабнои саноеи дигари бадеӣ [98, 35].

Чунонки қаблан зикр гардид, албатта, ҳеҷ як тасвир ё шеъри тасвирӣ бидуни воситаҳои бадеӣ асли худро ба вуҷуд оварда наметавонад.

Маълум аст, ки санъати ташбеҳ аз ҷумлаи санъатҳои бадеии маъруф ва пуркорбурд дар шеъри муосири тоҷик ба шумор меравад, ки дар баробари шарҳу тафсир ёфтан дар кутуби назарӣ дар сувари хаёли шоирони гузаштаи мо нақши муҳим доштааст. Имрӯз низ дар ҷараёни эҷоди тасвири шоирона ҷойгоҳи онро метавон ба таври махсус қайд намуд. Масалан, Гулрухсор ҳолати отифии хешро бо такя бар воқеияти зиндагонӣ мехоҳад тасвир кунад ва дар ин ҳол бо истифода аз ташбеҳ ду дасти хешро ба ду пари шаҳбоз монанд мекунад, ки омодаи гирифтани суръати парвоз дорад. Албатта, дар ин ҳол имкони зоҳирии парвоз нест, аммо ҳолати дарунӣ ва отифии шоир онро тавассути ҳамин шабоҳатсозӣ дар қолаби шеър ҳамчун як тасвири тавассути ташбеҳ офаридашуда ҷилвагар намудааст. Беҳикмат нест, ки худи шеър “Рақс” унвон гирифтааст ва ҳолати рақсу ваҷди дарунӣ дар ин ҷо барои пайванди отифа ва тасвир нақш гузоштаанд:

Садои даф чу бархезад,  
Дилам аз ғусса бигрезад  
Ду дастам, ду пари шаҳбоз, гирад суръати парвоз,  
Ба саҳна бол бикшоям,  
Ҷавони маҳфилороям,

Дилам бар ҳар мақоми даф диҳад бо ларзише овоз... [16, 18]

Дар баробари ташбеҳ истифода аз тахшис дар эҷоди тасвирҳо муҳим аст. Мунаққиди муосири тоҷик Абдураҳмон Абдуманнонов, дар робита ба нақши ташхис дар эҷоди тасвир менависад: “Дар шеъри мо ба ашёву ҳодисаҳо ва мавҷудоти табиат сифатҳои одамӣ бастан, яъне ташхисонидани онҳо анъанаи ғанӣ ва намунаҳои олӣ дорад. Ин анъана дар беҳтарин шеърҳои манзаравии шоирони имрӯз бо мазмунҳои фалсафиву иҷтимоӣ давом ёфта, рангу тобишҳои замонавӣ мегирад” [92,18].

Дар ҳақиқат, тасвири дар асоси ташхис эҷодшуда дар ҷараёни зуҳури тасвири парадоксӣ низ нақши муҳим дорад, ки баҳси муфассали он дар боби дувуми рисола бо шарҳу баёни мақоми ин санъати бадеӣ дар эҷоди он хоҳад рафт.

Тасвирсозӣ ба воситаи тавсиф дар шеъри Доро Наҷот низ бештар зимни дар ҷараёни шарҳу баёни отифа ва ҳиссиёти дарунӣ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, дар шеъри “Андӯҳ”-и шоир ҳастии чунин навъи тасвир дар вуҷуди ибораи “решаҳои намзадаи ҳасрат” ба мушоҳида мерасад:

Ман,бӯйида- бӯйида
атри туро аз гесӯи шаб,
мӯйида – мӯйида
ба ҳоли гирёни дилам,
рӯйида – рӯйида
аз решаҳои намзадаи ҳасрат
меҳан кардам яъси даштҳоро [36, 13].

Дар ин ҷо равшан аст, ки дар таркиби ин шеъри устод Доро Наҷот тасвирҳое ҷой доранд, ки ба ғайр аз тавсиф ҷанбаҳои парадоксӣ доранд, ки метавон ин ҷо ба онҳо низ ишорат намуд. Аз сабаби он ки тасвири парадоксӣ дар асоси корбурди дигар анвои саноаеи бадеӣ, чун тазод, муқобила, муболиға ва амсоли ин ба вуҷуд меоянд, дар ҷараёни таҳқиқ дар бобҳои оянадаи рисола ба ин шеваи сохтмони тасвирҳо руҷуъ мешавад. Ин ҷо “атри туро бӯида бӯйида аз гесӯи шаб” гуфтани шоир навъе ҳиссомезист, вақте

агар мо онро тасаввур кунем, аз гесӯи шаб буидан омезаи ҳисси шоммаро ба басират ба намоиш мегузорад, ки ҳам ҳисомезист ва ҳам тасвире мутаноқизнамо. Аз ин рӯ, метавон ин ҷо дар баробари баррасиҳои анҷомдода натиҷагирӣ намуд, ки дар шеъри муосири тоҷик дар баробари дигар тасвири бар асоси саноеи маъмулии бадеӣ эҷодшуда, ки дар ин бора дар рисолаи Бобоева Таиба ҳам изҳори назар шудааст, тасвири парадоксӣ низ нуфуз доранд, ки онҳо низ ба шаклу шеваи дигар тавассути корбурди дигар анвои саноеи бадеӣ ба зуҳур мерасанд, ки баҳсҳои аслии таҳқиқоти моро ба вуҷуд овардаанд. Баррасии муфассали он дар бобҳои дувум ва савуми рисола сурат мегирад.

Дар таркиби ашъори шоир Гулноз шеъре бо номи “Зангулаи борон” ҷой дорад, мурур ба муҳтавои ин шеър моро ба ин натиҷа мерасонад, ки шоир ҳам дар он аз аносири табиат барои сохтмони тасвирҳо ба кор мегирад, ҳам гоҳе бо пайванд ба табиати канори хеш мехоҳад ҳолот ва отифаҳои дарунии хешро таҷассум намояд. Худ унвони шеър, ки як навъ тасвири барҷастаи шоирона аст ва маҳсули тафаккури суханвар ба шумор меравад, моро ба самти шинохти як ҳолати табиат мекашонад, яъне ин зангӯла ҳамон садои боридани борон аст, ки эҳсоси инсонро низ ба гунае тафсир мекунад. Борон рамзи муфассири ҳаҷру ғаму андуҳи инсонист. Аз ин ҷост, ки шоир дар оғози ин шеър аз ҷабри сиёҳи манҷаниқи ҳаҷр сухан ба забон меоварад, ки муҷиби аз боми осмон бурдан ва аз зиндагонии ранг фаротар рафтан мешавад. Ин ҷо чанд таркиби шоиронаро мо ба мушоҳида мегирем, ки ҳамоно тасвири шоиронаи суханвар дар қолиби онҳо ҷой гирифтаанд. Масалан, “ҷабри сиёҳи манҷаниқи ҳаҷр”, “беруни боми осмон бурдан”, “аз зиндагонии ранг боло рафтан” дар шумори ҳамин таркибҳои тасвирӣ ҳастанд, ки рабти инсонро ба табиат кашф мекунанд. Ҷолиб он аст, ки вақте шоир аз ҳоли бетарҳиву берангиву безамонӣ сухан мекунад, ҳолати отифии аз асари ҳаҷр эҷодшуда маълум мегардад:

Маро ҷабри сиёҳи манҷаниқи ҳаҷри ту
Берун зи боми осмон овард.

Маро аз зиндагии ранг боло бурд.

Нафасгумгаштагиҳо буд,

Дар ин бетарҳиву берангиҳову безамониҳо [14,148 ].

Ин ҷо дар ҳолу ҳавои шоир як уруҷи рӯҳӣ аз асари ҳаҷр эҳсос мешавад, ки боиси аз худ берун омадан ва парвози вай мегардад. Ба ин хотир аст, ки шоир аз сафар тариқи пайроҳаи маҳтоб сухан мекунад, ки дар фазо қарор дорад. Ҳолати дардноки вуҷуди инсон, ки онро шоир "қадамҳо аз васли устухон фосила меҷӯянд" мегӯяд, боз ҳам барҷаста тасвир мешавад. Маълум мешавад, ки ин аносири табиат дар каломи шоир барои ифодаи ҳолати дарунии вай истифода шудаанд:

Сари пайроҳаи маҳтоб мерафтам

Қадамҳо дар фазо оҳиста- оҳиста.

Зи васли устухон

фосила меҷӯяд

ин ҷо

гӯшт худ аз худ [14,148].

Уруҷи руҳонии шоир, ки дар пайванд бо аносири табиат ҷилвагар аст, вақте ба пешонаи хуршед мерасад, то замони субҳ давом мекунад. Маълум мешавад, ки тамоми ин ҳолати равонии аз асари ҳаҷр эҷодшуда дар қаламрави шаб давом мекунад. Одатан инсонҳои гирифтори бемории таб ба таъбири шоир дар ҳамон ҳоли нафасгумгаштагӣ ва бетарҳӣ қарор мегиранд. Аммо шоир пайванди хешро бо пешонаи субҳ на таби хуршед, балки замони расидан ба субҳ унвон мекунад. Маълум мешавад, ки вай ба замоне мерасад, ки шояд аз асари ин дард оромише кутоҳ пайдо менамояд:

Ман акнун

Даст бар пешонаи хуршед, донистам

Таби ӯ нест.

Яъне ин замон субҳ аст [14,148].

Дар ҳамин ҷост, ки шоир бо шеваи шоиронаи худ "риштаи зангӯлаи борон"-ро аз паси "деворҳои абр" берун мекашад ва худро бо суръати резиши

қатраи он ба замин бармегардонад. Тавре гуфта шуд, шояд ин ҳамон як қатра ашки худи қаҳрамони лирикӣ низ ҳаст, ки тамоми он ҳолу ҳавои дарднокро дар худ таҷассум намуда, бо бурун омадан аз даруни абрҳои ғамоғӯштаи дил ба берун мечакад. Истифодаи вожаи осуда дар таркиби ин порчаи шеърӣ худ гувоҳи он аст, ки шоир дар ҳамон айёми ҳузури субҳ ва поёни шаб оромише аз ин ранҷ пайдо мекунад, вале ба мушоҳида мерасад, ки тамоми ҳолу ҳавои дарунии инсон ба воситаи аносири табиат шарҳу тафсир меёбад:

Кашидам риштаи зангӯлаи борон
Паси деворҳои абр.
Худ бо суръати зебои резишҳо
Даруни қатрае
То бар замин осуда баргаштам [14,66].

Дар канори субҳу боми осмону зангулаи борону қатраи он Гулноз аз ғурубе сухан мекунад, ки дар даҳони соҳили фарёд ними офтобро ба худ фурӯ бурдааст. Вақте сухан аз наҳанги ваҳшати андуҳ меравад, маълум мешавад, ки ин нимаи хуршеди дар даҳони фарёд буда, ҳамоно ҳолати муассири инсон аз ғами ҳиҷрон ва андуҳи набудани маҳбубро ифода мекунад:

Ғурубе ҳаст
Ними офтоб андар даҳони соҳили фарёд.
Наҳанги ваҳшати андуҳи ту
Бо ҳашмати фавворае сарсон
Баҳреро
Ба анфоси таваҳҳум давр мегардонду
Мавҷи тозае месохт,
Дилгир аз ғизои он [14,33].

Ҳамин ҳолати андуҳбор танҳо қодир аст, ки баҳреро ба таъбири шоир бо анфоси таваҳҳум давр гардонида, мавҷи тозае месозад. Зоҳиран ба мушоҳида мерасад, ки гуё шоир аз як ҳолати муқаррарии табиӣ, яъне мавҷ задани баҳр сухан мекунад, аммо дар асл ин мавҷҳои андуҳи дили худи ӯянд, ки аз

анфоси таваҳҳуми ҳиҷрони нафассӯз ва нафасгумсоз дар андаруни инсон ба вуҷуд меоянд.

Дар идомаи шеър мулоҳиза мешавад, ки Гулноз ба тасвири ҳолати хеш дар ин соҳили баҳри андуҳи худ мепардозад. Ҷолиб аст, ки суханвар ба қадри дарки будани хеш гиря мекунад ва самараи ин гиристан даруни чашмҳои маҳбубаш зуҳур менамояд. Ин ки шоир “шудам бедор” мегӯяд, тамоми хати ҳаракати сужаи ин шеър ва пайванди отифаҳо бо аносири табиат барҷаста мегарданд. Маълум мешавад, ки маҷмуи ин ҳама ҳаракоти ғайримунтазира ва ҳолоти андуҳбор дар ҳангоми хоб ҷараён гирифтаанд:

Ва ман
Дар ҳалқаи дастони худ биншаста дар соҳил
Ба қадри дарки будан
Гиря мекардам.
Ногаҳ
Дар танаффусгоҳи марги худ-даруни чашмҳои ӯ
Шудам пайдо.
Шудам бедор... [14,55]

Бедории суханвар ҳолатест, ки ӯро дубора ба худ меоварад, то дар пайдоияш аз ишқ сухан бигӯяд. Ба ин хотир ба мухотаби хеш таъкид мекунад, ки бо ман “аз ман бигӯ”, чун ман бо худ нестам. Ин ҳолу ҳаво маро аз хештан рабудааст ва ту барои маро бо ман ошно кардан аз фитрати саҳронавардиву ҳавопаймоиҳои ман гузар кун. Ин ҷо таъбирҳои саҳронавардиву ҳавопаймоиҳо муфассири ҳамон ҳолатҳои руъёии шоир аст, ки дар хоб аз пайроҳаи маҳтоб гузар кардаву то боми осмон расидааст:

Биё, аз ман барои ман бигӯ, эй дӯст,
Ки дигар нестам дар худ.
Биё, аз фитрати саҳронавардиву ҳавопаймоиҳои
ман
Гузар бинмо [14,66].

Шоир дубора аз ёри худ даъват ба амал меоварад, ки биё, вагарна дар зери як қатраи оби дида ғарқ хоҳам шуд. Ин ҷо воқеан як навъ тасвире парадоксӣ дар қолаби ин таркиб ҷой дорад, яъне зоҳиран дар зери як қатраи оби дида наметавон ғарқ шуд, аммо дар асл ин қатраи оби дида як ҷаҳон ғаму андуҳро дар худ ғунҷоиш додааст, ки боиси аз ҳаҷр зери он мондани ошиқи раҳрав гардидааст. Дар идомаи шеър як пиёла ранги фаромӯшӣ пошидан ба рӯи тоблуи ғам низ тасвире парадоксӣ ба шумор меравад, чун дар асл фаромӯшӣ худ отифае аст, ки ранг надорад ва шоир дар идомаи роҳи бузургон барои эҳсоси мафҳумҳои отифӣ аз аносири табиат ба кор мегирад, то матлабҳояш пешорӯи хонанда ба ҷилва оянд.

Биё, ки бе ту ба зери охарин як қатра оби дида
Рӯзе ғарқ хоҳам шуд.
Биё, эй ёдҳоям чашмҳои ту.
То як пиёла ранги зебои фаромӯшӣ
Ба рӯи тоблуи ғам бипошему
Ҷаҳон аз ёд бардорем.
Ҳанӯзам метавон аз охарин як шӯълаи таб дар
лаби хоҳиш
Фурӯзон кард
Чашми абрэҷоди сигореро [14,45].

Дар фароварди шеър суханвар вақте аз фурӯзонии чашми абрэҷоди сигор сухан ба забон меоварад, маълум мешавад, ки манзураш вуҷуди умеди висол аст, ки дар сурати ду унсури табиат, яъне чашми абрэҷоди сигор муҷассам гардидааст. Зимнан чашми абрэҷоди сигор низ дар таркиби хеш навъе тасвири парадоксиро ғунҷоиш додааст, ки дар асл чашми абрэҷоди сигор ба зоҳир гӯё мутобиқат надорад, чун сигор аз абр эҷод намешавад, балки тавассути шӯъла фурузон мегардад, баръакс абр метавонад сигорро хомӯш кунад. Дар асл манзури шоир таъкид бар вуҷуди ҳамон як шӯълаи андаки умед барои васл аст, ки онро тавассути ин таъбир баён намудааст. Ҳарчанд ин ҷо сухан дар мавриди пайванди аносири табиат барои тафсири

ҳолатҳои равонӣ ва дарунии инсон меравад, аммо ба мушоҳида мерасад, ки дар ин навъ сурудаҳои Гулноз тасвири парадоксӣ аз ҷойгоҳи хосае бархурдоранд, ки зимни баррасии ҷудогонаи онҳо ин матлаб шарҳу тафсир хоҳад ёфт.

Ҳамин тавр, аз муҳокимаи анвои тасвир бар асоси корбурди анвои саноеи бадеӣ, рӯшан мешавад, ки тасовири мазкур дар шеъри муосири тоҷик басомади зиёд дорад. Ба таври куллӣ метавон бар асоси баррасиҳои анҷомёфта чанд натиҷаи муҳим ба даст овард, ки ба таври зайл баён мешаванд:

1) Тасвирсозӣ яке аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарии шеър ба шумор меравад, ки арзиш ва аҳамияти бадеии онро муайян месозад. Тасвир аз ҷумлаи яке аз муҳимтарин пояҳои сувари хаёли шоир аст, ки аз ҳар роҳи шева эҷод мешавад.

2) Дар баробари вуҷуди худи тасвир истилоҳи шеъри тасвирӣ низ шакл мегирад, ки замина ва сарчашмаҳои онро ҳам метавонем дар ашъори шоирони адабиёти классикии тоҷик ҷустуҷӯ намоем. Маълум аст, ки қисмати ташбиби қасида яке аз сарчашмаҳои аслии зуҳури шеъри тасвир будааст, вале минбаъд чунин таҷрибаҳоро шоирон дар сурати ғазал ва дигар навъҳои шеърӣ ҷилвагар намудаанд, ки ин амал боиси зуҳури ғазали тасвирӣ, шеъри тавсифию тасвирӣ, шеъри ғиноии отифиву тасвирӣ шудааст, ки ин мавзуъ ниёз ба таҳқиқи муфассал доранд.

3) Ҳарчанд асоси эҷоди тасвирҳоро саноеи бадеӣ ташкил медиҳанд ва дар онҳо бештар ташбеҳу тавсифу истиора ниёз доранд, аммо ба назар мерасад, ки дар эҷоди тасвирҳое маъруф ба парадоксӣ, ки дар адабиётшиносии мо камтар таҳқиқ шудаанд, низ саноее мисли тазоду муқобила, иғроқ, муболиға ва дигар санъатҳо хидмат мекунанд. Ҷилваҳои ин навъ тасвир на танҳо ифодакунандаи ҷанбаҳои ҳунарии шеъри шоирони муосири тоҷик ба шумор мераванд, балки яке аз заминаҳои аслии зуҳури тасвири парадоксӣ низ гардидаанд, ки дар ҷараёни баррасии мавзуи дар боби дувуми рисола онро ба таври барҷаста ба таҳқиқ хоҳем кашид.

4) Агарчӣ дар таҳқиқоти то кунун анҷомёфта, дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи анвои тасвир ва шеваҳои зуҳури он таҳқиқ шудааст, вале ба мушоҳида мерасад, ки дар пажуҳишҳои анҷомёфта, танҳо тасвири парадоксӣ ба таркиби ин навъҳои тасовир ворид нашудаанд. Аз ин рӯ, баррасиҳои анҷомёфта, муқаррар мекунанд, ки аз диди шеваи сохтмон тасвири парадоксӣ низ бо усули ҳамон тасвири кулли тарҳ пайдо намудаанд ва ин моро бар он натиҷа мерасонад, ки бояд онҳо низ дар таркиби тасвири бадеӣ қарор бигиранд.

# ХУЛОСАИ БОБИ АВВАЛ

Аз баррасии масъалаҳои меҳварии боби аввали диссертатсия ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст, ки таҳаввулоти сиёсии замон дар марҳилаи нави таърихӣ дар кишвари мо ба эҷоди навгониҳои муайян, пешрафтҳои назаррас дар ҳамаи самтҳо омил гардид, ки адабиёти миллии тоҷикӣ низ аз ин раванд берун намонд. Ба таъбири дигар, истиқлоли сиёсӣ заминаҳои муайяне барои зуҳури адабиёти давраи истиқлол боис шуд. Ин адабиёт пеш аз ҳама ба истиклоли фикрӣ ва ҳунарии адибон такя мекунад, ки воқеан барои ба вуҷуд омадани тамоюлҳои нави адабӣ сабаб гардид. Донишмандон ва пажӯҳишгарон бо такя бар ҳамин ҷанбаҳои муҳими истиқлолёбии адабӣ дар фарқият ба маҳдудиятҳои фикрии замони Шӯравӣ онро адабиёти даврони истиқлол ё адабиёти замони истиқлол унвон намуда, дар таснифоти даврабандии таърихи адабиёт ворид намуданд. Муҳимтарин хусусиятҳои адабиёти ин даврон руҷуъ ба таърих, фарҳанги миллӣ, идомаи суннатҳои хоси адабиёти куҳан, бозтоби замон дар оинаи шеър, таҷрибаҳои ҳунарии шоирон дар анвои нави шеърӣ ба шумор меравад.

Ҳарчанд дар назди таърих сӣ сол шояд фосилаи начандон тулонӣ ба шумор меравад, вале таҳқиқ дар шеъри муосири тоҷик мусаллам месозад, ки дар ин фурсати кутоҳи таърихӣ дар адабиёти давраи мазкур се насли адабӣ ба камол расидааст, ки дар муаррифии дастовардҳои адабиёти ин замон нақш ва хидмати бузургеро аз худ ба намоиш гузоштаанд.

Дар баробари ин, зуҳури шеъри нав, аз ҷумла навъҳои сапед ва шомлуии он, таҷрибаҳои нодири шоирони мо, чун Лоиқ Шералӣ, Фарзона, Суруш ва махсусан Доро Наҷот дар ин навъи шеърӣ, инчунин солҳои охир роҳ ёфтани навъҳои шеъри зулол, ҳойку бо таъсири адабиёти ҷаҳон тамоюлҳои шеъри навро дар замони истиқлол вусъат бахшид.

Тасвиргароӣ ба унвони яке аз хусусиятҳои шеъри муосир омил бар он шуд, ки аҳли таҳқиқ ва танқиди адабӣ навъи шеъри тасвириро дар шинохти шеъри имрӯз муқаррар намуда, вежагиҳои аслии онро баён созанд. Ин

равиши маърифати шеър дар назария ва дидгоҳҳои пажӯҳишгарони шеъри муосири тоҷик, чун Аскар Ҳаким, Матлубаи Мирзоюнус ва дигарон аз ҷойгоҳи махсусе бархурдор мебошад. Бо он ки дар шеъри муосири тоҷик тасвирофаринӣ ва тасвирсозӣ бар пояи истифодаи фаровони саноеи бадеӣ, дигар шигарфҳои ҳунарии шеър нуфуз кардаанд, аммо дар баробари ин, шеъри тасвирӣ низ ҷойгоҳи муайяне касб кардаанд. Ҳарчанд дар таснифоти анвои тасвир ва вежагиҳои шеъри тасвирӣ дар назариёти донишмандон ва адабпажӯҳон гунаҳои мухталифи он муқаррар шудаанд, вале ба мушоҳида мерасанд, ки ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ аз ин дастабандиҳо берун мондааст, ки меҳварҳои аслии баррасии рисолаи моро дар бобҳои баъдӣ ба вуҷуд овардааст.

# БОБИ II. САРЧАШМАШИНОСӢ ВА ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ТАСВИРИ ПАРАДОКСӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

## II.1. Тасвири парадоксӣ: моҳият, марҳила ва асосҳои зуҳури он

Парадокс ё тасвири мутаноқизнамо мафҳумест, ки ба унвони як навъи тасвир ё баёне бар асоси корбурдҳои мафоҳими ба ҳам зид муаррифӣ шудааст. Ҳарчанд дар шакли мазкур гӯё истилоҳи нав ба шумор меравад, аммо заминаҳои таърихии онро метавон аз адабиёти даврони қадими тоҷикӣ ҷустуҷӯ намуд.

Дар назари аввал бояд таъкид дошт, ки роҷеъ ба ҷойгоҳи парадокс ва тасвири парадоксӣ ҳарчанд дар таҳқиқоти донишмандони кишварҳои ҳамзабон, чун Шафеи Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкуб, Маҳмуди Футуҳӣ ва дигарон мулоҳизаҳои муайяне баён гардида, баррасиҳои муайяне сурат гирифтааст, аммо ба назар мерасад, ки масъалаи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик дар робита ба шеъри муосир камтар таҳқиқ шудааст. Дар рисолаи пажуҳишии адабиётшинос Нуралӣ Нуров асосан ин мавзуъ дар робита ба шеъри Мирзо Абдулқодири Бедил ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст [111, 248-263]. Шоир ва муҳаққиқ Равшани Ҳамроҳ бошад, дар фасле ҷудогона аз рисолаи хеш ин мавзуъро дар пайванд ба ашъори устод Гулназар таҳқиқ кардааст [123]. Аз ин рӯ, бегумон таҳқиқи ин мавзуъ дар шеъри муосири тоҷик аз тозагиҳои муайяне бархурдор аст, ки бояд ба он бештару пештар руҷуъ шавад.

Бархе олимон пайдоиши мафҳуми парадоксро ба донишмандони Юнони Қадим нисбат медиҳанд, аммо таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти анҷомёфта маълум менамояд, ки диду назарҳои олимону донишмандон дар ин бора фаротар аз ин замону макон меравад. Ҳарчанд ҳамчун як навъ санъат дар китоби Шамс Қайси Розӣ “Ал-муъҷам” [89] ба сурати таноқис омада ва баъдан Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ низ оро ба ҳамин шакли таноқис ё муноқиса чунин овардаву тафсир намудааст: “Он аст, ки миёни ду калом танофӣ бошад” [79, 192], аммо донишмандони соҳибном Маҳмуди Футӯҳӣ дар китоби хеш “Балоғати тасвир” чунин менависад: “Мусалламан ба олами

ҳиссу мантиқ маъмули зиндагӣ тааллуқ надорад, дар натиҷа ақл аз идроки он қосир аст. Мукошифоти ирфонӣ ва таҷрибаҳои жарфи шоирона қаламрави равиши муҳокоти ақлӣ ва танокузҳои рӯҳӣ аст” [143, 327].

Ҳамин тавр, дар илми адабиётшиносӣ зери мафҳуми тасвири парадоксӣ он чӣ фаҳмида мешавад, ки бар асоси ду мафҳуми ба ҳам зид бунёд ёфта, зоҳиран ба ифодаи худи шоирон маънии “бемаънӣ”-ро ифода мекунанд. Ба ин хотир аст, ки онро тасвири мутаноқизнамо ҳам гуфтаанд. Устод Шафеии Кадканӣ дар китоби “Шоири оинаҳо” навиштааст, ки гӯё ин таъбирро ӯ сохтааст ва дар робита ба он чунин менависад: “Истилоҳе аст, ки ман сохтаам на дар адабиёти қадими худамон вуҷуд доштааст (яъне кутуби балоғӣ) ва на дар адабиёти фарангӣ (то он ҷо ки ман ҷустуҷӯ кардаам). Манзур аз тасвири парадоксӣ тасвире аст, ки ду рӯи таркиби он ба лиҳози мафҳум якдигарро нақз мекунанд мисли “салтанати фақр”” [142,54].

Маҳмуди Футуҳӣ дар асари мазкури хеш “Балоғати тасвир” асли пайдоиши ин навъ тасовирро ба бисту панҷ қарн пеш ба гуфтаҳои орифи қадимаи чинӣ Лоутса мепайвандад, ки тарҷумаи тоҷикии он шеър чунин аст:

«Зоти воқеъ гӯи тиҳӣ аст,
Сапеди бузург пиндори сиёҳ аст.
Мураббаи бузург бегӯша аст,
Мусиқии бузург беовост.
Сурати бузург бесурат аст».

Тасаввури “сафеди сиёҳ”, “мураббаи бегӯша”, “оҳанги бесадо” ва “сурати бесурат” барои зеҳнҳои маъмулӣ, амре садоӣ нест. Ин сухани пуртаноқис баёнгари чи ҳақиқате аст?” [143, 326-327]

Футуҳӣ ба шарҳи назарии мафҳуми мазкур аз дидгоҳи мунтақидони Аврупоӣ ҳам руҷуъ намуда, аз ҷумла назари донишманди англис Клент Брукс (1906-1994 м.)-ро чунин меоварад. “Ӯ породуксро забони рӯҳ ва асоси шеър шумурда, дар боби породуксҳои шоирони англисӣ монанди Вилём Вадзурс, Ҷон Дон ва дигарон ба тафсил сухан гуфтааст. “Породукс забони сафсата, муғолата ва танз аст. Забоне аст душвору шадид ва сахт такондиҳанда ва дар

айни ҳол шӯхгин. Пешдоварии мо дар бораи забони оддӣ ва одоти забонӣ во медорад, то пародуксро бештар амри ақлонӣ ва ҳушёрона бидонем то отифӣ ва онро таъбири бурҳонӣ бидонем на ғайри истидлолӣ… пародукс забони рӯҳ ва забони шеър аст” [143,206].

Дар китобҳои марбут ба назарияи адабиёт, аз ҷумла таълифоти гузаштагони мо, ки дар робита ба шарҳу тафсири саноеи бадеӣ ва дигар аносири шеър навишта шудаанд, истилоҳоте чун муноқиза ё таноқуз ба кор рафтааст ва он бештар дар бахши уюби қавофӣ ва авсофи нописандида дар каломи манзум муаррифӣ шудаанд. Аз ҷумла, муаллифи китоби “Ал-Муъҷам” Шамс Қайси Розӣ дар шарҳи мафҳуми муноқиза ё таноқуз чунин овардааст: “Дар шеър ва соири калом он аст, ки маънии дувум мутаноқиз ва манофии маънии аввал бошад, чунончи:

Дирамаш бахшам, бӯса надиҳад, ҷавр кунад,

Бидарам ҷома, ки бӯса нафурӯшад ба дирам.

Ваҷҳи таноқузе, ки дар ин шеър менамояд, он аст, ки дар аввали шеър бахшиши дирам кардааст ва дар охири сухан байъ ва шаре гуфта. Ва агарчӣ ноқидони Аҷам ин байт ба истишҳоди таноқуз овардаанд, онро тасҳеҳ метавон кард, яъне ки агар дирам бахшам бӯса надиҳад ва агар хоҳам, ки ба дирам бихарам, ба дирам нафурӯшад [89, 311].

Аз ин ҷо равшан аст, ки дар шарҳи мазкур бештар таноқуз ба ҳамон тазоди маъноӣ наздик аст ва шояд ба ҳамин сабаб балоғиёни гузаштаи мо онро ба бахши уюби қавофӣ ва авсофи нописандида ворид кардаанд. Тарзи баёни парадоксӣ ба гунае дигар ба мушоҳида мерасад, ки дар заминаи ду таноқуз маънии дигаре ҳосил мешавад ва онро наметавон тағйир дод, аммо ончунон ки Шамси Қайси Розӣ таъкид доштааст, дар таноқуз тасҳеҳ мешавад [89, 192].

Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ низ дар асл ҳамин шарҳи Шамси Қайси Розиро истиқбол кардааст ва ӯ ҳам дар тафсири муноқаза бахше аз матолиби ин донишмандро такрор намуда.

Дар фарҳанги “Ғиёс -ул- луғот” бошад, шакли нақиз омада ва дар шарҳи он чунин таъкид шуда: “Нақиз дар луғат ба маънии шикастан ва ба истилоҳи мантиқ рафъи шайъ. Бидони ки миёни нақиз ва зид фарқ кардаанд. Нақиз он ки на ҷамъ шавад, на маъдум. Чунонки ҳасту нест, ҳаёту мамот [20,351].

Ин ҷо низ равшан мешавад, ки муаллифи ин фарҳангнома нақизро аслан ҳамчун истилоҳи илми мантиқ шарҳ дода, на мафҳуми адабиётшиносӣ ё навъе санъат. Аз сӯи дигар, тафсирҳои анҷомёфта маълум месозанд, ки он бештар ба тазод наздиктар аст, аз ин ки мафҳуми парадокс ё санъате, ки Озоди Балгиромӣ баъдан бо номи “вифоқ” кашф карда, ки баъдан дар ин бора сухан хоҳад рафт.

Адабиётшиноси муосир Маҳмуди Футуҳӣ назари хешро роҷеъ ба пародокс ва тасвирҳое аз ин қабил ба таври зайл ҷамъбаст мекунанд: “Ба таваҷҷуҳ ба ончи гуфта омад, породукси шоирона иборат аст, аз баёни зоҳир мутаноқиз ё маҳмул, аммо ҳомили ҳақиқате, ки аз роҳи таъвил метавон ба он даст ёфт. Ба дигар сухан, породукс дар адабиёт баёне аст, ки ҳақиқат дорад, аммо ҳақиқӣ ба назар намерасад” [143,206].

Адабиётшинос Нуралӣ Нурзод дар фасле аз рисолаи хеш “Тасвири парадоксӣ дар шеъри Бедил” чунин менависад, ки “аммо бар ин назари Футуҳӣ наметавон мувофиқ шуд, ки қадимтарин намунаи пародокс дар адабиёти форсӣ ин намунае аз шеъри Санойӣ аст, ки ӯ оварда:

Ишқ гӯянда ниҳони сухан аст,
Ишқ пӯшида бараҳнаи тан аст” [111, 249].

Барои исботи назари хеш Нуралӣ Нурзод ба яке аз сурудаҳои устод Рӯдакӣ ишорат намуда, таъкид мекунад, ки “нахустин намунаи таъбир ва ҳам тасвири пародоксӣ дар каломи устоди шоирон дар таркиби таъбири “ҳаловати захм” ба чашм мерасад:

Фириштаро зи ҳаловат даҳон пуроб шавад,
Чу аз ҳаловати май дилбарам лабон лесад.
Равон зи дидаи афлокиён шавад Ҷайҳун,
Нисоли тират агар қабзаи камон лесад.

Бахокхуфтаи тири ту аз ҳаловати захм

Забон бароварадy захмро даҳон лесад [111, 249].

Баъдан заминаҳои зуҳур ва ҷойгоҳи ин навъи тасовирро дар шеъри ирфонии форсу тоҷик метавон ҷустуҷӯ намуд, ки ин худ як Мавзуи баҳси ва таҳқиқи алоҳида мебошад. Аммо бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта мусаллам мегардад, ки навъи тасовир дар сурудаҳои шоирони сабки ҳиндӣ бештар ба назар мерасад ва ҳанӯз дар рӯзгори хеш Озоди Балгиромӣ низ бар пояи ашъори шоирони ин сабки адабӣ аслу моҳияти ин санъатро муқаррар сохтааст, ки тавре гуфта омад, бо номи "вифоқ" аз он ёд мекунад. Футуҳӣ ҳам дар китоби "Балоғати тасвир" ва ҳам "Нақди хаёл" намунаҳое аз ин ашъори шоирони сабки ҳиндиро ба унвони шоҳид танҳо чунин оварда ва аммо ба таркибу тасвири парадоксӣ ишорат накардааст. Мо баробари зикри ин намунаҳо ба таркибҳои борвар аз тасвири парадоксӣ ишорат хоҳем намуд:

"Инак намунаҳое аз "вифоқ" (парадокс)-ро, ки Озод аз шеъри форсӣ нақл кардааст, меоварем:

Ту сухансанҷ наӣ, в-арна хамӯшӣ сухан аст,

Ту адофаҳм наӣ, в-арна тағофул нигаҳ аст [143, 156].

Дар ин байти Зуҳурӣ ибораи "хамӯшӣ сухан аст", таркибе дорои тасвир ё баёни парадоксӣ ба шумор меравад.

Намунаи дигари ӯ аз Шавқии Совачӣ:

Бо ёр ҳамкаломам, лаб баста дар баёнам,

Монанди бӯйи ғунча гӯёи безабонам [143, 156].

Тасвири парадоксии байти Шавқии Совачӣ "лаббаста дар баён будан" мебошад, ки баён ва ҳолати лаббастагӣ амри эҷоди таноқуз ба шумор меравад.

Байти дигари мавриди зикри Футуҳӣ аз намояндагони сабки ҳиндӣ ба қалами Соиби Табрезӣ тааллуқ дорад:

Нест бар хотир ғуборе аз парешонӣ маро,

Ҷомаи фатҳ аст чун шамшер урёнӣ маро [143, 156].

Дар ин байти Соиб бошад ҳамон таъбири маъруфи “ҷомае аз урёнӣ ба бар доштан” бо ифодаи парадоксӣ омадааст. Ба ин сон чанд байти дигарро низ аз Соиб зикр намудааст, ки аз ҷумла дар байти зерин ибораи “озод бувад ҳар кӣ дар ин ҳалқаи дом аст” тасвире парадоксиро ғунҷоиш дода:

Шерозаи ҷамъияти мастон хати ҷом аст,
Озод бувад ҳар кӣ дар ин ҳалқаи дом аст [143, 156].

Байти мазкур Соиб навъе бардошт аз байти матлаи як ғазали Саъдист, ки дар он бо ҳамин маънӣ ва шева баёноте мутаноқизнамо сурат гирифтааст.Саъдӣ таъкид мекунад, ки “ман аз рӯзе, ки дар банди ту ҳастам, озодам”:

Ман аз рӯзе, ки дар банди туам, озодам,
Подшоҳам, чу ба дасти ту асир афтодам [143, 550].

Ҳатто дар мисраи дувум низ ҳамин шеваи баёни парадоксӣ дида мешавад, ки дар сурати агар ба дасти ту асир афтам, подшоҳам ифода ёфтааст.

Ҳамин тавр, Футуҳӣ бо овардани чанд намунаи дигар, ки бештари онҳо ба Соиб тааллуқ доранд, ҷойгоҳи ин санъатро дар шеъри сабки ҳиндӣ муқаррар мекунад ва ишорат мефармояд, ки “Бо диққат дар намунаҳое, ки Озод барои санъати “вифоқ” овардааст, тардиде намемонад, киончи ӯ дар санъати вифоқ меҷуста, ҳамон парадокс аст, ки дар нақди ҷадид ба он таваҷҷуҳи фаровон шудааст. Саноеи ҳиндӣ (истибдод, туғён, тасаллут, эътисоф, муволоту-л-аду) низ гунаҳое аз баёни парадоксианд” [143, 156].

Нуфузи парадокс дар шеъри сабки ҳиндӣ дар каломи Бедили Деҳлавӣ бештар ба чашм мерасад, ки таҳқиқи ҷудогонаи он дар бахше аз рисолаи доктории Нуралӣ Нуров рафтааст [111,248-263].

Баррасии моҳият ва марҳилаҳои зуҳури тасвирҳои парадоксӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки дар кутуби назарии адабиётшиносии классикии он нахуст ба номҳои таноқуз ва нақиз ёд шуда, баъдан бо такя бар таҳлили ашъори шоирони сабки ҳиндӣ ҳамчун санъати вифоқ зикр мегардад. Ҳарчанд сароғози зуҳури навъи мазкури тасвир дар каломи устод Рӯдакӣ ба мушоҳида

мерасад, бо шаклгирии адабиёти тасаввуф дар ашъори суханвароне чун Саноиву Аттору Мавлоно нуфузи бештар ёфтааст. Дар шеъри сабки ҳиндӣ бошад паражокс ба як навъ махсусияти ҳунарӣ бадал гардидааст, ки намунаҳои барҷастаи онро дар шеъри Соиби Табрезӣ, Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ, Бедили Деҳавӣ ва дигарон метавон ба мушоҳида гирифт.

## II.2. Ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX

Дар адабиёти муосири тоҷик низ шеваҳои сохтмони тасвири парадоксӣ бо беҳтарин ваҷҳ идома ёфтааст. Хосатан, дар шеъри даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон нуфузи тасвири парадоксӣ ба сурати ҷолиб ва ба унвони яке аз падидаҳои нодири ҳунарӣ ба ҷилва омадааст. Аммо муроҷиат ба шеъри намояндаи барҷастаи адабиёти тоҷикии солҳои шастум-навадуми асри гузашта муайян месозад, ки чунин анвои тасвир дар сурудаҳои ин шоирон аз ҷойгоҳи муайяне бархурдор мебошад. Барои баёни мушаххаси масъала ривоҷ ва такомули шеваҳои тасвирсозиро дар сурудаҳои намояндагони адабиёти муосири қарни XX ва даврони истиқлол дар алоҳидагӣ мулоҳизаронӣ мекунем.

Мусаллам аст, ки таҳаввулоти ҳунарӣ дар адабиёти муосири тоҷик ба солҳои 60-80 уми асри бистум пайванд мегирад, ки дар ин миён номи устодони бузурге чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Гулрухсор ҳамчун суханварони мубтакири ин давра барои таъйини тамоюлҳои ҳунарии шеъри имрӯз ба забон гирифта мешавад. Албатта, вижагиҳои дигари муҳими ҳунарии ин суханварон дар таҳқиқоти мунақиддони барҷастаи адабиёти имрӯз, чун Муҳаммадҷон Шакурӣ, Худоӣ Шарифзода, Аскар Ҳаким, Абдураҳмон Абдуманнонов, Абдунабӣ Satторзода, Юсуфҷон Акбарзод, Абдухолиқ Набавӣ, Рустам Ваҳҳобзода, Нуралӣ Нурзод, Садриддин Мирзоев ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бо ҳадафи баррасии мушаххаси масъала саъй мешавад, ки ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар сурудаҳои намояндагони ҷудогонаи шеъри муосири тоҷик дар давраи аввали адабиёти муосири тоҷик, хоса адабиёти

тоҷикии садаи бист дар мисоли адибони алоҳида, чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Нақду баррасиҳое, ки роҷеъ ба ашъори Мирзо Турсунзода чӣ дар замони зиндагонии шоир ва чӣ дар даврони Истиқлоли миллӣ анҷом ёфтаанд, бештар ин нуктаро маънидод мекунанд, ки сурудаҳои ин шоири номвари мо бо содагиву равонӣ, инъикоси фаровони масоили иҷтимоӣ, тараннуми сулҳу дустӣ ва монанди ин аз дигар шоирон фарқ мекунанд. Дар ин маврид андешаҳои адабиётшиносони номвари мо, чун Атахон Сайфуллоев, Аскар Ҳаким, Матлубаи Мирзоюнус ва дигарон баён шудаанд. Аз ҷумла, шоир ва мунаққиди тоҷик Аскар Ҳаким навиштааст, ки "Муфради ғиноӣ, ки дар шеърҳои ба шеъру шоирӣ бахшидаи М. Турсунзода рух менамояд, қабл аз ҳама чеҳраи инсони эҷодкори ошиқ аст, ки ангезаи ишқ дар дили ӯ оташи шавқи навиштанро дар медиҳад ва ӯ ба ҳамин оташ бар ҳар мавзуъ, ки даст мезанад, онро пурҳарорату ҳаяҷонбахш ба қалам мекашад" [155,145].

Бо назардошти эътирофи нуфузи ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори шоир дар идомаи ин баррасӣ афзудааст, ки "Дар мисоли таҳлили ашъори нимаи дувуми садаи бист, аз ҷумла М. Турсунзода собит ҳам мегардад, ки шеър ва муфради ғиноии он ба ҳамаи гуногунии ҷаҳоншиносӣ, метод ва услуб, бо риштаҳои аёну ноаён, дар шаклҳои бисёр шахсию ғиноии худ низ хусусиятҳои муҳимтарини анвои иҷтимоӣ, ҷаҳони шайъиро ифода ва таҷассум менамояд [155,145].

Бояд гуфт, ки масъалаи тасвирсозӣ ё шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода низ дар мақолаи дигари устод Аскар Ҳаким баррасӣ шудааст, ки тасвири манзараҳои табиат дар ин навъи шеърии ӯ аз диди муҳаққиқ афзалият дорад. Аз ҷумла, ӯ дар барои махсусиятҳои ин навъи шеъри устод чунин навиштааст: "Дар ашъори ғиноии тасвирию тавсифии Мирзо Турсунзода манзараҳои табиат ва аносири олами ашѐ бо хусусиятҳои худ, масалан, рӯд бо ҷӯшу хурӯш ва зулолии обаш, кӯҳ бо сарбаландию шаҳоматаш нигориш мешаванд, ки асосан ҳамоҳанги ғояҳои шаҳрвандии

шоир буда, дастовардҳои иҷтимоӣ, ҳаѐти хушбахтона ва шодию сурури мардумро ифода карда” [155, 153].

Профессор Матлубаи Мирзоюнус низ бамаврид таъкид намудааст, ки “ҳамин силсилаи ашъор кофист, ки на танҳо вазъи сиѐсиву иҷтимоии сарзамини Ҳинд дар солҳои 40-уми садаи бист ва мавқеи сиѐсии шоири Шӯравӣ дар муносибат ба ҳоли ҳиндуҳо ошкор шавад, балки усулҳои асосии тасвир дар шеъри иҷтимоии замон низ ба мушоҳида расад” [149,191].

Албатта, шинохт ва таҳқиқи шеъри устод Мирзо Турсунзода аз мавқеи дигар муқаррар мекунад, ки ҳарчанд нуфузи ҷанбаҳои сиѐсиву иҷтимоӣ дар каломи шоир ба чашм мерасад, аммо ҳунари шоирии суханвар имконият додааст, ки ӯ беҳтарин суннатҳои шеъри классикии моро бо камоли назокати хеш давом бахшад. Ин аст, ки дар нақди шеъраш ҳатто муҳаққиқони хориҷии ҳамзабон ӯро чун “шоири нововар” эътироф намудаанд [106,148].

Маълум аст, ки масъалаи офариниши тасвири ҳунарӣ ва истифодаи навъҳои он бештар ба шеъри классикии мо ва баъдан дар даврони истиқлоли миллӣ мавриди баррасӣ қарор дорад. Бо назардошти нуфузи мавзуъгароӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоии шеъри замони шӯравӣ дидгоҳҳои мухталифе роҷеъ ба сурудаҳои ин давра баѐн шудаанд, ки бештар ба афзалияти баѐн ва шарҳу тафсири Мавзуоти мухталиф такя кардаанд. Ҳамин омил боис шудааст, ки донишмандони имрӯз ба ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони шӯравии тоҷик ишораҳо доранд. Аммо, таваҷҷуҳи амиқ ба ҷанбаҳои ҳунарии шеъри ин давр, хоса ашъори устод Мирзо Турсунзода моро ба ин натиҷа мерасонад, ки ҳарчанд ин хусусиятҳои ҳунарӣ ва ин падидаҳои бадеӣ камтар ба чашм мерасанд, вале набояд вуҷуди онҳо сарфи назар шаванд. Despite Ончунон ки таъкид шуд, ҳарчанд вижагиҳои шеъри тавсифию тасвирии Мирзо Турсунзода ва бар асос ҷанбаҳои дигари тасвирсозӣ дар шеъри ӯ таҳқиқ шудааст, вале ҷойгоҳи парадокс ҳамчун як навъи тасвир ва ѐ падидаи ҳунарии шеър аз доираи ин пажуҳишот берун монда. Шинохт ва баррасии ашъори устод Мирзо Турсунзода аз ҳамин нуқтаи назар хеле аз масъалаҳои маърифати ҳунари шоирии суханварро муайян менамояд.

Устод Мирзо Турсунзода низ, чун шоири давомдиҳандаи беҳтарин суннатҳои шеъри классикӣ дар офариниши ҳамагуна тасвирҳо, аз ҷумла, ба истилоҳ мутаноқизнамо, иқдомҳои шоистаи ҳунарӣ аз худ нишон додааст, ки муроҷиат ба каломи ӯ ин ҳақиқатро таҷассумгар аст. Масалан, дар шеъри маъруфи ӯ бо номи "Модарам" чунин омадааст:

Шаҳд дар комаш ҳамеша талхтар аз заҳр буд,

Ҳам шариат, ҳам тариқат сарвари бадқаҳр буд.

Модари бечораи ту, мухтасар, сар то ба по,

Як зани н-осудаву як муштипар дар даҳр буд [65,57].

Дар байти аввал корбурди вожаҳои "шаҳд" ва "заҳр" ва ҳатто "талхтар", ки зимнан ихтилофи маъноӣ ва тазоде миёни ҳамдигар доранд, омил ба эҷоди тасвире мутаноқизнамо ё парадоксӣ шудаанд. Шоир таъкид дорад, ки шаҳд ба коми модарам талхтар аз заҳр буд. Ин ҷо равшан аст, ки шаҳд ҳамеша аз ширинӣ бархурдор аст ва чун суханвар онро талхтар аз заҳр мехонад, вуҷуди тасвире инчунин ошкор мегардад. Танҳо модар аст, ки дар ғами тарбияи фарзанди худ ҳатто шаҳдро талхтар аз заҳр мечашад, то ӯ бузург шавад.

Дар миёни мардум таъбири маъруфи "ашки шодӣ" ба кор меравад ва аслан ашк ҳосили ғаму андӯҳи инсон ба шумор меравад ва бештар дар ифодаи ғами дил истифода мегардад. Аз ин рӯ, агар ба умқи ин таъбир назар афканем, он дар асл дар вуҷуди хеш ҳамингуна тасвире парадоксӣ дорад, зеро ҳар гоҳ инсоне, ки аз чашми ӯ ашке ҷорӣ мешавад, бубинем, дар тасаввури мо дар навбати аввал ғам ё дарде аз вай ба вуҷуд меояд. Ҳамин таъбирро шоир дар байте аз шеъри "Дили модар" чунин ба кор гирифтааст:

Намурдам, зистам, фарзанди хурдамро калон кардам,

Шаби базми арусӣ ашки шодиро равон кардам [65,59].

Дар идома ба чандин намунаҳои дигари ашъори устод Мирзо Турсунзода муроҷиат мекунем, ки ҳамин навъи тасвири ҳунариро дар худ ғунҷонидаанд.

Дар ду байти зер мо ба вожагони “сӯхтан” ва “сохтан”, “фаввора” ва “оташпора” дучор мешавем, ки тазоде маъноӣ миёни онҳо ба назар мерасад. Шоир дар байти аввал таъкид дорад, ки то “насӯзӣ” сохтан мушкил аст. Ин ҷо дар асли маънӣ вақте сухан дар бораи сӯхтан меравад, он метавонад сабабгори нестӣ бошад, аммо шоир ин маъниро талқин мекунад, ки то насӯзӣ сохтан имкон надорад. Ҳосили маънӣ ҳамон аст, ки ҳамаи камолу муваффақияти инсон дар натиҷаи ранҷу азият ба даст меояд. Ин ҷо калимаи “сӯхтан” то ҷое аз асли маънии луғавии хеш дур шуда, дигар мафҳумро дар зеҳни халлоқи шоир ба вуҷуд овардааст:

То насӯзӣ, сохтан мушкил бувад,

Дил ба ҷонон бохтан мушкил бувад [66,3].

Дар байти баъдӣ бошад, шоир ҳарчанд фаввораро ба оташпора монанд мекунад, аммо мушоҳида мерасад, ки аввалӣ хоси об аст ва дувуми маҳсули оташ, ки ҳар ду ба ҳам мухолифанд ва ба ҳамин сабаб дар андешаҳои Мирзо Турсунзода як маънии тоза дар заминаи ташбеҳ шудан касб кардаанд:

Шеър ҳам бояд занад фаввораe

Аз танӯри дил чу оташпораe [66,3].

Дар байти дигар бошад, Мирзо Турсунзода дар офаридани тасвире парадоксӣ аз шеваи дигар ба кор гирифтааст, яъне шоир матлаберо баён мекунад, ки дар асл имконпазир нест ва ба қудрату тавонмандии инсон вобастагӣ надорад. Ӯ таъкид медорад, ки сабр кун, то лаҷоми вақтро ба дасти худ бори дигар бигирам. Истифодаи ибораи «бори дигар» чунон маънӣ медиҳад, ки гӯё ӯ аллакай боре ин кори ғайриимконро иҷро кардааст:

Сабр кун, гирам лаҷоми вақтро бори дигар,

То гузорад бар замин пои ман осори дигар [66,5].

Дар байти дигар гуфтугӯ кардани чашм бо инсон дар таркиби худ ифодае парадоксӣ дорад, чун инсон дар асл бо инсон гуфтугӯ мекунад, на бо чашм. Ҳарчанд ин ҷо навъе санъати ташхис ҳам ҳаст, аммо шоир ин навъ воситаи тасвири бадеиро ҳам барои ифодаи парадоксӣ ва ҳам ҳиссомезӣ ба кор гирифтааст. Хосияти чашм дидан аст, ки аз ҷумлаи ҳисҳои одамӣ ба

шумор меравад ва гуфтугӯ вазифаи забон аст. Ҳамин пайванд миёни ҳиссиёт ва нутқ ба гунае ҳиссомезиро ҳам эҷод кардаанд:

Омадӣ ногоҳ бо ман рӯ ба рӯ,

Чашми ту мекард бо ман гуфтугӯ [66,7].

Ибораи "дар дили инсон ошён гузоштан" ҳам зоҳиран маънии ғайриимкон аст, чун одатан ошёнро дар рӯи шохаҳои дарахту фарози кӯҳҳо мегузоранд. Вале устод Мирзо Турсунзода ба шеваи баёни амалҳои ғайриимкон дар зоҳир як матлаб ва маънии тозае меофарад ва ин ҷо маскан гирифтан ба қалби инсонӣ ва роҳ ёфтан ба онро тавассути таркибе дорои ифодаи парадоксӣ тасвир кардааст:

Ошён гар мегузорӣ, дар дили инсон гузор

Аз раҳи меҳру вафову аҳди бепоён гузор [66,10].

Ибораи "субҳи шаб" дар асл ба маънии субҳе, ки пас аз шаб меояд, ба кор меравад. Вале дар зоҳир онҳо ба ҳам муқобиланд, бо сабаби хусусиятҳои зоҳирии торикиву рӯшанӣ. Аз ин ҷо, дар шеър ба кор рафтани "субҳи шаби торик" эҷоди як навъ тасвири парадоксиро таъмин намудааст:

Ҳастияш субҳи шаби торик шуд,

Достони шоири тоҷик шуд [66,23].

Ибораи барфи болои сар дар байти дигари шоир ифодагари мӯйи сапеди сар ба кор рафтааст. Дар мисраи дувум бошад, ашки ҷӯшони ошиқон навъе ифодаи парадоксӣ касб намудааст, чун ашк маҳсули сӯзи инсон аст, онро ба ҷӯшон васф мекунад, вале дар асл он ҷӯшон буда наметавонад:

Барфи болои сари ман нуқрасон рахшон бувад,

Оби рӯдам мисли ашки ошиқон ҷӯшон бувад [66,28].

Ин маъниро дар байти дигар дар таркиби "Аз чашм шарора рехтан" баён кардааст. Ин ибора барои ифодаи маънии "равшан шудани чашм аз таъсири чизе" ба кор рафтааст. Аммо шоир онро тавассути тавсире, ки амали он зоҳиран ғайриимкон аст, баён доштааст, ки он сурати аз чашм рехтани шарораро ба худ гирифтааст:

Кардам ба кӯҳсорон чун ошиқон назора,

Мерехт зарра-зарра аз чашми ман шарора [66,56].

Ибораи “бесухан гуфтугӯ кардан” ба таври равшан маълум аст, ки тасвире парадоксӣ аст, чун сухан маҳсули гуфтугӯст. Ин ҷо бо аломати рамз ҳарф заданро шоир баён кардааст, ки баёноте парадоксӣ ба худ касб кардааст:

Бесухан бо чашми ман чашми ту дорад гуфтугӯ,

Гардад огаҳ, гар дилам ҷунбад зи ҷо як қадри мӯ [66,58].

Бо чашми кушода аслан мебинанд, аммо шоир таъкид мекунад, ки ба ду чашми кушода, ҳар чӣ медидаму намедидам. Бо чашми кушода надидан ҳам акнун тасвире парадоксист, ки дар каломи шоир ҷилвагар шудааст:

Бо ду чашми кушода дар олам,

Ҳар чӣ медидаму намедидам [66,117].

Дар байти дигар бошад шоир ибораи “марг хандон кафзанӣ дошт”-ро офаридааст, ки бегумон тасвире парадокист, зеро марг аслан гиряҳо ба бор меоварад, аммо хандаи марг худ баёнест, ки дар таркибаш зиддияте маъноӣ дорад ва ҳунари устоди бузурги суханро дар эҷоди ин навъ тасвирҳо ҷилвагарӣ мекунад:

Дар он ҷо марг хандон кафзанӣ дошт,

Сиёҳӣ бо сафедӣ душманӣ дошт [66, 194].

Як баррасии кутоҳи анҷомёфта дар мавриди ҷойгоҳи тасвири мутаноқизнамо дар шеъри устод Мирзо Турсунзода моро ба натиҷае мерасонад, ки новобаста ба сиёсати ҷории замон ва таъсири он ба шеъри замони шӯравӣ ин суханвари мумтоз тавассути ҳунари баланди шоирие, ки соҳиб аст, дар такмили ҷанбаҳои ҳунарии шеъри худ ва давом додани суннатҳои бадеии шеъри классикии тоҷик иқдом намудааст. Ҳеҷ шаке нест, ки дар баробари таъсири сахти сиёсати замон ба шеър устод Мирзо Турсунзода як суханвари ҳунарвар ва шоири мумтоз ҳунари баланди шоирии хешро ба ҷилва овардааст, ки таҳқиқи ҳамин ҷанбаҳои бадеӣ ва арзишҳои ҳунарии он ин ҳақиқатро ошкор месозад. Баробари ин, зиёд будани чунин тасвирҳо аз он дарак медиҳад, ки сафарҳои чандинкаратаи шоир ба

Ҳиндустон барояш имконият додааст, ки дар баробари маърифати фазои сиёсиву иҷтимоии ин кишвар дар замони худ ба осори шоирони форсизабони Ҳинд низ даст ёфтаву аз онҳо мутолеаи фаровон доштааст, ки ҷилваи чунин хусусиятҳои хос ба шеъри сабки ҳиндӣ дар ашъори шоир моро ба ин натиҷа мерасонад.

Устод Муъмин Қаноат дар шумори суханварони соҳибноми адабиёти муосири тоҷик қарор доранд, ки барои таҳаввулоти Мавзуиву сохторӣ, ташаккули арзишҳои адабиву бадеӣ саҳми шоиста гузоштаанд. Мақоми ин шоири соҳибназар дар навбати аввал барои инкишофи навъи достон дар адабиёти муосири мо хидмат намудааст, ки ҳар яке аз ин достонҳо ба зоти худ аз диди навъ, шакл, мазмуну муҳтаво, арзишҳои адабӣ дорои махсусиятҳои муайян мебошанд. Дар тадқиқоти анҷомдодаи донишмандони тоҷик Худой Шариф [125], Рустам Ваҳҳобзода [100] ва дигарон муҳимтарин вижагиҳои сабкиву Мавзуии ашъори шоир, аз ҷумла достонҳои ӯ шарҳу тафсир шудаанд.

Дар канори дигар хусусиятҳои ҳунарӣ дар ашъори устод Муъмин Қаноат низ шеваҳои хоси таҷассуми тасвири парадоксӣ ба мушоҳида мерасад. Ин падидаи нодири бадеӣ дар достонҳои шоир ҷилваҳои хосе дорад, ки мурур бархе аз ин достонҳо нақши таъсиргузори тасвири мутаноқизномаро бозгӯӣ мекунад. Аз ҷумла, дар Суруши савум, аз достони “Суруши Сталинград”, ки “Маллоҳи баҳри сиёҳ” ном дорад, тасвири қабристони беором шудани киштии тӯфонӣ навъе аз баёни парадоксӣ мебошад, зеро зоҳиран киштии тӯфонӣ ва қабристони беором аз тасвири парадоксӣ таркиб ёфтаанд. Дар асл оромӣ сифати қабристон аст ва шоир истифодаи ибораи қабристони беоромро барои ифодаи истиораи киштии тӯфонӣ ба кор мебарад, ки дар зери баҳр ҳангоми ғарқидан ба ин ҳол гирифтор мешавад:

Даме, ки киштии тӯфониям аз бахти бефарҷом
Ба зери баҳр-
қабристони беором шуд ором,

Ба соҳил ду қадам роҳи нахустин гӯри ман будӣ

Ба мавҷи охирин аз пушти ман мисли кафан будӣ [27, 38].

Дар идомаи ин шеър мо ба ифодаҳои “зиндадаргӯр” дучор мешавем, ки он ҳам дар вусъати хеш баёне парадоксиро соҳиб мебошад. Шоир таъкид дорад, ки бо азоби гӯр зинда аз гӯр гузаштам. Тасвири умумии манзара зоҳиран ғайриимкон аст ва таноқузе дар баён дорад, вале шоир ҳамон ранҷу азияти хешро аз забони малоҳи баҳри сиёҳ ҳамин гуна тасвир мекунад, ки ниҳоят ба соҳил мерасад ва вақте раҳо мешавад мебинад, ки замин ба мисли кафи даст танг аст. Ҳамин таркиб низ аз шеваи хоси корбурди тасвири парадоксӣ бархурдор мебошад, зеро тангии заминро ба кафи даст шабеҳ мекунад, ки дар асл ғайриимкон аст. Аммо инсоне, ки аз мавҷи тӯфони ҳодисоти баҳр раҳо ёфтааст, метавонад ҳамингуна бубинад ҷаҳони бекаронро -тангу тор:

Ман охир зинда аз гӯрам гузаштам бо азоби гӯр,

Садои тӯпҳои дур ҳамчун таблаи ноҷӯр.

Ана соҳил,

Мана қотил,

Зи рӯи мавҷ барҷастам,

Замин танг аст монанди кафи дастам [27,38-39].

Дар суруши шашум аз ин достон устод Муъмин Қаноат дарёи дамонро ба оташ монанд намуда, тасвиреро ба сурати дар рӯи об ҳамчун мавҷи равон оташ ва саропо ба ҷои гул ва боғу бӯстон оташ будан меофарад, ки агар ба тарҳи ин тасвир ҳар чӣ фаротар биандешем, ҷилваи тасвири парадоксиро ба мушоҳида мегирем. Ҳарчанд ҳолатҳои нодири дар рӯи об ҳаракат кардани оташро метавон ба мушоҳида гирифт, хоса дар вақти ба рӯи об даргирифтани сӯзишоварии моей, ки устод Муъмин Қаноат барои офариниши як тасвири парадоксӣ ба унвони восита ё абзор истифода намудааст. Дар тасаввури шоир вақте замин ба оташ бадал мегардад, он гоҳ ҳама ҷо ҳатто болои об ҳам оташ фурӯзон мешавад ва ҳадафи асосии ин тасвир нишон додани вусъати

фарогирии оташи ҳамасӯз аст, ки барои баёни он аз ин навъ тасвирҳо ба кор гирифт:

Замин оташ,
Ва дарёи дамон оташ,
Ба рӯи об ҳамчун мавҷи хунине равон оташ,
Ба ҳар хона ба ҷои ошдон дар остон оташ,
Ба ҷои гул
Ба боғу бӯстон оташ.... [27, 45]

Дар давоми шеър "сӯхтани об", "сухтани рӯи маҳтоб" ҳамин навъ тасвирҳоро дар худ ғунҷоиш додаанд, зеро сӯхтани об дар асл таъбире мутаноқиз аст, чун бо об баръакс алангаи оташро хомӯш мекунанд ва ба ин хотир ин ду унсури ба ҳам зид ҳастанд. "Туфанг аз тоб сӯхтан" ҳам дар қолиби сохтмони таркиб ҳам ифодаи шоиронаест, ки дар коргоҳи хаёли суханвар ҳосил шудааст:

Худоро, об месӯзад,
Рухи маҳтоб месӯзад,
Туфанг аз тоб месӯзад
Ва мӯи модари бетоб месӯзад! [27, 45]

Ибораи "заминро хандарӯ аз гиряи тифлона дидан" дар мисраи баъдӣ зоҳиран гӯё тазоде дар вуҷуди хеш нуҳуфта дорад, аммо мазмунофариҳои шоиронаи муҷассам дар мисраъ ҳузури як тасвири парадоксиро бозгӯӣ мекунад. Хандаи рӯи замин дар асл нишони шодиву нишот аст ва он бар асоси гиряи тифлона ҳосил мешавад. Милоди тифл ва гиряи ӯ сабаби хандарӯии замин, яъне афзудани шодист, ки ҳамин ду мафҳум "ханда" ва "гиря" дар баробари мавҷудияти санъати тазод навъе тасвири парадоксро ғунҷоиш додаанд:

Заминро хандарӯ аз гиряи тифлона мебинам,
Зи рӯи дӯстонам хандаи тифлона мечинам [27,46].

Дар шеъри дигари шоир ибораи "тифли пириву навҷавонӣ" дар худ тасвире парадоксиро ҷой додааст, зеро аслан тифлӣ худ айёмест, ки дар

муқобили пирӣ қарор дорад, вақте шоир ибораи “тифли пирӣ”-ро ба кор мегирад, равшан мешавад, ки ӯ дар асоси ин ду мафҳуми ба ҳамдигар зид маънии нав ҳосил кардааст:

Охирин донаи хазоният,
Тифли пирию навҷавоният
Сабз мешуд ба домани деҳа
То шавад бори хирмани деҳа [27,70].

Дар мисраи дувум ибораи “сабз шудани тифли пириву навҷавонӣ” ба маънии ҷилвагарии хотираҳои ҷавониву пирӣ дар деҳа ба кор рафтааст. Агар ба масоҳати умумии шеър аз нигоҳи пайванди куллӣ назар афканем, иборат сабз шудан ба байти аввал ҳам рабт дорад. Ифодаи “охирин донаи хазоният” бо пайванд ба феъли таркиби “сабз мешуд”, ки дар мисраи савум ҷой гирифта, рабте дорад. Тарҳи умумии ибора “охирин донаи хазонӣ сабз мешуд” аст, ки дар баробари ибораи шоирона будан аз тасвири парадоксӣ бархурдор аст, яъне дар навбати аввал донаи хазонӣ худ таркиби парадоксист, зеро дона дар мақоми аввали шаклгирии дарахт аст ва он бояд сабз шавад. Вале ибораҳои “донаи хазонӣ” ва “сабз шудани донаи хазонӣ” ҳарду баёне парадоксиро дар хеш ҷой додаанд, зеро ҳарчанд ибораи “донаи хазонӣ” ба маънии донае, ки як рӯз хазон мешавад ва тақдираш ӯро ба хазон мебарад, истифода шуда, аммо ҳамон зиддияти маъноӣ барои зоҳир шудани як навъ баёни парадоксӣ омил гардида. Аммо вақте шоир аз сабз шудани донаи хазонӣ сухан мекунад, ҷилваи ин тасвири парадоксӣ равшантар мегардад.

Дар байти дигар аз шеъри Муъмин Қаноат ифодаи “оташ дар дили сард ёфтан” навъе парадоксро дар худ ҷой додааст, чун маълум аст, ки дар дили сард оташе нест, аммо ин ҷо савдои ҷаҳон, яъне муҳаббати дунё омили вуҷуди оташи меҳр дар дил сард шудаст. Оташ ва сардӣ ҳарду мухолифи ҳаманд, аммо вақте Муъмин Қаноат дар бораи инсони дар дами марг қароргирифта сухан мекунад ва мисраи аввал баёну бозгӯи ин амр аст, дар

дили сарди инсони бемор муҳаббати дунёро ҳамчун шуълаи оташ ба мушоҳида мегирад:

Ва Сино аз мизоҷаш кофт ҷои решаи дардаш,

Чу оташ ёфт савдои ҷаҳонро дар дили сардаш [27, 73].

Ибораҳои “дили пур” ва “дасти холӣ” дар ин байт зимнан ба эҷоди тасвире парадоксӣ сабаб шудаанд, зеро дили пур ба маънии хотирҷамъист ва дасти холӣ ба маънии нодорӣ. Хотири ҷамъ бо дасти холӣ камтар иттифоқ афтад ва аз ин рӯст, ки шоир агар чунин ҳол даст диҳад, онро беҳтарин инъом ё инъоми олӣ ба шумор меоварад.

Ҳамин инъоми олӣ бас,

Дили пур, дасти холӣ бас [27, 76].

Бехудову ба Худо будани Бухоро дар як вақт зоҳиран тасвире парадоксист, ки албатта барои ифодаи шӯру исёни рӯзи ғазо дар Бухороро тасвир намудааст. Ба таъбири дигар, дар ҳоли ғазо имкон дорад, ки ҳама чиз иттифоқ аст, аз ҷумла бехудоиву бохудоӣ, ки онро шоир ба ҳамин сурат тафсир карда. Вале дар як вақт тасвири ин ҳол, яъне бехудову бо Худо ҷилваи рӯшани як баёне парадоксиро дар ин шеър намоиш додааст:

Қазоро бин, ки он рӯзи ғазо буд,

Бухоро бе худою бо худо буд [27, 83]

Ҳама дар худ фурӯ буданд,

Шароби дар сабӯ буданд

Худоро дар худӣ дар ҷустуҷӯ буданд...

Нишастам гӯшае, сарпӯшае бардоштам аз дил,

Дигар сарпӯшае бархост аз худҷӯшии маҳфил [27, 91].

Дар байтҳои болои ифодаҳои Худоро дар худӣ дар ҷустуҷӯ буданд, сарпӯшие бардоштан аз дил ва сарпӯшие аз худҷӯшии маҳфил бархостан ҳамин гуна баёноте шоиронаро бо вуҷуди тасвирҳое парадоксӣ дар худ ҷой додааст.

Ибораи “пастии фикру баландии даст” дар байти дигари Муъмин Қаноат сабабгори эҷоди тасвире парадоксӣ шудааст, чун фикри паст сабаби

баланддастӣ намешавад, аммо шоир барои ифода намудани вазъи пасти илму фан бо танз ҳамин матлабро тафсир кардааст, ки он сабабгори поин рафтани сатҳи нишондодаҳои илму фан гардидааст:

Зи пастии фикру баландии даст,

Шуда илму фанро нишонанда паст [27,95].

Дар шеъри дигари устод Муъмин Қаноат ба сари бетану тани бесар ишорат мешавад. Ибораҳои “сари бетан” ва “тани бесар” ҳар ду баҳравар аз ифодаҳои парадоксӣ мебошанд, зеро ҳарчанд вақти ҷудо кардани сар ин таъбир истифода мешавад ва ба назар мерасад, ки ҳар ду таъбир ифодаи як маъниро доранд. Вале маълум аст, ки дар асл сар бе тан ва тан бе сар маънӣ надорад ва инсон ҳам дар ҳолати аз даст додани яке ҳастии худро аз миён мебардорад:

Агар манзари илм як кишвар аст,

Сари бетан асту тани бесар аст [27, 97].

Дар идома таъкид гардад, ки агар фазл дунёст, беманзил бошад ва агар илм дарёст, бесоҳил. Тасвири парадоксӣ дар таркиби дунёи беманзил ва дарёи бесоҳил ҷой доранд. Шоир таъкид мекунад, ки агар фазлу донишро ба дунё монанд кунем, он гоҳ беманзил аст, яъне ҳадду сарҳад надорад ва нопайдоканор бошад. Барои ифодаи ҳамин нопайдоканорӣ шоир аз таркиби дорои парадоксӣ “дунёи беманзил” ба кор гирифтааст ва барои ифодаи бепоён ва фарохии илм ҳамингуна таркиби парадоксии “дарёи бесоҳил”-ро сохтааст. Ваҷҳи таркиби дорои парадокс будани “дарёи бесоҳил” он бошад, ки аслан дарё бидуни соҳил наметавонад бошад, аммо барои ифодаи вусъат ва фарохии илм шоир ин таъбирро бо шеваи хоси шоиронаи хеш офаридааст:

Агар фазл дунёст, беманзил аст,

Агар илм дарёст, бесоҳил аст [27,33].

Дар байти дигари ин шеър бошад шоир ба хуршед ишорат мекунад, ки дар вақти ғурубу гусел аввал ба дил менишинаду якбора аз дил мебарояд. Таркиби парадоксии байт дар мисраи дувуми он бо пайванд ба вожаи меҳр эҷод шудааст, ки ду сурат дорад, аввал ба дилҳо менишинаду баъдан аз дил

мебарояд. Дар як вақт ба дил нишастану баромадан аз дил навъе парадокс аст, чун якбора иттифоқ наафтанд ва ваҷҳи таноқуз вожагони нишастан ва баромадан мешаванд. Меҳр бошад ба ду маънӣ ба кор рафтааст, аввал хуршед, чун дар робита ба вожаи ғуруб, ки хоси он аст. Баъдан ҳамон меҳру муҳаббат, ки манзур аз ғуруб ин ҷо ба поён расидани он бошад:

Агар меҳр вақти ғурубу гусел,

Нишинад ба дилҳо, барояд зи дил [27, 98].

Дар байти зерин ибораи "донои нодон" таъбири парадоксӣ мебошад ва ваҷҳи зуҳури ин таркиб худ маълум аст ва аммо, дар ҳоли баёни танзӣ, дар миёни мардум ин таркибро ба кор баранд ҳам дар нисбати инсонҳое, ки ҳама чизро медонанд, вале боз ҳам матлабҳое низ ҳастанд, ки ба маърифати онҳо қодир нестанд. Дар робита ба ин, дар мисраи аввал ибораи "дар тирашаб нури тобон" будан низ метавонад навъе таркиби парадоксӣ бошад, чун вожаи тирашаб барои он гуфта мешавад, ки он ҷо нур мавҷуд нест ва аз асари ҳамин набудани нур онро тирашаб гӯянд:

Дар ин тирашаб нури тобон манам,

Агар ҳаст донои нодон, манам [27, 104].

Ифодаҳои "бемакону бомакон" ва "соҳибҷаҳони беҷаҳон", ки дар сифати дониш гуфта шудааст, таҷассуми тасвири парадоксиро дар худ ба намоиш гузоштаанд. Ин ҷо ҳам бемакону ҳам бомакон будан ва ё соҳибҷаҳони беҷаҳон будан дар як вақт ғайриимкон аст, аммо вақте паҳноварӣ ва ё беҳудудии дониш тафсир мешавад, шоир барои тафсири он ҳамин ду таркиби дорои тасвири парадоксиро дар коргоҳи андешаҳои шоиронаи худ эҷод кардааст:

Чу дониш бемакону бомакон аст,

Аҷаб соҳибҷаҳони беҷаҳон аст [27,105].

Дар порчаи зерин бошад, ибораҳои сукут аз ҷойи худ ҷунбидан ва нафас баставу хомӯш гардидан дорои тасвири парадоксӣ мебошад. Чун маълум аст, ки сукут ҳолатест, ки он ҷо танҳо оромиш ва беҳаракатӣ ба мушоҳида

мерасад ва дар ҳоли аз ҷойи худ ҷунбидан асли сукут будани хешро аз даст медиҳад:

Ба сӯи мо назар нокардаю бигзашт,

Ҳама дар ҷои худ ях баст,

Дусад чашми сиёҳ аз пушти ӯ мерафт,

Сукут аз ҷои худ ҷунбид, ях бишкаст

Нафасҳо бастаю хомӯш мерафтем [27, 114].

Ибораи "гиряи талхи худоёнро дидан" ҳам баёне парадоксӣ аст, чун дар асл мушоҳидаи он ғайриимкон аст ва аммо шоир барои тафсири ҳолати саршори дарду андӯҳи муассир ин матлабро баён медонад:

Нахустин бор дидам гиряи талхи худоёнро,

Баландиҳои инсонро

Сукути абру боронро [27, 117].

Хурӯше, ки аз лаби хомӯш берун меояд, дар асл ғайриимкон аст, хамӯшӣ ва хурӯш бо ҳам мутазод аст ва дар ин ҳоли таъбири эҷоднамудаи Муъмин Қаноат ҳосили маънӣ ба ҳамон маънии мавҷи хурӯши дарунии инсон такя мекунад, ки бесадост. Хурӯши бесадо, ки дар андаруни лабҳои хомӯш ҷой дорад, баёни парадоксии тасвири шоирро тақвият бахшидааст:

Ба ҳомун боз мегардад хурӯши ман

Зи лабҳои хамӯши ман [27, 166].

Ибораи ғарибони дар Ватан мурда ҳам ҷилвае аз тасвири парадоксиро ба мо рӯйнамо месозад, зеро ғариб дар асл нафарест, ки дар ғурбат ва берун аз Ватан қарор дорад. Ин ҷо шоир аслан мехоҳад он нафаронеро тасвир кунад, ки дар Ватани худ ғарибанд. Тазоди ватан ва ғурбат сабаби аслии эҷоди тасвири парадоксӣ дар ин шеър гардидааст:

Ба ёд,

Ёди ғарибони дар Ватан мурда,

Ба ёдбуди шаҳидони бекафан мурда,

Ба ёди зиндадилу зиндаҷони танмурда [27, 173].

Ҳамин тавр, баҳсу баррасии хусусиятҳои ҳунарии ашъори Муъмин Қаноат, ки дар он тасвири парадоксӣ мавқеи намоён дорад, аз он дарак медиҳад, ки ин намояндаии барҷастаи адабиёти муосири тоҷик дар баробари Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор барои ташаккули ҷанбаҳои ҳунарии шеъри имрӯз нақши муҳим гузоштааст. Дар ин миёни коркарду эҷоди тасвири парадоксӣ ҳам барои нуфузи маъниофариҳои шоирона таъсири пурфайз гузоштаанд ва ҳамчунин аркони ҳунарии шеъри шоирро мустаҳкам намудаанд. Хосатан, ин падидаи ҳунарӣ дар достонҳои Муъмин Қаноат, чун “Тоҷикистон- исми ман”, “Мавҷҳои Днепр”, “Суруши Сталинград”, “Гаҳвораи Сино” ва монанди ин нуфузи шоён касб намуда, дар ифодаи матлабҳои муайян таъсири матлуб гузоштааст.

Устод Лоиқ дар шумори суханварони соҳибибтикоре қарор дорад, ки барои зуҳури навовариҳо дар анвои шеъри муосир нақши муҳим гузоштааст. Албатта, сарчашмаи ин ҳама навовариҳо, пеш аз ҳама, мутолиаи осори суханварони адабиёти классикии тоҷик ва идомаи суннатҳои нодири адабиёти классикии тоҷик ба шумор меравад. Худи устод Лоиқ дар навбати аввал ба ин мутолиа ва баҳравариии хеш аз шеъри гузаштагон таъкид намудааст. Аз ҷумла, дар яке аз суҳбатҳояш фармудааст, ки “беш аз ҳама шеърро аз зиндагӣ, ҳамчунин аз шеъри Рӯдакӣ, Ҳофиз, Хайём, Соиб, Калими Кошонӣ ва махсусан пас аз хондани “Маснавии маънавӣ” ва “Девони кабир” омӯхтам” [114, 147].

Муҳаққиқони адабиёти гузаштаи мо парадоксро ҳамчун навъи тасвир, пеш аз ҳама, чун махсусияти сабки ҳиндӣ ба шумор овардаанд ва дар шумори дигар хусусиятҳои таъсиргузори ин сабк бешак ҳамин вижагӣ дар шеъри муосир сарчашма дар ҳамин шеъри шоирони ин сабк дорад. Ба назари мо, чун устод Лоиқ, ки аз ин шеър баҳрамандиҳои бештаре бардоштаанд ва ин дар заминаи таҳияи осори Соиб аз ҷониби ин шоир равшан мегардад, низ дар ташаккули ин падидаи ҳунарӣ сарчашмаҳое аз сабки ҳиндӣ гирифтааст.

Мусаллам аст, ки тасвири парадоксӣ заминаи канори ҳам гузоштани ду мафҳуми мутазод, ки зоҳиран маънии бемаъниро эҷод мекунанд, ба вуҷуд

меоянд. Дар шеъри муосир устод Лоиқро ҳамчун шоири соҳибибтикор ва инқилобӣ эътироф намудаанд. Бегумон нуфузи ин навъ тасвирҳо низ дар шеъри устод ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, дар ғазале мефармояд:

Сад баҳрро гузаштаму дар соҳилам ҳанӯз,
Сад боғ мева чидаму беҳосилам ҳанӯз [81,342].

Ба мушоҳида мерасад, ки зоҳиран сад баҳрро гузаштаву дар соҳил будан гӯё маъниеро соҳиб нест, аммо тааммуқ дар ғаври маънои ин байти устод матлаберо рӯшан мекунад, ки манзур бо ҳама талошу кӯшишҳо то ҳанӯз ба ҷое нарасиданро шоир тавассути ду тасвири парадоксӣ, яъне сад баҳрро гузаштаву ба соҳил нарасидан ва сад боғ мева чидаву беҳосил будан баён намудааст.

Дар ғазали дигари устод Лоиқ ба мушоҳида мерасад, ки шоир вақте ба тирамоҳ руҷуъ мекунад, аз он баҳорро мепурсад. Маълум аст, ки зимнан ин ҷо ҳиссиёти дарунии инсон шарҳу баён меёбад ва гӯё зоҳир тазоде ба чашм мерасад. Аммо дар заминаи муқобили ҳам гузоштани тирамоҳу баҳор шоир як баёни мутаноқизнамо низ эҷод кардааст, ки онро метавон чунин тавзеҳ дод, ки дар тирамоҳ чи гуна метавон баҳорро пайдо кард:

Тирамоҳи ман, баҳори ман куҷост?
Бебарорам ман, барори ман куҷост?
Хушкдасту хушклаб мондам дареғ,
Бӯсаҳои гарми ёри ман куҷост? [81, 339]

Агарчи ҳолу ҳавое чунин иттифоқ меафтад, ки инсонҳо ба таври тасодуфӣ метавонад гоҳо дар гӯр зинда монанд, вале дар асл вақте ба ин ифода дар шеъри устод Лоиқ муроҷиат мекунем, маълум мешавад, ки он ҷо баёне парадоксӣ аст:

Ман зинда берун омадам аз гӯрҳо, аз гӯрҳо,
Наздики ёрон омадам аз дурҳо, аз дурҳо.
Оғӯши қисмат боз шуд, сад хони неъмат соз шуд,
Гӯёву бино омадам, аз базми гунгу кӯрҳо [81,412].

Дар мисраи чаҳорум низ баёне парадоксӣ дида мешавад, зеро ифодаи “аз базми гунгу кӯрҳо гӯёву бино омадан”, шояд зоҳиран маънии аслӣ ҳам дорад, аммо ифодаи шоиронаи матлаб дар ҳоли кашфи парадокс дар таркиби он маълуму равшан мегардад.

Дар ғазали дигари устод Лоиқ, ки бо байти зерин шуруъ мешавад, ҷилваи парадокс ба равшанӣ мушоҳида мешавад:

Шишаи мо санги хоро бишканад,

Хомии мо пухтаҳоро бишаканад [81, 348]

Маълум аст, ки ин ҷо дар асл сухан дар бораи он меравад, ки на санг шишаро мешиканад, балки шишаи мо сангро хоҳад шикаст ва хомии мо пухтаҳоро аз худ дур мекунад. Ба назар мерасад, ки дар таркиби ашъори устод Лоиқ бо ҳамон шевоиву равонӣ таҷассуми парадокс ҳамчун санъати ҳунарии шеър ба мушоҳида мерасад, ки ин ба ҳунари шоирии суханвари мумтоз таъкид мекунад. Дар байти дувуми ин ғазал низ мо ҷилваҳое аз тасвири парадоксро ба мушоҳида мегирем, зеро ин ҷо шоир аз шикастани санги дарё аз дасти кӯза сухан мекунад, ҳол он ки санг метавонад кӯзаро бишканад. Ин ҷо дар асл баёни мақом ва қудрати инсон дар назар аст, ки ба ҳар амал қодир аст ва шоир онро тавассути корбурди тасвире парадкосӣ амалӣ мекунад:

Ончунон сангинмизоҷу маҳкамем,

Кӯзаи мо санги дарё бишканад [81, 348].

Ба байти дигари устод муроҷиат мекунем, ки дар он ҷилваҳои зоти тасвири парадоксиро метавон ба мушоҳида овард:

Дар дили ман ҷуз ғами ширини ту коме мабод,

Ишқи ман ҳар тирамаҳ бо номи ту гул мекунад [81,378].

Иборои “ғами ширин” ҳарчанд таркиби маъмулӣ аст, аммо дар вуҷуди он ҷилваи парадоксӣ ба рӯшанӣ ҳувайдост. Маълум аст, ки дар асл ғам маҳсули ранҷу шӯру азиятест, ки талхиҳое ба худ дорад. Аммо эҳсоси ширинӣ дар он ё ба ибораи дигар ранҷу талхии ғамро ширин эҳсос кардан, худ баёне парадоксӣ ба шумор меравад.

Дар мисраи дувуми байт бошад, Лоиқ таркиби “дар тирамаҳ гул кардани ишқ”- ро ба кор бурдааст. Чун аслан айёми баҳор замони шукуфтану гул кардан аст. Вале дар ҳиссиёти инсон ҳар вақте васл меояд, онро фасли шукуфтан мепиндорад ва фаслҳои зоҳирии чоргона дар вуҷуди инсон вобаста ба ҳиссиёт рангу тобиши дигар дорад.

Дар байти дигари ғазали боло нахуст матлаби “дар тирамаҳ гул кардани ишқ” бо сурати дигар баён шуда, дар оинаи нигоҳи хонанда ба ҷилва меояд. Ин ҷо агарчӣ фасли хазонрез аст, аммо ба воситаи бӯи баҳори дидори ёр рӯзгору лаҳзаҳои он дар андешаву афкори инсон тарҳи нав ва зебо мегирад. Худ шоир таъкид мекунад, ки агарчӣ фасли хазон аст, аммо ман бо бӯи баҳори дидору ёди ту зиндагонӣ мекунам, зеро дар гулистони дили ман танҳо гуландоме, ки ҳаст ва ягона гуле, ки мешукуфад, ин туӣ:

Гар хазонрез аст, бо бӯи баҳорат зиндаам,

Дар гулистони дилам ҷуз ту гуландоме мабод [81, 378].

Ба назар мерасад, ки дар мавриди дигар баёни мутаноқизнамои “ғами ширин” дар тавассути ба кор гирифтани вожаи май тасвири дигареро эҷод мекунад, ки он ҳам навъе парадокс аст. Агар дар байти аввал шоир дар талхии ғам ширинии дунёро эҳсос мекунад, ин ҷо бошад, ҳамин шодиву нишоти дунёро аз талхии май дарёфтаву ишқро подоши ҷудоиҳо унвон мекунад. Ҳунари шоирии Лоиқ дар ин шеъри ба истилоҳ нимоӣ ҷилва додани тасвири парадоксӣ равшан аст, ки мо ба мушоҳида мегирем:

Ва донистам, ки дар талхии май

ширинии дунёст,

Ва донистам, ки дарди ишқ подоши ҷудоиҳост [81,42].

Дар идомаи ин шеър низ як навъ таркибе меофарад, ки дар он ҳам мо таҷассуми гунаи ин тасвирро мушоҳида мекунем. Лоиқ холигоҳи мобайни замину осмонро барои худ ҷои сарфарозиҳо медонад, ки шояд зоҳиран чизеро маънидод кунад. Аммо амиқан равшан аст, ки ҳаргиз ҷои холигоҳ барои сарфарозии инсон омил шуда наметавонад:

Ва донистам, ки холигоҳи мобайни

замину осмон бар мо

Барои сарфарозиҳост;

Ва донистам, ки паҳнои замин

дар зиндагии кӯтаҳи одам

Барои бениёзиҳост, –

Паёпай бода менӯшам [81,42].

Шакли савуми баёни шоир дар ифодаи як маънӣ, яъне дар талхӣ ширинӣ ба даст овардан, ба сурати ибораи “заҳр хурда, асал гуфтан” ба назар мерасад, ки он дар байте аз як ғазали шоир ба ҷилва меояд. Ин байт дар асл як мақтаъи ҳамон сурудаи Лоиқ аст, ки навъе афкори ӯро ҷамъбаст ва натиҷагирӣ кардааст:

Зиндагӣ чун ҳама захр асту асал,

Заҳрро хӯрда, асал мегӯям [81, 381].

Барои ифодаи ҳамон маънии “ғами ширин”, ки аз тасвири парадоксӣ бархурдор аст, устод Лоиқ як таркиби дигаре худ офаридааст, ки он “ҳузни хушгувор” мебошад. Агарчӣ шояд ибораи ғами ширинро мо дар шеъри классикиамон дучор оем, вале ба назар мерасад, ки ин ибораи дорои баёни парадоксӣ моли худи Лоиқ аст, ки дар коргоҳи маънисозиву тахайюли бадеии ӯ эҷод шудааст:

Агар рӯят набинам, рӯи тақдирам сияҳ гардад

Ту- ҳусни рӯзгори ман, ту -ҳузни хушгувори ман [81, 374].

Дар байти дигаре аз як ғазали худ Лоиқ ибораи “дар замини вусъати худ осмонӣ будан"-ро офаридааст. Ба мушоҳида мерасад, ки дар замин осмонӣ будан худ парадокс аст, аммо дар замини вусъати худ осмонӣ буданро бо ҳамон маънии авҷи хоксорӣ барои инсонҳои огоҳ осмони ифтихор ва бузургиву наҷобат аст, ба кор мегирад. Ин ҷо ҳосили сухани шоир он аст, ки вусъати хоксориву фурутании ман ба ҳаддест, ки ҳатто хоксорон маро ба хок мезананд, яъне ба он баробар шуда наметавонанд:

Ман дар замини вусъати худ осмониям,

Дар хок мезананд маро хоксорҳо [81, 365].

Дар хок задани хоксорон ҳам навъе баёни парадоксӣ аст, зеро амалан хоксорӣ аз решаи дар хок будан, заминӣ будан аст, аммо барои баёни ҳадди олии он шоир боз ҳам таъкид дорад, ки хоксорон маро ба хок мезананд.

Аз “дунёи хоболуда бедор гузаштан” ҳам дар вуҷуди худ ҷилваи парадоксро барои мо бозгӯӣ мекунад, зеро аслан ҳангоми хоб бедор гузаштан ғайриимкон аст. Вақте ин ҷо сифати хоболудро ба дунё нисбат медиҳад, ранги маънисозӣ дигар мешавад. Дар мисраи аввал ибораи “хоби марг” ва “субҳ чашм накшодан” дар умум каломи шоирро ба маргу ноомадан мебарад, вале аз дунёи хоболуд бедор бигзаштан боз ҳам баёни парадоксиро дар байти зерин тақвият медиҳад:

Агарчӣ хоби маргат бурду субҳе чашм накшодӣ,

Ту аз дунёи хоболуди мо бедор бигзаштӣ [81,372].

“Хомӯшӣ тарона шудан” бошад дар байти дигар ин навъи тасвирҳоро ба гунае таровати дигар ато мекунад. Тарона дар асл ба садову овоз пайванд дорад, аммо хамӯшӣ тарона шудан ҳарчанд ба сурати марҳилавӣ метавон тасаввур кард, вале дар матни аслии худи таркиб бо ҳама имконпазирӣ навъе тасвири парадоксӣ будани он намоён аст.

Ҳангоми мутолеаи ашъори шоир ба мушоҳида мерасад, ки ӯ тасвири парадоксиро дар баёни мазмунҳои иҷтимоӣ ва фалсафӣ ба кор мегирад, то маъниҳое биофарад. Дар як байти ғазале аз худ барои ифодаи маънии он ки душмани хурду кӯчакро нодида набояд гирифт, чун ба қавли мардум душман агар хас аст, бас аст:

Бими тӯфони мавҷҳоям нест,

Аз хаси рӯи об метарсам [81, 335].

Мусаллам аст, ки тӯфони мавҷҳо аслан сарчашмаи хатар аст, аммо устод Лоиқ бо як баёне парадоксӣ изҳор медорад, ки аз тӯфони хатарзои мавҷҳо ҳаргиз ҳарос надорам, вале аз хаси рӯи об метарсам.Таҳлилу баррасии ҷойгоҳи парадокс дар шеъри устод Лоиқ Шералӣ баёнгари он аст, ки дар канори дигар падидаҳои ҳунарии шеъри классикӣ, аз ҷумла каломи Мирзо Абдулқодири Бедил ва шоирони дигари сабки ҳиндӣ устод Лоиқ Шералӣ ин

вижагии ҳунариро бо нодиртарин равишҳо идома додааст. Мутолеаи ашъори шоир муайян месозад, ки дар офариниши ин навъ тасвирҳо низ шоир тозакориҳоеро анҷом медиҳад, ки онҳо ба сурати баҳраварӣ аз руҳияи замонӣ, дурӣ аз такрор, маъниофариҳо, шинохти фалсафии воқеиятҳои рӯзгор ва амсоли ин ҷилвагар шудаанд. Дар канори ин, устод Лоиқ тавассути идомаи чунин суннатҳои адабӣ кӯшидааст, ки як навъ робитаеро миёни адабиёти имрӯзу гузашта барқарор намуда, худро ҳамчун шоири суннатгаро нишон бидиҳад, ки пайгири навовариҳо дар қолиби анвои суннатии шеър низ ҳаст.

Дар шеъри Бозор Собир низ ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ ба таври барҷаста намоён аст, зеро аслан муҳаққиқон худ ин шоири тавонои тоҷикро ҳамчун суханвари тасвирсоз ва тасвиргаро шинохтаанд. Дар шеъри “Қасам ба ҳар ду дидаам” шоир аз ҳар роҳу шева дар бунёди тасвири зебои парадоксӣ иқдом намудааст:

Яке ту қаҳрии ману як ту бо ман оштӣ,
Маро яке ту зинда кардиву яке ту куштӣ.
Яке ба бӯса дар лабам ҳазор лола киштӣ,
Яке маро ту аз биҳишти ишқи худ биҳиштӣ... [56, 207]

Ин ҷо мушоҳида мешавад, ки зимнан дар ҳамаи ин мисраъҳои шеъри шоир тасвири парадоксӣ зуҳур кардаанд. Аз ҷумла, шоир вақте баён медорад, ки яке ту ба ман қаҳриву яке оштӣ ҳастиву яке ту маро куштаву яке зинда кардӣ, ин тасвир ҳамон ҳолати ошиқонаест, ки дар айёми фарозу фуруди ишқ ба ҷилва меояд. Аммо зоҳиран дар як вақт иттифоқ афтодани ин тадбирҳо ғайриимкон аст, чун яке як нафар наметавонад, ҳар ду ҳолатро иҷро кунад. Танҳо баёни парадоксӣ дар шеър аст, ки метавонад ин ҳолу ҳаворо тасвир намояд.

Дар нуқтаи ҷамъбастии шеър ҳам чунин баёни парадоксӣ ба таври барҷаставу шево ба ҷилва омадааст:

На аз туам шикояту на аз ту ҳеҷ хашм,
Ки ман муҳаббати туро чашидаам ба оби чашм.

Қасам ба ҳар ду дидам,
Ки ғайри ту надидаам [56, 207].

Нахуст шоир тасвире шоирона дар қолиби чашидани муҳаббат ба оби чашмро офаридааст, ки баробари ҷой доштани тасвире парадоксӣ дар он ҷилваи зебои ҳиссомӣ дар он дида мешавад. Ба оби чашм чашидан худ тасвире парадоксӣ аст, зеро чашидан унсури ҳисси зоиқа аст ва оби чашм маҳсули босира. Дар ҳамин асос омезиши ин ду ҳисси инсонӣ омил ба эҷоди ҳам парадокс ва ҳам ҳиссомезӣ шудааст. Ин ки шоир қасам ба ҳар ду дида мехӯрад, ки ғайри ту надидаам мегӯяд, баёне парадоксӣ аст, чун дар зоҳир дида метавонад, ҳама чизро мебинад, аммо чун манзури шоир дидаи басират аст, ки танҳо маъшуқро мебинад, баёни парадоксиро такмил додааст.

Дар фарҳанги мардуми тоҷик ибораи “мурда-мурда зистан” маъруф аст, ки ба маънии бо сахтиҳои зиёд зиндагонӣ намуданро ифода мекунад. Бозор Собир ин ибораро дар таркиби “зиндамур шудани дил” истифода намудааст, ки зуҳури баёни парадоксӣ ба шакли ибораи маъруфи зинда ба зинда мурдан, ё зиндабагӯр наздик аст. Ин тарзи баён дар шеъри “Дилам месӯзад” чунин ба кор рафтааст:

То аз ғаму шодии ту пур шуд дили ман,
Монанди гуле ба ханда дур шуд дили ман.
Ишқи ту намурду зиндамур шуд дили ман,
Бар ин дили мурдаам дилам месӯзад [56, 189].

Калимаи мураккаби “дилмурда” ба маънии инсони маъюсу ноумед бештар ба кор меравад. Дар асл ин таркиб низ парадоксист, чун вақте нафари зинда дар бораи дили мурдаи худ ҳарф мезанад, зоҳиран маънии он халал дорад, чунин иттифоқоте бояд наафтад. Аммо ин ҷо сухан дар мавриди ноумедиву яъс меравад, ки онро дар таркиби парадоксии “дили мурда” ҷой додааст. Дар асл ибораи “аз ғаму шодӣ пур шудани дил” дар як вақт ҳолати ғайриимкони ҳиссии инсонро ифода мекунад, чун ғаму шодӣ дар як вақт наметавонад бигунҷад, вале дар умум баёни шоир ҳарчанд ҳолатеро аз инсон ифода мекунад, зимнан баёне мутоноқизнамо ошкор аст.

Дар шеъри “Офтобшин” бошад таркибҳои “безаминҳои заминҳо” ва “бе ту мебурдам туро ҳам” дар шумори ибороте ҷой доранд, ки аз тасвири парадоксӣ бархурдоранд.

Устод Гулназар низ дар идомаи ин суннати наҷиби ҳунарӣ дар пайи устодони шеъри имрӯз қадамҳои устувор гузоштаанд. Барои намуна ба як ғазали шоир руҷуъ мешавад, ки аз баёни парадоксӣ маншаъ гирифтаанд ва онҳоро танҳо аз роҳи таъвил дарк кардан имконпазир аст:

Дар дили зангӯлаи ман нолаҳое хуфтааст,
Дар ғами бегонаи ман ошное хуфтааст.
Дар парешонии маҳзуни насими ёвагард
“Шашмақом”- е бо навои бенавое хуфтааст…
Додгоҳе ғайри худ ҷое намедонам, зи бас
Зери дарди бедавои ман давое хуфтааст [12, 302].

Ифодаҳои” ғами бегонаи ошно”, “навои бенаво” ва “давои дарди бедаво” таноқузҳоеанд, ки дар ҳамдастӣ бо саноеи дигар ин ғазалро муассиру абёти алоҳидаи онро нотакрор кардаанд. Ба мушоҳида мерасад, ки устод Гулназар дар миёни шуарои муосири тоҷик аз ҳама бештар бо ифодаҳои парадоксӣ сарукор гирифтааст. Дар ин ҷода тааққулу тахайюли шоиронаро ба ҳам оштӣ додааст. Масалан, дар ин байти зебои як шеъри озод:

Оғушам аз ҳаваси холигӣ саршор аст,
Хонаам танҳоист [11, 35].

“Аз ҳаваси холигӣ саршор будани оғӯш” парадокси мустақилест, ки таноқузи “хонаи танҳоӣ”-ии онро мукаммалтар мекунад. Ин гуна байтҳои зеборо ба наср баргардондан кӯшиши беҳуда аст, чунки шеър рангубори худро аз даст медиҳад. Устод Гулназар дар эҷоди ин навъи парадокс ҳаргиз зиёдаравӣ накардааст, балки кӯшидааст, ки ҳисси отифии худро шарҳу тафсир кунад.

Албатта, тавре ишорат шуд, чун ин мавзуъ дар таҳқиқоти шоир ва адабиётшинос Равшани Ҳамроҳ ба таври васеъ баррасӣ шудааст, аз ин рӯ зарурати он пеш меояд, ки мо бо ҳамин чанд намунаи ашъори устод Гулназар

баҳси мазкурро дар нисбати шеъри ин суханвари нотакрор басанда ба шумор оварем.

Дар маҷмуъ, аз тадқиқоти анҷомёфта маълум мешавад, ки новобаста ба андешаҳои мухталиф дар бораи шеъри давраи Шӯравии тоҷик суннатҳои муҳими шеъри классикии тоҷик давом ёфтааст. Махсусан, давоми солҳои шастум то ҳаштодум, ки як гардиш куллӣ дар адабиёти муосири тоҷик арзи ҳастӣ намуда, бар ин асос падидаҳои ҳунарии шеър қувват гирифт, ин тамоюли суннатгароӣ боз ҳам равнақ касб кард. Намунаи барҷастаи ин идомаи суннатҳо корбурди шоиронаи парадокс дар шеъри муосир ба шумор меравад, ки мо онро дар мисоли ашъори Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ ва дигарон ба мушоҳида гирифтем. Ҳарчанд бахше аз эҷодиёти шоирони номвари мо чун Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ ва дигарон ба даврони истиқлолияти давлатӣ пайванд дорад, аммо бо назардошти он ки қисмати аъзами сурудаҳои мавриди баррасии мо дар давраи мазкур ба қалам омадаанд, намунаҳои ашъори шоирони мазкур, яъне насли калони даврони истиқлол дар бахши мазкури таҳқиқот ҳамчун давомдиҳандагони падидаҳои суннатии шеъри классикӣ дар давраи мавриди назар ба таҳқиқ кашида шуданд.

## II.3 Аркон ва шеваҳои эҷоди тасвирҳои парадоксӣ

Маълум аст, ки ҳар падидаи ҳунарӣ шаклу шева ва равиши махсуси зуҳур дорад ва тааммул дар моҳияту шаклу эҷоди тасвири парадоксӣ низ равишҳои хоси зуҳури хешро доро мебошад. Қаблан ҳам ишорат шуд, ки дар эҷоди парадокс нақши воситаҳои тасвир, аз ҷумла ташбеҳу ташхис хеле муҳим аст. Барои баррасии рукнҳои аслии эҷоди тасвири парадоксӣ ва шеваҳои зуҳури он ба баҳсу баррасии муҳимтарин равишҳои он хоҳем пардохт.

**Шахсиятбахшии ашё ва мафоҳими отифиву маънавӣ.** Дар ин шева нақши асосиро санъати ташхис иҷро мекунад, зеро ба ҳангоми шахсиятбахшии ашё ва ҳолоти отифиву мафоҳими маънавӣ шоирон иқдоме аз худ зоҳир мекунанд, ки тасвири офаридаи онҳо бар асоси ташхиси

мафоҳим ва отифаҳо, инчунин ашё воқеият касб мекунанд ва ин воқеиятҳо танҳо дар зеҳну андешаи халлоқи худи шоир ғунҷоиш меёбад. Дар шеъри классикии мо шуруъ аз устод Рӯдакӣ шеваи корбасти ташхис ё ба қавле шахсиятбахшии ашё нақши муҳим дорад ва ҳамон сурудаи машҳури устоди шоирон шакли нисбатан содаи ин усули шоиронаро ба намоиш мегузорад, ки дар он хандидани лола дар саҳро ва гиряи абр дар гардун ташхис шудаанд:

Бихандад лола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло.

Бигиряд абр бар гардун, ба сони дидаи Маҷнун [49, 144].

Дар шеъри сабки ҳиндӣ шаклҳои нисбатан мураккабе, ки дар онҳо тасвири парадоксӣ ҷилваи бештар касб мекунанд, нуфузи зиёд доранд. Масалан, Соиби Табрезӣ фармудааст:

Доғ барги айш гардад дар дили ношоди мо,

Ҷуғд мегардад ҳумоюн дар харобободи мо [58, 130].

Дар ин ҷо ҳарчанд ибораи "барги айш" ҳолати ба маҳсус табдил ёфтани унсури номаҳсус (яъне "айш") -ро ифода мекунад ва ин ҷо тарзи дигари баён, яъне ба сурати ашё даровардани аносири номаҳсус ба назар мерасад, вале худи барги айш гардидани доғ дар дили ношод ва ҳамзамон ҳумоюн шудани ҷуғд дар харобобод ба сурати парадокс даромадаанд, ки ҳам тазод ва ҳам ҳолатҳои равонӣ ва отифии инсон дар онҳо нақши асосиро гузоштаанд.

Дар байте аз Калими Кошонӣ низ дар таркиби ибораи "шамими хулд гадои баҳори Кашмир аст" ва таъбири "шукуфтагӣ гули хори диёри Кашмир" баёне парадоксӣ ба мушоҳида мерасад ва махсус дар мисраи аввал шоир шамими хулдро ба сурати инсон, яъне гадо медароварад. Ҳарчанд ин ҷо "гадо" киноя аз иштиёқманд, ошиқ ва дӯстдор омадааст, аммо танҳо суратбахшӣ шеваи мазкурро ба намоиш мегузорад. Ибораи гули хор бошад худ зимнан як навъ ибораи парадоксӣ аст, чун гулу хор бо ҳам тазоде доранд ва ин ҷо шоир бо корбурди муболиға, яъне шукуфтагӣ зоҳиран як гули хоршуда дар пеши зебоиҳои Кашмир аст, парадоксе эҷод мекунад, ки ҳам тазод дораду ҳам муболиға:

Шамими хулд гадои баҳори Кашмир аст,

Шукуфтагӣ гули хори диёри Кашмир аст [25, 160].

Дар шеъри муосири тоҷик низ ин шева ба таври шоиста ривоҷ дорад. Барои баррасии ҷойгоҳи он дар шеъри имрӯз ба намунаҳое аз ашъори суханварони имрӯз муроҷиат мешавад.

Аз оғози шеъри зерини Доро Наҷот равшан аст, ки шоир ҳамин шеваи шахсиятбахшӣ на танҳо ба ашё, балки ба отифаҳои инсонӣ ва мафҳумҳои маънавиро ихтиёр мекунад ва ҷанбаи ҳунарии сурудаашро аз ин роҳ таҳким мебахшад. Ин ҷо ибораҳои "арӯси лаҳзаву меъёр", ки ба ҳолати "шевоӣ" нисбат дода мешавад, бо ҳам "зеҳни ҷангал","дар таносуби асолат арғушт рафтани ишқи сабзи дарахтон" бо фарогирии санъати ташхис ҳолатҳоеро тасвир намудаанд, ки зоҳиран ғайриимконанд, чун зоҳиран тасаввур карданашон душвор аст, аммо ҳамин шеваи баёни парадоксӣ тавассути шахсиятбахшӣ матлабро муайян сохтаанд:

Шево!

Ай арӯси лаҳзаву меъёр!

Биё равем

ба тамошои зеҳни ҷангал!

Он ҷо

дар таносуби асолат арғушт меравад

ишқи сабзи дарахтон [36, 280].

Дар идомаи шеъри мазкур ибораҳои "лабханди саҳроҳо", "шукуфтани мумиёии аносир", "гулсанги моҳият", "бол задани обу хок дар маҷоли хилқат ва рӯҳ", "дар фурсати алафии сиришт" баҳравар аз ҳамин шеваи тасвирсозӣ ҳастанд, ки баробари такмили ҷанбаҳои ҳунарии шеър баёни парадоксиро тавассути шахсиятбахшии ашё, мафоҳиму отифаҳо муҷассам гардонидаанд:

Он ҷо

лабханди саҳроҳо

мешукуфад аз мумиёии аносир

ва гулсанги моҳият.

Он ҷо бол

мезанад обу хок

дар маҷоли хилқат

ва рӯҳ

дар фурсати алафии сиришт [36, 280].

Муҳаммадалии Аҷамӣ низ дар ин арса таҷрибаҳои тозаи ҳунарӣ аз худ дар навъи ғазал ба намоиш гузоштааст. Аз ҷумла, дар як ғазали хеш ду таркибе шоирона офарида, ки ин шева тавассути корбурди ташхис ва муболиға сурат гирифтааст. Аввал дар «санг реша бастани маҳтоб» ва дувум «гесӯи мушкбори гул» шудани сабза мебошад. Ин ҳар ду тасвирҳое ҳастанд, ки танҳо дар оинаи тасаввури инсонии шоир ҷилвагаранд, на дар воқеияти зиндагӣ:

Моҳ дар санг реша мебандад,

Сабза, гесуи мушкбори гул аст [83, 73].

Озар низ дар ин ҷода муваффақона сухан мегӯяд, вақте аз лабханди сангӣ ва оина шудани худ сухан мекунад, ки ба зоҳир ғайриимкон аст. Дар ин ҷо ҳолати аз шахсият ба ашё табдил шудан низ ба чашм мерасад, ки акси ташхис аст. Дар ҳолати лабханд задани санг бошад, ҳамон ташхисеро ба мушоҳида мегирем, ки зоҳиран воқеият дошта наметавонад, аммо шоир барои тасвири як ҳолате аз худ онро ба кор гирифта ва ба ин роҳ тасвире парадоксӣ эҷод намудааст:

Мехостам ойина шавам, эй дӯст,

То барравам зи хок ба рӯйи даст,

Мехостам ойина шавам, аммо

Лабханди санг ройи маро бишкаст [39, 68].

Шаҳобуддини Шуҷоъ низ вақте аз ҳамзабонии гулҳову модари хеш сухан мекунад ва ӯро миёни инсонҳову гулҳо тарҷумон унвон менамояд, ҳамин ҳолати шахсиятбахшӣ ба мушоҳида мерасад:

Модарам бо ҷамъи гулҳо ҳамзабон буд,

Байни инсонҳову гулҳо тарҷумон буд.

Як замон азбаски гул дар зиндагӣ шуд хор,

Модарам ранҷиду шуд бемор...

Чун дар ин дунё миёни мо нағунҷид,

Ӯ зи даҳри одамӣ бар даҳри гулҳо рафт [82,76].

**Тасвири ҳолат ва отифаҳои инсонӣ.** Муҳимтарин шеваи таҷассуми тасвири парадоксӣ ҳангоми баён ё тасвири ҳолат ва отифаҳои инсонӣ ба назар мерасад. Шоирон дар ин ҳолат ба ҷилва овардани ҳолоти равонӣ ва отифаҳои инсонӣ аз ин навъ тасовир ба кор мегиранд, то бархе аз ҳолу ҳавои дарунии хешро тасвир намоянд. Дар эҷоди чунин тасвирҳо, хосатан дар қолаби шеъри сапед устод Доро Наҷот хеле муваффақ ҳастанд. Дар асл ибораҳои шоиронаи ин шеър, мисли “як нафар ғамамро дуздид”, “як нафар нишотамро бурд”, ки ҳар ду марбут ба аз даст додани ғам ва шодӣ дар як вақт мебошад, баёне парадоксӣ ҷой гирифтааст, зеро дар як замон ҳам шодӣ ва ҳам ғамро аз даст додани инсон ғайриимкон аст. Ин ҷо танҳо шоир аст, ки як ҳолати отифиеро тасвир кунад, ки ҳолу ҳавои на шод будан ва на ғамгин буданро метавонад ҷилвагар созад:

Як нафар

ғамамро дуздид.

Як нафар бурд нишотамро.

Ва инак,

на ғаме, ки нолам аз бенишотӣ

на нишоте, ки аз беғамӣ болам [36, 280].

Дар ин бахши шеър ибораҳои “на ғаме, ки нолам аз бенишотӣ” ва “на нишоте, ки аз беғамӣ болам” ҳамин шеваи тасвири ҳолати отифии дар боло ба ҷилва омада ба мушоҳида мерасад, ки баёне парадоксӣ дорад. Дар идомаи шеър бошад, бо ҳамин усул тасвире парадоксӣ меофарад ва бенишотиро “бузург каме” меномад ва беғамиро “бузург ғаме”:

Бенишотӣ:

чи бузург каме,

Беғамӣ:

чи бузург ғаме...[36, 280]

Дар шеъри дигари Доро Наҷот, ки “Шафиқ” унвон гирифтааст, ибораҳои “шикастаҳои косаи сарро пайвастан”, “ресидани парешидаҳои аъсоб” ҳар ду таркибҳое ҳастанд, ки бо сабаби тасвири ҳолатҳои равонии инсон, яъне шикастаи косаи сарро пайвастан ва асабҳои парешонро ба худ овардан навъе парадоксҳоро дар худ ғунҷоиш додаанд. Шоир ҳарчанд маънии манзурро, ки тафсираш рафт, баён намуда, аммо онро тарзе тасвир кардааст, ки баён шеваи парадоксӣ ба худ гирифтааст, чун пайвастани косаи шикастаи сар дар худии худ камтар иттифоқ меафтад, хосатан вақте ки шоир барои ифодаи маънӣ вожаи косаро истифода мекунад ва дар таркиби дувум ҳамин тавре парешидаҳои аъсобро ресидан мегӯяд:

Чӣ касе буд,
ки шикастаҳои косаи сарамро мепайваст
ва танандувор
мересид
парешидаҳои аъсобамро.
Ман,
вокуниши вуслат
ва дардҷӯши шикастабандиро
ба сар мебурдам [36 283].

Дар идомаи ҳамин шеър таркибҳои “ба рӯҳ рехтани набзи сапедадам”, “дар толоби хуршедии саҳар шустушӯ додан”, “гиряҳоро навохтан”, “хаёлро бӯсидан”, “ҳавасро бӯидан” ва амсоли ин ҷой доранд, ки ҳамагӣ баробари ҷилвагар намудани падидаҳои шахсиятбахшӣ тасвирҳоеро ба мо намоён мекунанд, ки дар онҳо отифаҳо ва ҳолоти дарунии инсон тасвир шудаанд. Танҳо дар олами хаёли шоир ҳақиқати худро ҷилвагар намудани тасвирҳо ҷанбаи парадоксии онҳоро мушаххас менамояд:

Чӣ касе буд,
ки набзи сапедадам ба рӯҳам мерехт,
дар толоби хуршедии саҳар шустушӯям медод
ва дар болини гиландоваҳои борон

гиряҳоямро менавохт,

хиёламро мебӯсид,

ҳавасамро мебӯйид?

Чӣ касе,

ки атри Одаму Ҳавво

дар нафасаш буд? [36, 283]

Дар ин ҷо “навозиши гиря”, “бӯсидани хаёл” ва “бӯидани ҳавас” то ҷое ҷилваҳое аз ҳиссомезиро дар худ ғунҷоиш додаанд, ки тавассути ҳамин унсур ба зуҳур расидани парадоксро бозгӯӣ мекунанд. Ҳавас дар асл як ҳолати отифӣ аст, ки шоир тасвире барои маърифати он ба шакли бӯидани ҳавас офаридааст ва ҳамин тасаввури ӯ ҷанбаи парадоксии тасвирро афзун гардонида.

Муҳаммадалии Аҷамӣ дар байте аз ғазали хеш ҳолати бориши боронро ба гунае тасвир мекунад, ки “субҳ аз гесувони борон шеър мерехт” ва дарё ҳамоса мехонд, зеро номи туро дар лаб дошт. Ҳар ду ҳолати отифӣ омил ба эҷоди тасвирҳое парадоксӣ гардидаанд, зеро дар амал ин ҷо тасвири муқаррарии боридани борон аст, вале чашми шоир дар ҷаҳони отифии хеш онро ба сурати аз ҷониби субҳ аз гесувони борон боридани шеър тасвир кардааст, ки дар он ҳол дарё ҳам мисли инсони шоир ҳамосае мехонд:

То субҳ шеър мерехт аз гесувони борон,

Дарё ҳамоса мехонд, номи туро ба лаб дошт [83, 75].

Дар як ғазали Гулноз мо ба таъбири “об дар хоб нӯшидан” ва ҳамзамон ибораи “об аз шаҳкосаи маҳтоб” нӯшидан дучор меоем, ки баробари тасвир ва тафсири ҳолатҳои отифӣ инсонҳоро ба шинохти олами руъё мебарад. Аслан анҷоми ҳар амал дар ҳолати хоб ғайримкон аст, вале ҳолати отифӣ ё ҷаҳони рӯёст, ки барои инсон як оламе дигар ато мекунад, то дар он ҳар амале ба иҷро расонад. Масалан, об бинӯшад, обе, ки аз оби муқаррарӣ фарқ мекунад. Ба ин хотир аст, ки шоир худ суол медиҳад, ки чӣ обе ҳаст, ки танҳо дар хоб менӯшад. Зоҳиран амали мазкур дар олами ботин мутаноқизнамост, чун инсони хобида наметавонад об бинӯшад, вале ду ҳолате ҳаст, ки Гулноз

барои тасвири он ибораҳои мазкурро офаридааст. Аввал, дар олами руъё нӯшидани об, ки ҳамагӣ ба хаёл ва ҷаҳони ботинӣ пайванд дорад. Дувум, ҳолати зоҳири хобидан дар шаби маҳтобӣ, ки инсон аз шаҳкосаи маҳтоб об менӯшад, яъне баҳравар мегардад:

Ин чӣ обе ҳаст? Ман дар хоб менӯшам,
Об аз шаҳкосаи маҳтоб менӯшам.
З-осмон оҳиста рӯде бар замин резад,
Ман дар ин воқеаи шодоб менӯшам [15, 15].

Дар байте аз Нарзуллоҳи Азизиён ба мушоҳида мерасад, ки ибораи “хамӯшиҳои дарундорро тӯфон кардан” баёне парадоксӣ мебошад, ки барои тасвири ҳолатҳои отифии инсонӣ бунёд ёфтааст. Ин ҷо шоир мехоҳад, ки тӯфони хомӯши андаруни дили хешро ба тасвир кашад, ки агарчи зоҳиран нонамоён аст, вале метавонад аз андаруни хамӯшиҳо хурӯҷ кунад:

Эй дил, эй дил, хостан дар ин ҷаҳон хеле кам аст,
Хомӯшиҳои дарундори туро тӯфон кунам [2,7].

**Тазод ва таноқуз дар баён**. Аз муҳимтарин шеваҳои эҷоди тасвири парадоксӣ истифодаи мафоҳими ба ҳам зид ё эҷоди таноқуз дар шеър мебошад, ки боис ба зуҳури тасвири парадоксӣ мегардад. Мусаллам аст, ки асли парадокс таноқуз аст ва онро тасвири мутаноқизнамо ба ҳамин сабаб низ гуфтаанд. Аз ин хотир, дар бештари маворид барои зуҳури тасвири парадокснамо саноеи тазод ва муқобила ва ҳамзамон муболиға авлавият доранд, чун дар чунин ҳоли муқобилгузории мафоҳим худ аз худ муболиға низ арзи ҳастӣ мекунад. Аз ҷумла, дар шеъри мазкури Доро Наҷот, ки “Шафиқ” ном дорад, дар эҷоди тасвире парадоксӣ ду мафҳуми ба ҳам зид “содагӣ” ва “мураккабӣ” нақши аслӣ доранд. Шоир таъкид мекунад, ки содагӣ мураккабии дилам буд, яъне ин ҷо ба назар мерасад, ки зоҳиран матлаби шоир норавшан аст, вале дар асл манзури шоир он бошад, ки ҳолати содагиву содадилӣ мураккабии дили ман буд, чун на ҳама кас ба маърифати он мерасанд. Ин аст, ки сангиндилонаш онро ба осонӣ мешикананд:

Содагӣ

муракқаби дилам буд,

ки сангдилонаш

ба осонӣ мешикастанд [36, 284].

Чанд таркиби дигаре дар идомаи шеър ба мушоҳида мерасад, ки ҳарчанд он ҷо мо аносири ба ҳам зидро мушоҳида намекунем, вале маълум мегардад, ки ҳамон шеваи марсуми шахсиятбахшии ашё ва корбурди ташхис дар тасвир отифаҳои равонӣ омил ба эҷоди парадокс ҳам гардидааст. Масалан, ин ҷо ибораҳои "нӯшдорӯ аз мумиёи сабр" овардан, "гулҷӯши гулсангии умед", "афшураҳои одамгиёҳӣ" ва ғайра ҳамин шеваро ифодакунандаанд. Аммо дар ин миён таркиби офаридаи худи шоир ба сурати "одамгиёҳ" навъе парадокси бар асоси ду унсури мутазод эҷодшудро ифода мекунад, зеро дар асл аз диди офариниш одам ва гиёҳ навъе таноқуз ба ҳам доранд, ки бо канори ҳам омадан як маънӣ ва матлаби тоза офардаанд:

Чӣ касе буд,

ки меовард

нӯшдоруям аз мумиёи сабр

ва маҳлулу сукуту

гулҷӯши гулсангии умед

ва афшураҳои одамгиёҳӣ [36, 283].

"Одамгиёҳӣ" албатта ишорат ба ҳамон ду гиёҳе ҳам мекунад, ки дар оғоз ба унвони нахустин сарчашмаи башарият ба сурати машия ва машиёна зуҳур кардаанд.

Дар шеъри "Уруҷ"-и Доро Наҷот низ чунин шеваи зуҳури парадокс ба мушоҳида мерасад, ки дар коргоҳи хаёли шоир ҷилваи равшан дорад. Дар таркиби бахши зерини шеър ибораҳои "дурие, ки аз ман дур мешуд", "наздикие, ки наздам намеомад", "болое, ки буд поинам", "зере, ки буд забарам" тасвири парадоксие ҷой доранд, ки бар асоси аносири мутазод эҷод шуда, асли худро аз санъати тазод гирифтаанд:

Мерафтам,

ба дурие, ки дур аз ман мешуд,

ба наздикие, ки наздам намеомад,

ба болое, ки буд пойинам,

ба зере, ки буд забарам.

Малакутро дидам,

ҷаб оламест.

Вале аҷоибаш дар ман намеғунҷид,

ҷуволи аносирии тафаккурам танг аст [36, 286].

Дар ғазали дигаре аз Озар ибораи “хурӯши хамӯш” худ таъбире парадоксӣ ба шумор меравад зеро аз пайванди ду унсури мутазод ҳосил шудааст, ки яке хамӯшӣ ва дигаре хурӯш аст:

Мисоли абр суханҳои мо бувад обӣ,

Ҳамин хурӯши хамӯш аст дарси мактаби мо [39, 25].

Дар сурудае аз Озарахш бе ҳарфу ҳиҷо шакарнам додан ва ҳамзамон сукут бо садо печидан ва садо дар хамӯшистон ҳамин шеваи тавассути тазод ва муқобила эҷод гардидани парадоксро ба намоиш мегузорад, зеро ин ҷо садову хамӯшӣ дар таноқузи ҳамдигар қарор доранд:

Дуруд, эй ҷони ширинам, ки бе ҳарфу ҳиҷо ҳар дам

Шакарнам медиҳӣ аз лаззати гуфтор комамро.

Сукутам бо садо печад, садоям дар хамӯшистон,

Зи нои устухон овоз бахшоӣ паёмамро [41, 50].

Ба ҳамин шева дар байти дигар Озарахш таркиби “аз хамӯшӣ ово шунидан”- ро офаридааст, ки дар баёни ӯ тавассути истифодаи боз ҳамон ду мафҳуми ба ҳам зиди “хамӯшӣ” ва “гуфтугӯ” тасвири парадоксӣ ба вуҷуд омадааст:

Туӣ, ки мешунавӣ аз хамӯш оворо,

Чакомаҳои ниҳони дили маро бинавис [41,95].

**Ҳиссомезӣ.** Ҳиссомезӣ дар адабиётшиносӣ як хусусияти муҳими шеърӣ эътироф шудааст, ки он ҳам бештар дар сабки ҳиндӣ ба мушоҳида мерасад. Бештари донишмандон дар мавриди асли зуҳур ва моҳияти бадеии ҳисомезӣ ба андешаҳои устод Шафеии Кадканӣ такя намудаанд, ки дар китоби

“Сувари хаёл дар шеъри форсӣ” навиштааст: “Яке аз вуҷуҳи барҷастаи адои маонӣ аз раҳгузори сувари хаёл коре аст, ки нерӯи тахайюл дар ҷиҳати тавсеаи луғот ва таъбироти марбут ба як ҳис анҷом медиҳад ва ё таъбирот ва луғоти марбут ба як ҳисро ба ҳисси дигар интиқол медиҳад ва мо истилоҳи ҳиссомезиро барои он пешниҳод мекунем” [140,271]. Аз ин тафсир равшан мешавад, ки ҳиссомезӣ тавре таъкид шуд, дар заминаи ба таъбирот ва луғоти марбут ба як ҳиссеро ба ҳисси дигар интиқол додан, эҷод мешавад. Зоҳиран ин амалкард низ ғайриимкон аст, вақте инсон мегӯяд, ки бо чашм шунидан ё садоро бӯйидан ин мутаноқизнамо метавонад бошад. Аз ин нуктаи назар як шеваи зуҳури парадоксро мо метавонем дар ҳиссомезӣ ё корбурди интиқоли мафҳумҳои як ҳис ба ҳисси дигар низ ба мушоҳида гирем ва ҳатто имкон дорад, ки ҳиссомезиро низ навъе аз парадокс баррасӣ кунем. Аммо ба таври куллӣ на ҳама вақт тамоми ҳиссомезиҳои шоирона парадоксӣ мешавад, чун дар бархе маворид дар байт ва ё мисраъ сухан аз ду ҳисси канори ҳам меравад, ки матлабҳоеро барои маърифат манзур мекунад, ки дар ҷараёни баррасиҳо ба он ишорат мешавад, вале дар ҳоли ба ҳам омехта шудани ҳавос бештар онҳо сурати парадоксӣ мегиранд, ки намунаҳояш дар ҳоли бо чашм шунидану бӯйидани диданиҳо ва амсоли ин.

Тавре таъкид гардид, ҳиссомезӣ дар шеъри сабки ҳиндӣ нуфузи шоёне доштааст. Бахтиёри Ҳамдам дар таҳқиқоти хеш навиштааст, ки “Омехта шудани ҳиссҳои мухталиф ва дахли узве ба умури узви дигар аз мухтассоте маҳсуб мешавад, ки дар шеъри сабки ҳиндӣ фаровон ба кор меравад. Агар гӯем, ки санъати ҳиссомезиро аз суханварони сабки ҳиндӣ беш аз ҳама Мирзо Бедил ба кор гирифтааст, муболиға намешавад. Ин санъат низ мисли соири саноату вижагиҳои сабки ҳиндӣ дар ашъори ӯ такомул меёбад ва навъҳои латифу хушоҳанги он арзи вуҷуд мекунад:

Сатри оҳе то намоён шуд, дил аз ҷо рафтааст,
Хомаи улфат намедонам чӣ иншо мекунад”[122, 157].

Дар ин байт, ки адабиётшинос Бахтиёри Ҳамдам зикр намудааст, намоён шудани сатри оҳ ҳиссомезӣ аст, чун оҳро аслан мешунаванд ва он ба ҳисси

шунавоӣ рабт дорад, вале шоир сатри оҳ намоён шуд, гуфта онро ба ҳисси биноӣ мепайвандад. Баробари омезиши ҳисҳо ҷилваи парадокс равшан мегардад, чун дар ин омезаи хислати ҳисҳои инсонӣ як навъ таноқуз ҳам ба вуҷуд меояд, зеро зоҳиран ғайриимкон аст.

Дар шеъри муосири тоҷик низ ҳамин шеваи эҷоди парадокс, ки тавассути ҳиссомезӣ сурат мегирад, нуфузи шоёне касб намудааст. Устод Гулназар аз ҷумлаи суханварони соҳибназаре буд, ки дар ин роҳ қадамҳои устувор гузоштааст. Дар шеъри кӯтоҳе аз маҷмӯаи “Лолаҳо дар ёлаҳо” вақте ман аз тараннум пур мегӯяд, мо зуҳури ҳиссомезиро ба мушоҳида мегирем, зеро тараннум ба садо пайванд дорад ва пур шуданро ҳисси биноӣ метавонад мушоҳида кунад:

Даҳани ғунча аз табассум пур,
Хотири чашма аз такаллум пур.
Эй баҳор, аз қудуми ту гардам,
Зарра- зарра ман аз тараннум пур [9,3].

Дар фарди дигари хеш устод Гулназар боридани борони ҳарфи бад даруни хонаҳоро тасвир кардааст, ки бо суратбахшии ин ҳолу ҳаво ҳам ҳиссомезӣ ба мушоҳида мерасад ва ҳам парадокс дар таркиби он. Чакидани ҳарфи бад ҷолиб аст, чун аслан ҳарфи бадро мешунаванд ва вақте шоир онро ба шакли чакидани борон даруни хонаҳо тасвир мекунад, ҳисси шунавоӣ ва биноӣ бо ҳам меомезад:

Мавҷгирон гарчи чун чатранд рӯи бомҳо,
Мечакад борони ҳарфи бад даруни хонаҳо [9,89].

Дар ин ҷо шоир барои ифодаи вожаи “антенна” калимаи тоҷикии “мавҷгир” сохтааст, ки маҳсули коргоҳи хаёли худи ӯст.

Дар байти дигар аз ин маҷмӯа устод Гулназар мефармояд:

Ман дар ин бодия аз боди гузар беш наям,
Ин парешонии роҳи ману ин оҳи парешони лабам [9,76].

Парешонии роҳ ва парешонии оҳ бо такроре монанд ҳиссҳоро ба ҳам омехтаанд, чун парешонии роҳро ҳисси биноӣ мушоҳида мекунад ва

парешонии оҳро ҳиссӣ шунавоӣ. Аммо ин ҷо бештар ҳиссомезӣ бидуни эҷоди парадокс ба ҷилва омадааст.

Доро Наҷот дар шеъри “Уруҷ” мегӯяд:

Мерафтам,

жӯлида ба атри зиразори тулӯъ

ва бутагулҳои сапеда.

Ҳастиям, дар парокандагии бӯи домани шаб

идроки ҳайратзада буд [36, 286].

Дар ин ҷо ба “атри зиразори тулӯъ” ва “буттагулҳои сапеда” жӯлидан ҳамин ҳиссомезиро ба ҷилва овардааст, зеро жӯлидан ба атр ду ҳиссро нишон медиҳад, чун жӯлидан танҳо ба воситаи мушоҳида ва дидан ошкор мешавад ва атр, ки хоси ҳавоми шомма аст. Ин ҷо шоир дар андаруни атри зиразор межӯлад, на худи он, ки истифодаи ҳамин вожа ҷанбаи ҳиссомезии шеърро тақвият бахшидааст. Ҳамин шеваи эҷоди ҳиссомезӣ дар идомаи шеъри мазкур дар таркиби таъбири “дар парокандагии бӯйи домани шаб” ҳувайдост, зеро ҳастиро аз парокандагии бӯйи домани шаб кашф кардан, боз ҳам омезаи ду ҳисси мазкурро нишон медиҳад.

Дар давоми ҳамин шеър шаклҳои ҷаззобу ҷолиби эҷоди ҳиссомезиро мо ба мушоҳида мегирем. Шоир вақте “дар гумии пайи пойи садо, пар кашидани лаҳзаву рангҳо” сафар мекунад ба “фаромӯшхонаи торик” ҳузури ҳиссомези барҷаста ҷилвагар аст. Садо махсуси шунавоист ва аммо ибораи пайи пойи садо дар заминаи омезаи биноӣ ва шунавоӣ ҳосил мешавад, ки зимнан ҳиссомезии борвар аз тасвире парадоксист, чун пайи пои садоро пайдо кардан ғайриимкон бошад:

Мерафтам,

дар гумии пайи пойи садоҳо,

рангҳову лаҳзаҳои паркашида.

Ба суроғи шабистони шабу саропардаи рӯз

ва фаромӯшхонаи торик,

ки таҷассуми ҳусни нозанинони мурда

ва табассуми гулҳои фусурдаро бинам [36, 288].

Дар таркибҳои охири ин бахши шеър, яъне “таҷассуми ҳусни нозанинони мурда”, “табассуми гулҳои фусурда” ҷилваи парадокс ба мушоҳида мерасад, чун “нозанинони мурда” ва “табассуми гулҳои фусурда” бештар дар зеҳни шоир иттифоқ меафтад, на дар воқеияти зиндагонии инсон.

Адиба вақте мегӯяд, ки зикр “дар соҳати оинаву алмос мекорам”, ҳамин оҳанги ҳиссомезӣ ба мушоҳида мерасад, зеро зикр вежаи садост ва коридан дар сатҳи оинаву алмос бошад тавассути ҳисси биниш равшан мегарад. Ин ҷо тасвире тавассути омезаҳои ду ҳисси биниш ва шунидан ба ҷилва омадааст:

Абр хоҳам шуд,

Субҳа меборам.

Зикрро дар соҳати оинаву алмос мекорам... [76,113]

Дар идомаи ҳамин шеър вақте шоир сояҳои атрборони дарахтон мегӯяд, ҳамин ҷо низ ҳисси шамидан ва дидан ба ҳам меомезад, ки тасвире шоирона ва парадоксӣ ба вуҷуд меояд:

Мавҷ- мавҷи шолизоронро,

Сояҳои атрборони дарахтонро

суҳбати дарёву боронро,

Андаруни хотироти шукр

мепарасторам [77, 113].

Гулноз низ дар шеъри “Сабзиши шонаи чӯбин” вақте ҳақоиқро мебинад ва овои поки интизориро мешунавад, ҷилваи равшан ва барҷастаи ҳиссомезиро мушоҳида мекунем, чун ҳақиқат як мафҳуми маънавӣ ё абстрактист, ки ба дарк инсон метавонад онро маърифат кард, аммо шоир онро мушоҳида мекунад ва овози интизориро мешунавад. Омезаҳои аз эҳсоси дидану шунидан дар ин ҷо омил ба ҳиссомезие шудаанд, ки дар таркиби он парадокс намоён аст:

Чашмҳои меҳрубони равшани оромиши ман боз мегарданд,

Боз мебинам ҳақоиқро,

Дар он сӯи ҳиҷоби шед.

Бишнавам овои поки интизориро

Аз шохсори рӯ ба рӯи хонаам [14, 150].

Дар идомаи шеъри боло тақвият ёфтани ҷанбаи парадоксии ҳиссомезӣ ҷилвагар мешавад, зеро шоир ҳақиқатро аз паси ҳиҷоби шед мебинад, дидан аз паси ҳиҷоб ҳолате ё амале ба зоҳир ғайриимкон ва мутаноқиз аст, аммо дидаи басирати шоир аст, ки тавассути коргоҳи хаёлаш метавонад тавассути ба ҳам омезиш додани ҳавоси худ ба мушоҳидаи он ҳақиқат бирасад.

Дар унвони ҳамин китоби шоир, яъне “Чатри наҷоти садо” низ як навъе ҳиссомезист, чун садо маҳсули шунидан аст ва вақте он ба чатр мепайвандад, омезаҳое бо ҳисси дидан пайдо мекунад.

Шаҳобуддини Шуҷоъ низ дар ибораи “нусхаи гулҳои рӯяшро ҳар баҳорон дар лаби ҷӯю канори роҳрав мекошт” як навъ тасвири шоирона эҷод кардааст, ки дар асл чунонки қаблан таъкид шуд, хислати инсонӣ ба сурати ашё медарояд ва нусхаи рӯйи гули инсонӣ кошта мешавад. Аммо дар идомаи шеър мо мебинем, ки рангу бӯйи гул маҳсули омезаи ҳиссиёти биноӣ ва шомма аст, ки як навъ ҳиссомезӣ тарҳ бастааст:

Модарам бар гул муҳаббат дошт.
Нусхаи гулҳои рӯяшро
Ҳар баҳорон дар лаби ҷӯю канори роҳрав мекошт.
Гӯиё дар гулшиносӣ
Гашта буд устод бе таълиму бетадрис.
Рангу бӯи ҳар гулеро ӯ ба осонӣ
Менамуд аз дигараш ташхис [82, 76].

Ба таври куллӣ аз баҳсу баррасиҳои роҷеъ ба шеваҳои зуҳури тасвири парадоксӣ метавон ба натиҷаҳои муайяне расид, ки онҳоро ба ҳукми хулосаҳои ин фасл чунин дастабандӣ намуд:

1. Аз шеваҳои маъмули зуҳури тасвири парадоксӣ шахсиятбахшии ашё, отифаҳои равонӣ ва мафоҳими маънавӣ ба шумор меравад. Шоирон барои такмили маърифат ва тасвири ҳолу ҳавои зиндагонӣ, эҳсоси дарунии он аз санъати ташхис фаровон ба кор мегиранд ва ашёву

ҳодисаҳоро ба сурати инсонҳо медароранд. Дар асл чунин шеваи тасвир омил ба танокузҳое мегардад, чун ба сурати инсон суҳбат кардану рақсидану гиристани ашё ғайриимкон аст, аз ин рӯ дар ин ҳол ҷанбаҳои парадоксии тасвир тақвият касб мекунад.

2. Мусаллам аст, ки ҳар гуна тасвири шоирона дар заминаи воситаҳои тасвири бадеӣ шакл мегирад. Тасвири парадоксӣ низ бештар ба воситаи корбурди ташбеҳ, ташхис, муболиға, тазоду муқобила ва дигар воситаҳо эҷод мешавад, ки маҳз вуҷуди ҳамин анвои саноеъ барои шаклгирии онҳо ҳамчун навъи тасвир хидмат мекунад.
3. Дар адабиётшиносии амалӣ яке аз воситаҳои ҳунари шоирӣ ҳиссомезӣ муаррифӣ шудааст, ки дар баробари парадокс таъкид мешавад. Ҳарчанд он як воситаи муҳими баён ва зебоии калом эътироф шудааст, аммо гоҳо мавриди дар ҳоли ба ҳам омехтани аносири ҳавоси инсонӣ барои зуҳури парадокс ё тасвири парадоксӣ низ хидмат мекунад.

# ХУЛОСАИ БОБИ ДУВУМ

Аз таҳлилу баррасии масъалаҳои меҳварии боби дувуми диссертатсия ба натиҷаҳое расидан мумкин аст, ки истилоҳҳои парадокс ба унвони як падида ё шигарфи ҳунарии шеър дар адабиёти ҷаҳон таърихи куҳан дорад ва донишмандони тасвирпажӯҳ заминаҳои зуҳури онро дар адабиёти қадимаи Чин пайдо кардаанд. Аммо мурур бар сайри таърихии балоғати форсиву ҳиндӣ ва арабӣ муқаррар месозад, ки Озоди Балгиромӣ дар китоби "Ғизолон -ул-Ҳинд"- и хеш аз санъати бадеӣ чун вифоқ ном мебарад, ки вежагиҳои ҳамин парадокс дар вуҷуди он муҷассам аст. Ҳарчанд баъзе аз пажӯҳишгарон намунаҳои аввалини тасвирҳои парадоксиро дар шеъри шоирони адабиёти сӯфия, хосатан Саноии Ғазнавӣ бозҷӯӣ ва муқаррар кардаанд, аммо таҳқиқоти дар ин замина анҷододаи муҳаққиқони дигар дар таркиби Девони устод Рӯдакӣ мавҷуд будани чандин намунаҳои ин навъи тасвирро дақиқ карда, бунёди тарҳи онро дар шеъри устоди шоирон муқаррар сохтаанд. Минбаъд, бо инкишофи адабиёти форсу тоҷик, хоса дар ҷараёни сабки ҳиндӣ ба ҳукми як падидаи ҳунарӣ ривоҷ пайдо намуд. Ҳарчанд дар замони Шӯравӣ ба пиндори аҳли таҳқиқ пояҳои ҳунарии шеър то андозае коҳиш ёфт, вале тасвирҳои парадоксӣ дар намунаҳои беҳтарини шеъри ин замон низ ҷилваи равшан доштанд. Таҳқиқ дар ашъори шоироне чун Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат ва дигарон ба ҳақиқати ин амр ишорат мекунад.

Дар шеъри даврони истиқлол бошад, чун муҳимтарин суннати ҳунарии шеър тасвирҳои парадоксӣ дар зуҳури ҷанбаҳои ҳунарии шеър нақш ва мақоми шоистае касб намуданд. Суханварони муосири тоҷик аз шеваву равиш ва роҳҳои муайяе дар эҷоди тасвирҳои парадоксӣ ба кор гирифтаанд, ки аз ҷумлаи онҳо шахсиятбахшии ашё, ҳиссомезӣ, корбурди саноеи бадеие чун ташбеҳ, муболиға, тазоду муқобила ба шумор мераванд. Шоирони муосири тоҷик барои таҳаввули маъно ва ташаккули ҷанбаҳои ҳунарии шеъри хеш аз падидаҳои тасвирсоз ва унсурҳои фасоҳатбахши калом, ки дар меҳвари онҳо ҳамоно саноеи бадеӣ қарор мегиранд, ба таври густарда ба кор гирифтаанд. Намунаҳои ашъори шоироне чун Фарзона, Озарахш, Доро

Наҷот, Низом Қосим, Камол Насрулло ва дигарон аз он гувоҳи медиҳанд, ки шоирони муосири он дар эҷоди тасвирҳои парадоксӣ аз муҳимтарин равишҳои тасвирсозӣ ба кор гирифтаанд.

# БОБИ III. ТАСВИРИ ПАРАДОКСӢ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК (ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ)

## III.1. Нақши парадокс дар таҳаввули маъно ва сабки баён

Таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи парадокс дар шеъри муосири тоҷик маълум месозад, ки дар даврони истиқлолияти миллӣ, тавре дар боби аввали рисола низ изҳор шуд, муҳимтарин суннатҳои хоси шеъри давраи классикии тоҷик давом ёфтаанд, ки яке аз намунаҳои он истифодаи парадокс дар шеъри имрӯз ба шумор меравад. Вобаста ба ин, муҳимтарин вижагиҳои корбурди ин навъи арзиши ҳунарии шеър дар таълифоти шоирони даврони 30 соли истиқлолияти давлатӣ баррасӣ мешавад.

Дар ашъори аксари шоирони имрӯзи тоҷик метавон ба ҷойгоҳи ин навъ тасовире, ки омил ба назокату ҷаззобияти сухани онҳо гардидаанд, дучор омад, вале мутассифона ин ҷанбаи шеъри муосир камтар ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Низом Қосим дар як шеъри худ, ки “Ташаккур, эй падарҳо” унвон дорад, Тоҷикистонро ба кишваре ташбеҳ мекунад, ки дар чаҳор фасли он танҳо баҳор пеши назар меояд. Зоҳиран ин амал ғайриимкон аст, аммо ин ҷо эҳсос мешавад, ки ҳамин тасвире парадоксӣ барои ифодаи ҳисси шинохти шоир ва муҳаббату садоқати вай ба Ватан кӯмак кардааст:

Ташаккур, эй падарҳо, эй падарҳо,
Барои ин диёри чун биҳишти дунё.
Як кишвари замонавӣ
Кардед аз ин диёр,
Бошад ба чор фасли сол,
Пеши назар баҳор... [28, 52]

Дар асл худи таркиби “биҳишти дунё” ҳам ҳосили як тасвире парадоксист, чун зоҳиран ин ҳолат ғайриимкон аст ва ин ҷо ба мушоҳида мерасад, ки парадокс барои тасвири шоирона, баёне бо такя бар ҳолу ҳаво ва ҳисси суханвари асил нақши муассир мегузорад.

Аскар Ҳаким низ дар баробари таҷрибаҳои ҳунарии муваффақона дар таҳаввули шеъри муосир аз ифода ё тасвири парадоксӣ бо шеваи ба худ хос

ба кор гирифтааст. Дар шеъри “Тавба” аз маҷмӯаи “Замини сабзи боварҳо” зимни тафсири ин матлаб, ки “бад ҳам дар назари ту накӯ ҷилвагар мешавад”, аз ифода ё баёни зебои парадоксӣ ба кор гирифтааст:

Агар пеш аз ту ё пас аз ту зодам,
Чу медонам, ки бад ҳам бо ту некӯст.
Надида рӯи ту, дил бо ту додам,
Бубахшоӣ маро, эй дӯст, эй дӯст [78, 115].

Доро Наҷот, ки аз бунёдгузорони шеъри сапеди тоҷик эътироф гардидааст, дар қолиби ин навъ ашъор таҷрибаҳои нодире анҷом додааст, ки баёноти парадоксӣ дар таркиби онҳо барои нуфузи ҳар чӣ бештари мақоми ҳунарии сурудаҳояшон нақши муассир гузоштаанд. Дар китоби “Гулҷӯшаҳо”, ки бахшида ба 70 солагии шоир ба нашр расидааст, шеъре ба унвони “Тулӯе дар ғуруб” ҷой дорад ва яке аз маҷмӯаҳои шоир ҳам ҳамин номро гирифтаст. Дар навбати аввал таваҷҷуҳ ба номи ин шеър худ пайдо аз он аст, ки он ба зоти хеш як таъбире дорои тасвири парадоксӣ аст, зеро зоҳиран тулӯъ ва ғуруб ду мафҳуми мутазоданд. Мутолиаи шеър ҳақиқати андешаҳои дурпарвоз ва ҷилваи назокати тасвири парадоксии онро ошкор месозад:

Тулӯе дар ғуруби ман,
Шукуфоии насрин дораду атри ақоқиё
Ки дар ғарқоби чашмонам
　　　　　　фурӯ рафта гулу гулхонаи хуршед.
Дигар дар ман, ки гармии вуҷудамро
　　　　　　ба ахтарҳои сармохӯрда бахшидам… [35, 48]

Дар ин ҷо бахшидани гармии вуҷуд ба ахтарҳои сармохӯрда низ навъе ҳузури парадоксро таъмин кардаанд.

Дар шеъри Камоли Насрулло низ ба мушоҳида мерасад, ки ин навъ тасвирҳо ҷойгоҳи хосаи хешро доранд. Дар баробари ашъори суннатӣ ин суханвари мумтоз таҷрибаҳое дар шеъри сапед ҳам анҷом дода, ки зуҳури ин

навъ тасвири шоирона дар он ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла дар шеъри "Лола" чунин омада:

Аз нахустин файзи борон,
Дар канори кӯҳсорон
Лолае рӯид,
Лолае хандид....
Ҳеҷ кас онро надид,
Ҳеҷ кас онро начид [33, 29].

Ба мушоҳида мерасад, ки суханвар ин ҷо дар бораи эҳсосу отифаҳои фардӣ сухан мекунад ва онҳоро ба лолае шабеҳ мекунад, ки касе надидааст. Вақте лола мешукуфад ё ба таъбири шоир мерӯяду механдад, онро ҳатман касе мебинад ё ҳадди ақал шояд бичинад, вале ин ҷо вақте шоир онро ҳеҷ кас надид мегӯяд, миёни амалҳои рустану хандидану надидану начидан навъе парадокс эҷод мешавад.

Яке аз шоирони муваффақ дар шеъри нав, ки онро мунақиддону донишманди шеъри имрӯз низ эътироф намудаанд, Искандари Хатлонӣ мебошад, ки тозагиҳои хосае дар сурудаҳои вай ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, дар як шеъри ӯ ибораи "фарёди хамӯшӣ" низ истифода шудааст:

Ман зи фарёди хамӯшӣ имшаб,
Акси овози туро мешунавам [75,16].

Аз фарёди хамӯшӣ шудани овоз таркибест, ки дар вусъати он тасвире парадоксӣ ҷой дорад. Маълум аст, ки аз хамӯшӣ садоро шунидан зоҳиран ғайриимкон аст, аммо чун ҳадафи шоир маърифати ҳисси дарунии худ аст, онро танҳо тавассути эҳсос дарк мекунад.

Дар шеъри дигар бошад, ҳамин шоир хуршедро гули хокистари гарми шабона унвон мекунад, ки ифодаи парадоксӣ мебошад. Нахуст, ба хонанда равшан аст, ки хуршед шабонгаҳ намебарояд ва ин ҷо тасвире зеҳнист, ки аз андешаи шоирона ва гули хокистар гуфтани шоир ишорат ба он аст, ки чун шом ғуруби хуршед онгуна аст, ки сахт месӯзад ва субҳ чун гули ҳамон хокистари шабона мерӯяд:

Зи буни кӯҳҳо рӯида хуршед,

Гули хокистари гарми шабона [75,23].

Дар мавриди дигар шоир ҳавопайморо ба наҳанги ғутавар дар қаъри уқёнус монанд мекунад, ки дар ҷараёни сохтмони ин навъ тасвирҳо корбурди он нақши муассир мегузорад. Маълум аст, ки ҳавопаймо дар осмонҳо парвоз мекунад, аммо вақте акси вай аз баландиҳо ба болои уқёнус соя меафканад, ба назар ҳамин матлаб равшан мешавад. Хуршедро чашми рӯз хондани шоир ҳам гарчанде навъе ташбеҳ аст ва собиқаи зиёд дорад, аммо дар заминаи корбурди ташхис, яъне ба узви одамӣ рабт додани он, ҷилваи тасвире парадоксиро ба намоиш мегузорад:

Ҳавопаймо,-

Наҳанги ғӯтавар дар қаъри уқёнус...

Ва хуршед аст чун фонус,

Ё чашмест,

Чашми рӯз [75,37].

Аз шоирони дигари муосири тоҷик, ки таҷрибаҳое ҳам дар шеъри суннатӣ ва ҳам нав анҷом додааст, Суруш мебошад. Суруш ҳам китобе таҳти унвони “Фарёди ёдҳо” дорад, ки мурур ба унвони он ҷилваи тасвире парадоксро бозгӯӣ мекунад. Зеро ёдҳо дар асл як унсури номаҳсус аст ва вақте фарёд ба он пайванд меёбад, як тасвире парадоксӣ эҷод мегардад. Руҷуъ ба шеъре, ки дар ин маҷмӯа ҳамин унвонро дорад, маълум месозад, ки дар таркиби шеър таркибҳои баёнгари тасвири парадоксӣ фаровонанд:

Ҳанӯз оҳе ба ёдат мекашам-

оҳе, ки маънояш “Туро ман ёд кардам боз…”

ва фарёде, ки аз бунёди ёде мешавад оғоз [62,12].

Оҳе, ки маънояш “Туро ман ёд кардам боз” ва “фарёде, ки бунёдаш аз ёд мешавад оғоз”, зимнан ҳамон ҷилваи тасвири парадоксиро шарҳу тафсир мекунад.

Дар ғазали дигаре, ки дар ин маҷмӯа бо номи “Рози офариниш” унвон дорад, мо ба байте руҷуъ мекунем:

Замин лабташнаи лутфи само буд,

Зи шабнам оби Сайҳун офариданд [62,4].

Маълум аст, ки шабнам ва Сайҳун зоҳиран ду мафҳуми мутаноқизанд, аммо дар асл ҳамон дарё маҷмӯи ваҳдати қатраҳост. Таҷассуми тасвири парадоксӣ дар ҳамин нукта нуҳуфтааст.

Одатан дарё шудани ашк дар баёни ҳолу ҳавои ғамнокии инсон истифода мешавад. Аммо бо истифодаиибораи маъруфи “ашки шодӣ”, ки дар асл худ тасвире парадоксӣ дорад, чун ашк бештар ба ғам пайванд мегирад, бамаврид омада. Шоиронанд, ки ҳолати шодии аз ҳад беши инсонро чунин тасвир мекунанд ва албатта чунин иттифоқ ҳам меафтад, ки инсон аз шодӣ ашк мерезад. Ҷаззобияти тасвири парадоксии офаридаи Озар низ дар ҳамин ҳолат аст, ки ашки аз шодӣ чакидаи ӯву мухлисони қаҳрамони шеъраш аз пирӯзии вай ба мадду ҷазри дарё баробар мешаванд. Ҳарчанд ин ҷо навъе муболиға аст, аммо эҳсос мешавад, ки тасвири парадоксӣ барои муассир афтодани сухан ва ҷаззобияти калом таъсире матлуб доранд:

Аз ашки шодӣ чашмҳои мо дар он соат,

Оинадори мадду ҷазри ҳоли дарё шуд [39, 9].

Дигар аз шоироне, ки чунин таҷрибаҳоро дар ашъори хеш муваффақона ба кор гирифтааст, Нарзуллоҳи Азизиён мебошад. Ин шоири тозаҷӯ дар баробари истифода аз таҷрибаҳои дигари ҳунарӣ шеваҳои мухталифи корбасти тасвири парадоксиро дар заминаи андеша ва тафаккуру сувари хаёли хеш эҷод намудааст. Масалан, дар байти зер ҳарчанд ба назар равшан ва маъмулӣ мерасад, аммо ҳамон таъбири “бесару бепо давидан” ифодаи парадоксист. Гӯё дар навбати аввал эҳсос мешавад, ки ин таъбир дар адабиёти гузаштаи мо ҷой дорад, вале шоир талош дорад, ки як тозагие ба он ато кунад. Аз ин рӯ, таъбирро ба шакли “аз бесарпаноҳӣ бесару бепо гурезон шудан” тобиши тозае касб мекунад, ки ҳам барои ифодаи мазмунҳои иҷтимоӣ ва ҳолу ҳавои худи шоир, таҷассуми руҳи як фосила ё замони зиндагии ӯ офарида шудааст:

Ҳамон паррандаам, к-аз сардӣ сар то пой меларзад,

Аз ин бесарпаноҳӣ бесару бепо гурезонам [3,74].

Таъбири “пайи сатри равон норавон гаштан” дар байти дигари ин шоир ҳамон талошу кӯшишҳои баёни тоза гуфтани ӯро ҷилвагар месозад. Шоир таъкид дорад, ки барои камолоти ҳунарии хеш ва эҷоди ду сатри равон дар кӯчаи хаёл норавон ҳастам. Сатри равон ва норавон баробари таноқузе доштан ҳамчун як навъ таҷнис ё тазод ҳам ҳастанд, ки ҷилваи парадоксро дар заминаи истифодаи ин ду санъати дигар муҷассам месозанд:

Дар кӯчаи хаёл ба андешаи камол,

Гардам паи ду сатри равон норавон ҳанӯз [3,78].

Дар қаламрави шеъри муосири тоҷик шоирони дигари зиёде низ машғули эҷод ҳастанд, ки дар каломи онҳо нуфузи ин навъ тасвирҳоро метавон ба мушоҳида гирифт, ки омил ба тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии ашъори эшон гардидаанд. Аз ҷумла, мурочиат мекунам ба як байт аз ғазали Нуралӣ Нурзод, ки дар он омадааст:

То ба ҷое нарасидем аз ин ранҷи сафар,

Кафи по обиладаст аст, худат медонӣ [38, 100].

Зоҳиран ин ҷо ба мушоҳида мерасад, ки таъбири “кафи по обиладаст” будан маънӣ надорад. Аммо вақте аз дидгоҳи вуҷуди парадокс дар таркиби ин ибора ба маърифати он роҳ мекушоем, маълум мешавад, ки вожаи мураккаби “обиладаст” киноя аз ранҷу азияти зиёда дидан мебошад ва маънии байт чунин сурат мегирад, ки аз ранҷи сафар ба ҷое нарасидем, ҳарчанд пои мо дар ин раҳ меҳнату азияте фаровон дид барои расидан ба асли мақсуд, ибораи дасти обиладор ба маънии дасти заҳмати зиёдкашида ҳам маъруф аст, ки ин ҷо ҳамин матлаб дар назар аст.

Дар шеъри дигари Нуралӣ Нурзод, ки номи “Фарёди гунги дард”-ро ба худ гирифтааст, шуруъ аз номи он чандин тасвири парадоксӣ ба назар мерасад. Дар навбати аввал агар худ ҳамин номи шеърро бихонем ва тафсир кунем, он бар асоси як таъбири борвар аз ифодаи парадоксӣ ба вуҷуд омадааст. Фарёд аслан овозест, ки ба берун меҷаҳад. Зоҳир нафари гунг ҳам метавонад ба шеваи худ фарёд кашад, аммо фарёду гунг ду мафҳуми ба ҳам

дорои танокуз ҳастанд, ки бо канори ҳам омадан он парадоксро ба вуҷуд овардааст. Таъбири “Фарёди гунг” ифодаи парадоксист, ки он танҳо андаруни инсонҳо боло мешавад, ки гӯши эҳсос метавонад онро маърифат кунад. Шеър чунин оғоз мешавад:

Бенавоӣ дар навои нои дардолуди ҳасратҳои ман
печид…
Дар сукути шаб
гули истораи маҳтобранги отифат пажмурд аз нисён [38, 74].

Ибораи “бенавоӣ дар навои нои дардолуди ҳасратҳои ман печид” тасвире парадоксиро дар худ ғунҷоиш додааст. Чун наво ва бенавоӣ ба ҳам зиддият доранд ва имкон дорад, ки ин ҷо вожаи бенавоӣ дар аввал ба маънии бесадоӣ, хомӯшӣ истифода шавад ва ҳамзамон ба маънии нодориву муфлисӣ маърифат гардад. Дар идомаи шеър бошад иборахои “танҳоии ман аз танҳо иборат нест”, “бесадоиям садои сози улфатро”, “дар найистони хамӯшӣ менавозад най”, “бевафоияш дар оҳанги садоқатҳои Маҷнун сахт мастур аст” , “дар сукути ман ҳазору анд оҳанг аст” ҳамагӣ аз тасвири парадоксӣ бархурдоранд:

Бесадоиям садои сози улфатро
дар найистони хамушӣ менавозад най,
Бевафоиям дар оҳанги садоқатҳои Маҷнун
сахт мастур аст…
Дӯст, ай дӯст!
Чун сукути шаб, ки лабрези садову созу оҳанг аст
Дар сукути ман ҳазору анд оҳанг аст
Балки фарёди дили танг аст… [38, 75]

Ҷолиб аст, ки як шеър саропо тавассути тасвири парадоксӣ эҷод шудааст, ки ин дар қолиби шеъри нав як навъ тозакорӣ ва навоварӣ ба шумор меравад, ки метавон онро шеъре бар пояи тасвири парадоксӣ унвон намуд.

Дар марҳилаи кунунии бештар аз бист соли қарни бистуякум низ ба мушоҳида мерасад, ки шоирони ҷавон низ ба идомаи чунин суннатҳои адабӣ

ручӯъ намудаанд. Нусратилло Бобоев, ки бо тахаллуси Тилло шеър мегӯяд ва то кунун ду дафтари ашъораш бо номҳои “Соянури офтоб” ва “Лолаи боми Ватан” аз чоп баромадаанд, дар як шеъри худ бо номи “Зодрӯзи танҳоӣ” чунин менависад:

Солҳо дарун - дарун кам шуд,

То набинанд тифлаконаш кам.

Солҳо ашки ӯ дарунсӯ рехт,

То ки чашмонашон нагирад нам [7,40].

Дар ин ҷо ибораи “ солҳо ашки ӯ дарунсӯ рехт”, ки дар асл ҳамон таъбири дарун - дарун гиристанро ифода мекунад, навъе тасвири парадоксӣ аст, чун ашк аслан бурунсӯ мечакад ва ин ҷо шоир барои ифодаи ҳамон матлаби таъкидшуда ин тасвирро офаридааст, ки ба ҳунари шоирии суханвари ҷавон таъкид меварзад.

Толиби Луқмон яке аз ҳамин гуна шоирони ҷавоне мебошад, ки дар эҷоди чунин тасвири парадоксӣ муваффақ аст. Аз ҷумла, ӯ дар шеъри “Фарёди ташнагӣ” чунин навишта:

Бинам зи пушти шишаи меҳбастаи хаёл,

Бо чашми намгирифтаву ҳайрони пурмалол.

Мотамгирифта кӯдакӣ сурӣ кашад ба дӯш,

Тобути кӯдакии худашро шикастабол [29, 30].

Аз худи унвони шеър пайдост, ки дар таркиби ибораи “мотамгирифта кӯдаки сурӣ” тасвире парадоксӣ ҷой дорад, зеро ин ҷо таъбири “мотамгирифта ва кӯдаки сурӣ” ба ҳам ду мафҳуми мутазодро канори ҳамдигар гузоштаанд.

Маълум аст, ки дар доираи як фасли мухтасар имкони баррасии намунаҳо ашъори ҳамаи ин шоирони насли ҷавони адабиёти давраи истиқлол мавҷуд нест ва умедворем, ки дар оянда тадқиқоте ҷудогона ва муфассал дар ин замина ҷараён хоҳад гирифт.

Дар маҷмуъ, баҳсу баррасии масъалаи ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷики даврони истиқлол баёнгари он аст, ки шоирони

имрӯзи тоҷик барои тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии ашъори хеш суннатҳои хоси баёни тасвири парадоксиро идома додаанд. Баробари ин, дар қолиби анвои шеъри суннатӣ ва нав таҷрибаҳои нодире дар офариниши тасвири парадоксӣ ба сомон расонидаанд, ки боис ба таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарии ашъори эшон гардидааст. Нуфузи тасвири парадоксӣ ва шеваҳои муайяни таҷассуми он дар сурудаҳои шоирони имрӯз баёнгари он аст, ки шоирони муосири тоҷики даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар баробари идомаи муҳимтарин суннатҳои ҳунарӣ аз равишҳои махсуси корбурди ин унсурҳои ҳунарии шеър ба кор гирифтаанд, ки намунаҳои онро мо дар сурудаҳои шоирони имрӯз ба таври барҷаста ба мушоҳида гирифтем. Давоми 30 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизи мо аллакай насли савуми адибон мақоми ҳунарии хешро ба намоиш мегузоранд, ки дар ҳар яке аз онҳо вижагиҳои махсуси шеърӣ ва ҳунарӣ муҷассам аст. Корбурди парадокс ҳамчун падидаи ҳунарии шеър ва роҳҳои эҷоди он дар сурудаҳои ин шоирон аз шеваҳои хос бархурдор аст, ки дар бахшҳои ҷудогонаи диссертатсия ба ин мавзуъ руҷуъ шудааст.

### III.2. Тасвири парадоксӣ дар шеъри бонувони суханвари имрӯзи тоҷик

Дар адабиёти даврони истиқлоли тоҷик мақоми бонувони суханвар хеле бузург аст. Барои рушди шеъри даврони истиқлолияти тоҷик саҳми Гулрухсор, Фарзона, Шаҳрияи Атҳамзод, Меҳринисо, Зулфия Аторӣ, Адиба, Гулноз ва дигарон хеле бузург аст ва бо итминон метавон таъкид дошт, ки як тамоюли хуби шеъри хубони порсигӯ дар шеъри даврони истиқлоли кишвар шакл гирифтааст, ки тамоми махсусиятҳои шеъри ин давраро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки ҷойгоҳи тасвири парадоксиро дар шеъри бонувони даврони истиқлоли тоҷик дар мисоли се нафар аз ин суханварон Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем.

**Гулрухсор** аз ҷумлаи бонувони суханвари тоҷик аст, ки дар таҳаввули шеъри муосири тоҷик аз ҳар роҳу шева таъсир гузоштааст. Дар каломи ӯ ҷилваҳои парадокс аз шаклу шеваи ба худ хоса бархурдор мебошад. Дар қолибҳои суннатӣ ва ҳам нав муваффақона тавассути сохтани таркибҳои шоирона ин таҷрибаҳои ҳунарии хешро ба кор бурдааст.

Дар шеъри “Қасидаи кӯҳистон” шоир вақте бо истифода аз ду унсури мутазодӣ- шодиву ҳузн кӯҳистонро ҷойгоҳи он ҳар ду медонад, зоҳиран чунин ҷилвагарии тасвире парадоксӣ ба чашм мерасад. Дар навбати аввал манзури шоир аз кӯҳистон ҳамон зодгоҳу диёри худи ӯст, ки барояш ҳама чиз аст, яъне ба таъбири Гулрухсор “мардободу дардбунёд”, кӯҳи кӯҳон ва амсоли ин:

Мардобод, дардбунёд,

Санги сангон,

Кӯҳи кӯҳон,

Кохи хомӯшии доно,

Маъбади шодиву ҳузн

Эй кӯҳистон [16, 12].

Дар ин порчаи шеърӣ мо мебинам, ки дар таркиби ибораи “кохи хомӯшии доно” низ навъе таҷассуми тасвири парадоксӣ ҷилвагар аст, чун маълум аст, ки вуҷуди доноӣ танҳо дар заминаи зоҳир шудан ва сухан гуфтан ошкор мегардад, на хомӯшӣ.

Дар идомаи ҳамин шеър, шоир тасвири ҷолибе бо муроҷиат ба куҳистон офаридааст, ки он ба сурати “бо раҳи каҷмакаҷи ту рост умре раҳсупорам” ҷилва додааст. Зоҳиран бо роҳе, ки каҷ аст, рост рафтан ғайриимкон аст, аммо ин ҷо шоир ҳамон ростии хислат ва поккориву рострафториро дар назар дорад. Дар тасвири зоҳирии шоир навъе парадокси зебое ҷилвагар аст, ки тавассути он як маънии ҷолиби таваҷҷуҳро баён доштааст:

Ҷодаи осон надорад зиндагӣ,

Бо раҳи каҷмакаҷи ту рост умре раҳсупорам,

Аз ҳама пастии руҳу ақли мардум,

Мегурезам,

То баландиҳои ту,

Эй кӯҳсорам [16, 12].

Тасвири ҳолати “аз пастии рӯҳу ақли мардум ба баландии кӯҳ гурехтан” ҳам худ як навъ маънисозие шоирона аст, ки метавон гуфт бо канори ҳам

омадани як унсури ҳиссӣ ё ҳолати отифии инсон ва як воқеияти зиндагӣ эҷод шудааст. Яъне, ин ҷо шоир аз як ҳолати отифии худ ба кӯҳистон паноҳ мебарад, ки ин ҷо бо ҳам омадани пастиву баландӣ навъе тазод ва ҳам парадоксро ба вуҷуд овардааст.

Дар банди дигари ин шеър таркиби "ҷаҳонгарди ҷаҳоннадида" худ як тасвире парадоксиро дар вуҷудаш ғунҷоиш додааст, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Чун касе, ки ҷаҳонро бигардад, ҳатман ӯ дар ҳолу ҳавои зоҳирӣ нафарест, ки ҷойҳоеро аз олам мушоҳида кардааст. Бо ин ҳол, ҳадафи Гулрухсор тасвири ҳамон як ҳолати отифии инсон аст, ки бо ҳама сайругашти олам, аммо ба маърифати ҳақиқати он намерасад ва розу асрорашро наметавонад бозкушоӣ кунад:

Ман ҷаҳонгарди ҷаҳоннодидаам,
Марги ман дар нӯги ҳар таппонча пояд роҳи ман,
Дар ҷаҳони ҷангсозон,
Як ҷаҳони дигаре бо номи Яхч,
Дар дили танги ту ҳамчун нанг бигрифта Ватан [16, 13].

Тасвири ҷолиби дигари ин қитъаи шеър дар мисраи дувуми он ҷой гирифтааст, ки шоир ҳолати интизории роҳи марги худро дар нӯги ҳар тапонча тасвир мекунад. Маълум аст, ки яроқ васила ё сабаби марг аст, ин ҷо бо як баёне парадоксӣ Гулрухсор акси онро тасвир мекунад, яъне марг роҳи ӯро дар нӯги тапонча мепояд.

Дар ашъори навъи суннатии Гулрухсор низ мо ҷилваҳои чунин тасвири парадоксиро ба мушоҳида мегирем. Шоир дар шеъри "Наврӯз", ки дар қолиби чорпора суруда шудааст, суруди ишқ хондани зани пирро тасвир мекунад, ки ҷолиб аст. Албатта, зиндагонӣ ҳолатҳое дорад, ки ба рӯҳияи инсон пайванд дорад. Дар айёми пирӣ суруди ишқ хондан хеле маҳол аст, чун ишқ тимсоли ҷавонист, вале метавонад бархе ҳолатҳо ба вазъи рӯҳии инсон таъсир гузошта, эҳсоси ҷавониро бедор намояд. Аз ин рӯ, барои ҷаззобияти тасвири ҳамин ҳолат, ки сарчашмаи он Наврӯз аст, Гулрухсор бо

тасвири ҳамин ҳолати зани пир ва суруди ишқ хондани вай як тасвири зебои парадоксӣ ба вуҷуд меоварад:

Баҳорон зиндагиро зиндатар кард,
Зани пире суруди ишқ хонад.
Ҷавоне аз шарори ишқи аввал,
Замину осмонҳоро надонад.
Зани пире суруди ишқ хонад [16,14]

Дар шеъри дигаре, ки "Баҳори бе Лоиқ" унвон дорад, шоир таъкид дорад, ки асру лаҳза яксон аст. Ин ҷо зоҳиран мутобиқати лаҳзаву аср ғайриимкон аст, аммо ҳисси дарунӣ ва ҳолати муассири аз марги Лоиқ дар вуҷуди шоир ҳосилшуда омил мегардад, ки дар тасаввури вай асру лаҳза дар радифи бемаргӣ яксон менамояд:

Эй баҳори бе Лоиқ, рози марг ифшо кун,
Бо таронаи борон ёди шоири мо кун.
Асру лаҳза яксон аст дар радифи бемаргӣ,
Эй ҳарифи бемаргӣ, лаҳзаро таманно кун [ 16,10].

Гулрухсор дар шаклҳои дигари шеърӣ, аз ҷумла дар қолибҳои рубоиву дубайтӣ низ таҷрибаҳои ҳунарии муваффақонаро баҳри эҷоди тасвири парадоксӣ ба зуҳур расонидааст. Аз ҷумла, дар рубоии зерини ӯ мо ибораи шоиронаи "лаззати худсӯзӣ" мушоҳида мекунем, ки ба таври барҷаста тасвире парадоксиро дар худ ғунҷоиш додааст. Шоир ин ҷо барои ифодаи ҳолати дарунии хеш ва тасвири вазъи дарунияш ибораро офаридааст, ки зоҳиран дар худ таноқузе дорад, аз вожаҳои сӯхтан ва лаззат ба ҳамдигар мухолифанд. Ин танҳо лаззати маънавиро ифода мекунад, ки аз он инсони худсӯз ба даст меоварад. Шеър ҳам барои шоирон маҳсули ҳамин худсӯзист, ки аз он ҳолат танҳо худи онҳо лаззат мебаранд:

Ту Суғд найӣ, чӣ донӣ худсӯзии ман,
Аз оташи ҷовидон худафрӯзии ман.
Шаҳди таби нор ночашида зинҳор,
Эй бехабар аз лаззати худсӯзии ман [16,94].

Ин ҷо мо ҳолати дигареро низ мушоҳида мекунем, ки дар тасвири он шоир ба эҷоди парадокс муваффақ шудааст. Таркиби дигаре дар мисраи савуми рубоӣ ба сурати "шаҳди таби нор ночашидан" ҳам ба ин гуна ҷилвагарии тасвирро ба мо намоён месозад, зеро таби оташ аслан барои инсон дарду ранҷ ҳосил мекунад, аммо шоир аст, ки аз он оташи худсӯзӣ шаҳд мечашад.

Дар рубоии дигари ӯ вожаи мураккаби "пирҷавон" дар таркиби худ бо сабаби таноқузи "пири ҷавон" тасвире парадоксӣ эҷод намудааст:

Аз омаданаш ситораборон шуда буд,
Гулбуни хазон ҷавонаафшон шуда буд.
Он пирҷавони н-омада рафт шабе,
К-аз гиряи барқ абр хандон шуда буд [16, 94].

Ибораҳои "наомада рафтан", "аз гиряи барқ хандон шудани абр" низ тасвирҳое парадоксӣ ҳастанд, чун наомада рафтан зоҳиран амали хилофи мантиқ аст, аммо вақте сухан дар бораи пирҷавон меравад, баёни парадоксӣ вобаста ба ҳолатҳои отифӣ онро маънӣ мебахшад, касе ки пирҷавон аст, завқу шӯри ҷавонӣ дар вуҷудаш намеҷӯшад ва ҳисси ҷавониро дар ҳамин айём таҷриба намекунад ва ба қавле завқҳояш мурдаанд, мисли онест, ки ба ҷаҳон наомадааст. Ин ҷо дар баробари истифодаи санъати тазод дар таркиби баёне парадоксӣ дар таркиби вожаи пирҷавон ва ҳолатҳои омадану рафтан навъе ташбеҳ ҳам ба чашм мерасад, чун ҳузури пирҷавонро дар зиндагӣ ба касе наомада рафта монанд мекунад, касе, ки аслан ба дунё наомадааст.

Воситаи эҷоди тасвири парадоксӣ дар мисраи чорум ташхис аст, чун гиряи барқ ва хандаи абр зоҳир баробар ба тазоди ҳамдигар будан, навъе ташхис ҳам ҳастанд, ки бо канори ҳам омадан баёне мутаноқиз эҷод кардаанд. Чун ин ҷо сабаби хандаи абр гиряи барқ аст, ки ба зоҳир ғайриқобили иттифоқ аст.

Ба назар мерасад, ки Гулрухсор ҳамчун шоири навпардоз дар тарҳи тасвири парадоксӣ дар қолиби шеъри суннатӣ, хоса дар рубоӣ хеле муваффақ аст ва дар ҷараёни эҷоди ин навъ тасовир аз воситаҳои гуногуни тасвири

бадеӣ чун, ташбеҳу ташхис истифода мекунад. Дар мавриди баёни ҳолатҳои отифӣ таҷрибаҳои назаррас дорад:

Бо лолии худ забони ман овардӣ,
Бо рамзи ниҳон аёни ман овардӣ.
Гумгаштаи бенишони ман дода нишон,
Аз гумшудае нишони ман овардӣ [16,145].

Ба назар мерасад, ки дар ҳар чаҳор мисраи рубоӣ тасвири парадоксӣ ҷой дорад. Ҳар таркиби ин мисраъҳо, ки “бо лоли худ забон овардан”, “ бо рамзи ниҳон аён” овардан, “ гумгаштани бенишон додани нишон”, “аз гумшудае нишони ман овардан” навъе тасвири парадоксӣ аст, чун бо лолӣ забон овардан, зоҳиран ихтилоф дорад, аммо дар баёни шоирона забони розе аст, ки маъние дар худ ниҳон дорад. Аз рамзи ниҳон аён овардан ҳам ин шеваи баёнро муқаррар месозад. Дар ду таркиби дигар ҳам чунин тасвирсозӣ мусаллам аст ва албатта, аз гумшуда нишон овардан, дар миёни халқ низ ба маънии дигар ба кор меравад. Одатан агар нафаре гум мешавад ва суроғе аз он намеёбанд, ба ҷустуҷӯ мераванд ва нишоне пайдо мекунанду меоваранд. Дар асл аз гумшуда нишон овардан зоҳиран таноқузе дорад, чун дар маънии кулл, нафари гумшуда касест, ки аз ӯ нишоне боқӣ намемонад.

Дар шеъри дигаре аз Гулрухсор, ки “Сӣ қарн то ба худ” унвон дорад, ибораҳои “аз дили Лайлӣ шукуфтан” ва “аз гили Маҷнун дамидан” ба кор рафтаанд, ки бо назардошти нуфузи ташхис дар он як навъ баёне парадоксӣ низ гирифтааст.

Барои сӣ нафас то пас хазидан,
Барои сӣ ҳавас дар худ тапидан,
Барои сӣ қафас дар худ шикастан,
Бубояд аз дили Лайлӣ шукуфтан,
Бубояд аз гили Маҷнун дамидан [16,4].

Аз дил шукуфтан ва аз гили Маҷнун дамидан дар зоҳир аслаш имкон надорад, вале шоир бо руҷуъ ба ин номи ин ду шахсияти мактаби ишқ сидқу ихлосу саодатро мехоҳад тафсир намояд.

Иборaҳои “дар мазори дил чароғи хотира афрӯхтан”, “ширин сӯхтан” низ дар шеъри “Баҳорона”- и Гулрухсор аз баёне парадоксӣ бархурдоранд, ки он дар сурати дар мазори дил чароғ афрухтан таҷассум дорад. Зоҳиран ин амали андарунии ин таркиб имконнопазир аст, аммо барои тафсири ҳолу ҳавои инсонӣ ва ифодаи маънии эҳёи умед ва ёд кардан аз ҳастии худи ӯ ин таъбирҳо офарида шудаанд:

Кӣ ёдам кард?
Кӣ бо ёди мани аз ёд рафта дар мазори дил
　　чароғи хотира афрӯхт,
Ки набзи хастаам рақсид,
Ки хуни сарди шарёнам
　　шарар бардошт,
　　　　ширин сӯхт? (16, 5)

Дар шеъри “Ҷилваи ранги сароб” бошад дар навбати аввал унвони худи шеър тасвире парадоксӣ ба шумор меравад, зеро сароб дар асл беранг аст ва шоир барои баёни маърифатангези матлаб онро ба ранг медароварад. Баъдан, дар охири ин шеър мо ибораи “бод дар доман мондан” дучор мешавем, ки ҳамоно таҷассуми зебои як тасвири шоиронаи парадоксиро рунамоӣ мекунад:

Мӯй дар гулхан монд,
Шиша дар ҳован монд,
Бод дар доман монд,
Умр дар пардаи ин омадану рафтан монд [16,6].

Дар порчаи зер аз шеъри “Хумори ишқ” бошад ибораи “хоб дидан дар бедорӣ” аз баёне парадоксӣ бархурдор аст, чун маъмулан дар ҳоли хоб будан инсонҳо метавонанд хоб бубинанд, на дар бедорӣ. Аммо ин ҷо шоир ҳолати муассир шудан аз шукӯҳу нусратҳоро дар қолиби ин тасвир бозтоб бахшидааст, ки ҳамин матлаб ҳосил шудааст.

Муборак моҳи нав

дар осмони куҳнаи дунё,

Муборак сӯзи растохези сози шаҳраки ҳастӣ.

Муборак ҳусни дидоре,

ки умре хоб медидам ба бедорӣ,

Муборак зиннати ҳушёрии зебои сармастӣ[16,8].

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки Гулрухсор барои муассир омадани каломи худ аз чандин воситаҳои тасвири бадеӣ ба кор мегирад, ки дар ин миён тасвири парадоксӣ ҷойгоҳи хосаеро соҳиб аст. Ӯ таҷрибаҳои нодири ҳунарии хешро дар аксари анвои шеърӣ ба сомон расонидааст, ки ҳамагӣ ба такмили ҷанбаҳои ҳунарӣ ва муассир афтодани сабки баёни шоир омил шудаанд.

**Фарзона** ба унвони шоири соҳибибтикор ва нововар ба таври шоиста эътироф шудааст. Тозакориҳои ӯ дар таҷассуми чандин вижагиҳои ҳунарӣ ба ҷилва омадаанд, ки яке аз онҳо нуфузи ҳамин анвои тасвири парадоксӣ мебошад. Барои собити ин назар бар чанд намуна аз анвои шеъри Фарзона руҷуъ хоҳад шуд:

Аз ту бегонатаре нест,

аз ту пайвандтаре нест,

Ҳама раҳ рафтаму дидам, ки ту ҳастӣ дигаре нест…[68, 77]

Ду мисраи аввал, ки тавассути таркибҳои “аз ту бегонатар” ва “аз ту пайвандтар” сохта шудаанд, ҷилваи баёни парадоксӣ ба мушоҳида мерасад, зеро дар як вақт пайванд ва бегона будан, ба зоҳир канори ҳам омадани мафоҳими мутазодро нишон медиҳад.

Дар ғазалиёти шоир низ ҷилваи ин навъ тасвири парадоксиро ба мушоҳида мегирем. Аз ҷумла дар байти аввали ғазали зерин шоир аз меҳрмоҳ атса задани урдибиҳиштро баён мекунад, ки баёне парадоксӣ аст, чун меҳрмоҳ моҳе аз тирамоҳ аст ва урдибиҳишт аз баҳор. Шоир таъкид карданист, ки баҳоре дар фасли хазон эҷод шуд, ки нигоҳи маро ба зиндагӣ иваз намуд:

Урдибиҳишт атса зад аз меҳрмоҳи ман,

Бар зиндагӣ тамом иваз шуд нигоҳи ман [70, 272].

Дар ғазали дигари шоир ибораи “мурдиву боз ҳаёҳӯ дорӣ”, ки нисбат ба дил гуфта мешавад, аз тасвири парадоксӣ бархурдор мебошад. Албатта, дар адабиёти гузаштаву имрӯзи мо таркиби “дилмурда” роиҷ аст, вале дар зоҳир маънии он барои ифодаи инсони аз дунё рафта ба кор меравад, вале ҳиссу ҳолати шоирона аст, ки нафари дилсардро ба сурати дилмурда тасвир мекунад. Аз ин рӯ, ин ҷо шоир вақте ки ба дили худ муроҷиат карда мегӯяд, ки ту мурдиву ҳанӯзам садо мебарориву ҳоюҳу мекунӣ, ҳамон тасвири ҷаззоби парадоксӣ дар иртибот бо ҳисси отифии гӯяндаи он ба чилва меояд:

Эй дил, дил чӣ орзу дорӣ,

Мурдиву боз ҳоюҳӯ дорӣ.

На ба толори нозанинон аст,

Гарди ҳусне, ки ҷустуҷӯ дорӣ [69, 6].

Дар байти дигари ин ғазал низ мо ба навъе аз тасвири парадоксӣ дучор меоем, зеро маълум аст, ки толори ҳусн ҷои нозаниниву зебоиву ҳусн аст, аммо шоир таъкид мекунад, ки он гарди ҳусне, ки ту ҷустуҷӯ дорӣ, дар чунин толорҳо нест. Зоҳиран ин ҷо баёне мутаноқиз аст, вале ҳадафи шоир барои ифодаи як маънии болотар аз ин, яъне ҳусни маънавӣ аст, ки онро дар ҷаҳони моддӣ наметавон пайдо кард.

Дар истиқбол аз каломи устод Рӯдакӣ Фарзона низ матлаби “бо сад ҳазор кас танҳо будан”- ро, ки ин ҷо боз ҳам ҳисси отифӣ ва ҳолати дарунии худи шоир тафсир мешавад, таъкид мекунад, ки ҳадафи аслии вай тавассути ҳамин тасвири парадоксӣ муассир садо додааст:

Одами меборад, аммо боз ман танҳову танҳо,

Шаҳр мепечад ба ғавғо, боз ман танҳову танҳо [69,30].

Дар мисраи дувум ҳам ҳамин шеваи зуҳури тасвири парадоксӣ барои муассир омадани калом ошкор аст, чун бо ҳама шурӯ ғавғои мардумони шаҳр шоир бо такя бар ҳолатҳои отифияш худро танҳои танҳо мебинад.

Дар байти ниҳоии ҳамин ғазал таҷассуми тасвири парадоксӣ хеле барҷаста ва муассир аст:

Бо ҳазорон ошное, ҳамсадое, ҳамнавое,
Мондаам дар ҷумла дунё боз ман танҳои танҳо [69,30].

Дар ғазали дигари маъруфи шоир вақте аз нишеман кардани ғукон дар обҳои булурин меравад ва худро чун ҳурии нилуфар дар мурдобҳо рӯйида мебинад, зоҳиран баёне парадоксӣ ҷилвагар мешавад. Албатта, ин ҷо ҳам тасвир барои ташреҳи ҳолати отифӣ ва маърифати шоир аст, ки ду мафҳуми мутаноқизро ҷиҳати шарҳи ин ҳол истифода кардааст. Аслан, ҷои ғук мурдоб аст ва ҷои ҳур обҳои булурин, ки барои шарҳи ҳисси худ ҳамин шеваи баёнро тавассути ду тасвире парадоксӣ интихоб кардааст:

Ғукон нишеман кардаанд, андар булурин обҳо,
Ман ҳурии нилуфарам, рӯйида дар мурдобҳо [69,90].

Бояд гуфт, ки Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона дар баробари он ҳама корномаҳое, ки барои рушди шеъри тоҷикӣ дар марҳилаи нави таърихӣ анҷом додаанд, силсилаи ашъори шоирони ҷаҳонро тарҷума намудаанд, ки мақоми ӯро ҳамчун тарҷумони шоён бозгӯӣ мекунад. Маълум аст, ки барои анҷоми муваффақонаи тарҷумаи ашъор ҳунари шоирӣ нақши бузург дорад ва осори тарҷумашуда пеш аз ҳама маҳсули кор, андешаву тахайюли ҳамон шоир ба шумор меравад. Ҳатто мавориде ҳам эҳсос мешавад, ки агар тарҷумон аз ҳунари баланди шоирӣ бархурдор бошад, тарҷумаи анҷомдодаи ӯ аз асли шеър муассир ва қобили таваҷҷуҳ сурат мегирад. Ин хусусияти ҳунарӣ ва бадеиро дар тарҷумаҳои ашъори шоирони кишварҳои олам, аз ҷумла намунаҳои шеърҳои ҷопонӣ, ашъори Абай, Афанасий Вет, Ҷорҷ Байрон, Анна Ахматова ва дигарон ба мушоҳида метавон гирифт.

Тарҷумаҳои устод Фарзона аз ҳар ҷиҳат қобили таҳқиқ ва баррасӣ мебошанд, зеро то кунун дар барбари шакли алоҳида ба нашр расидани китоби тарҷумаи ашъори Анна Ахматова аз ҷониби Фарзона силсилаи тарҷумаҳои дигари шоир дар китобҳои “Себарга”, “Найсон” ба чоп расидаанд, ки бегумон ба анҷоми як таҳқиқоти алоҳида дар бораи вижагиҳои

бадеии тарҷумаҳои суханвар таъкид меварзанд. Аммо мо дар ин нигоштаи хеш кӯшиш мекунем, ки бештар дар бораи ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар тарҷумаиҳои анҷомдодаи шоир мулоҳизоти хешро баён намоем.

Мусаллам аст, ки тасвири парадоксӣ дар заминаи аз ду мафҳуми мутазод офаридани маъние, ки зоҳиран маънӣ надорад, ба вуҷуд меоянд. Дар худи ашъори Фарзона ин навъ тасовир фаровон ба чашм мерасанд, ки албатта ин баҳсу баррасии ҷудогонаро хостор аст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки мо ба чунин падидаҳои ҳунарии шеърӣ дар тарҷумаҳои Фарзона низ дучор меоем, ки пеш аз ҳама онҳо маҳсули таҷрибаҳои ҳунарии худи шоир мебошанд. Аз ҷумла, дар ин навъи шеърии шоири ҷопонӣ, Майуо Басё тасвир мешавад, ки шабпара мехоҳад дар тирамоҳ бо завқи баҳор зиндагонӣ кунад:

Ин шабпара тирамоҳ мехоҳад
Бо завқи баҳор зиндагонӣ кардан:
Шабнам хӯрда аз барги гули довудӣ [74,213].

“Дар тирамоҳ бо завқи баҳор зиндагонӣ кардан” навъе тасвири парадоксӣ аст, чун ин ҳолу ҳавои ғайриимкон аст ва аз мафоҳими дар асл зидмаънои “тирамоҳ” ва “баҳор” сохта шуда.

Дар ин шеъри Ҷорҷ Байрон, ки “Ба бонуе, ки суол медиҳад: Баҳорон чаро сафар мекунӣ?” Шоир зимни тарҷума тасвире меофарад, ки гузаштаи азизро дар пеши роҳи худ дидан мехоҳад, ки албатта ин ғайриимкон аст. Аммо ҳамин ормони суханвар дар тарҷумаи шеър ба шакли як тасвири парадоксӣ ба ҷилва омадааст:

Мисли гуноҳкори зи фирдавс рондае,
Мебингарам ба ҷониби ояндаи сиёҳ.
Яхбаста аз ҳаросаму уммед мекунам,
То он гузаштаҳои азиз оядам зи роҳ [74,219].

Гузашта аз роҳ омадан дар таркиби худ баёне парадоксӣ дорад, зеро гузашта ҳаргиз аз роҳи намеояд, чун аллакай вай рафтааст. Аммо шоир ин ҷо

барои тасвири ормони гӯянда онро ба ҳамин шакл тарҷума намудааст, ки аз назокате хос бархурдор гардидааст.

Дар ҳамин шеър ибораи “назокати тоқатситон” дар банди дигари он низ баёне парадоксӣ ба шумор меравад, зеро назокат дар асл вожаи ифодакунандаи зебоиву хубии маъшуқ аст ва бо тоқатситон омадани он зоҳиран мутазод аст, вале баёне хеле зебои парадоксӣ аст, ки дар шеваи тарҷумаи шоир ба ҷилва омадааст:

Инак, пас аз шикасти ғамангези сарнавишт,
Бигрезам аз назокати тоқатситони ту.
То бозпас нидо накунам, фасли рафтаро,
Бигрезам аз фироқу ғами бебаёни ту [74,219].

Дар шеъри дигари Ҷорҷ Байрон, ки “Эй ситораи ғамгин, офтоби бехобон” унвон дорад, таъбирҳои “нури ашковар”, “ Тирагӣ зи анвор” баёноте парадоксӣ доранд, зеро нур дар асл мояи шодиву нишот аст ва тирагӣ маҳсули бенурист, аммо ин ҷо тирагӣ зи анвор дониста мешавад:

Эй ситораи ғамгин, офтоби бехобон,
Нури туст ашковар, эй мунаввару тобон.
Тирагӣ зи анворат, тиратар зи пешин аст,
Нури ту чу шодии рӯзҳои дӯшин аст [74,220].

Дар шеъри аз “Соқинома”-и шоири маъруфи олмонӣ Иоҳанн Гуте таъбирҳои “хамӯшии ширину зебо”, “дар талотумхонаи андешаҳои хештан” навъе тасвири парадоксиро дар худ ғунҷоиш додаанд:

Менишинам яккаву танҳо,
Хоҷаи хешам,
Бода менӯшам
    Дар ин хомӯшии ширину зебо.
Не халал орам ба кас,
    Не кас халал орад ба ман,
Менишинам,
    Дар талотумхонаи андешаҳои хештан [74,230].

Дар тарҷумаи шеъри шоири олмонӣ Ҳенрих Ҳейне бошад таркиби “кайфияти ғам” истифода шудааст, ки баёне парадоксӣ мебошад. Одатан ғам барои инсонҳо ранҷу азият ато мекунад ва аз он дард мекашанд, аммо шоир барои ифодаи ҳоли худ ибораи кайфияти ғамро истифода кардааст, ки таъбире борвар аз тасвире парадоксист:

Ҳамғуссаи ман басе зиёд аст,
Дар зодгаҳи хуҷастафолам.
Кайфияти ғам касе, ки донад,
Донад, ки чи гуна аст ҳолам [74,234].

Ибораи “бенафас гаштан” дар асл маънии аз олам гузаштанро дорад, вале дар ашъори шуаро барои ифодаи ранҷу азият низ ба кор меравад, ки дар ин сурат то ҷое навъе парадоксро дар худ ғунҷоиш медиҳад. Дар тарҷумаи шеъри А.С. Пушкин бо номи “Иқтидо ба Қуръон” шоир Фарзона ҳангоми тасвири раҳмгумзании биёбонгарди танҳо истифода бурдааст, ки аз таъсири сӯзи гармо бенафас мешавад, яъне ин ҷо ба маънии сӯхтани нафас дар гармо ба кор рафта, гунаи тасвире парадоксиро ба худ гирифтааст:

Раҳнаварде хаста менолид рӯ сӯи Худо,
Дар суроғи қатраи обеву нахли барҳаво.
Се шабу се рӯз раҳгум зад биёбонгарди зор,
Бенафас аз сӯзи гармо, сарфурӯ зери ғубор [74,241].

Дар тарҷумаи шеъре аз шоири қазоқ Абай шоири маҳбуби мо Фарзона таркиберо ба сурати “давандаи дармонда” эҷод кардаанд, ки воқеан аз лиҳози сохторӣ қолиби таваҷҷуҳ аст ва дақиқ ба умқи маънои он назар афкандан маълум месозад, ки аслан инсоне, ки дар ҳоли давидан аст, наметавонад якбора дармонда буд, чун ҳоли вай ифодакунандаи роҳ рафтан бошад. Аммо ин ҷо ҳадафи шоир тасвири ҳолатест, ки бо ҳама давандагӣ инсон дармондаи олами гузарон аст, чун олами гузарон худ доми нонамоёне ҳаст, инсон метавонад бо ҳама шитоб дар доми он дармонад:

Домест олами гузарон, доми нонамост,
Эй бас каси даванда, ки дармондаи вай аст.

Он мурда нест он ки пас аз интиҳои умр,

Бар ҳар диле ҳиҷош чу ноҷии хушпай аст [74,250].

Иборai “забони гуфтушунуфт” дар асл агар бештар ба вуҷуди ҳиссомезӣ таъкид варзад, лекин таркиби гуфтушунуфт дар асл ба худии худ як маънии дигар медиҳад. Шунидани забон, ки аз таркиби ин ибора берун меояд, ба мавҷудияти тасвире парадоксӣ дар таркиби он ишорат меварзад. Гуфтушунид дар асл ба маънии гуфтугӯ кардан ҳам истифода мешавад, вале шоир зимнан дар ҷараёни як шеъри дигаре аз шоири қазоқ Абай бо эҷоди иборai “забони гуфтушунуфт” навъе таъбире борвар аз ифодаи парадоксӣ офаридааст:

Имтиҳоне агаркӣ пеш омад,

Ва агар кор бар мубоҳиса рафт.

Ту гиребон дариву хун резӣ,

Ки надорӣ забони гуфтушунуфт [74,257].

Дар ҷараёни тарҷумаи шеъри Анна Ахматова шоир Фарзона таъбири “рӯзи сарде буд, ёдаш шод бод” -ро ба кор гирифтааст, ки навъе баёни парадоксӣ дар он эҳсос мешавад, зеро одатан рӯзҳои сардро на ҳамеша инсонҳо ба шодӣ ёд мекунанд:

Оваҳ андар шаҳри бемонанди Петр,

Рӯзи сарде буд, ёдаш шод бод.

Бол мезад гулхани сурхи ғуруб,

Тирагӣ оҳиста мафраш мекушод [5,68].

Ҳангоми муқоисаи ин порчаи шеърӣ бо гунаи аслии он маълум мешавад, ки таркиби парадоксии офарида дар тарҷумаи тоҷикии он ба чашм расида, маҳсули эҷоди Фарзона мебошад. Зеро дар ин қитъаи асли русии шеъри Анна Ахматова шеваи баёни парадоксӣ дида намешавад ва танҳо Фарзона муваффақ шудаанд, ки бо кӯшиши эҷоди чунин тарзи нигориши шоирона тарҷумаи тоҷикии онро ҷаззобу ҳунари шоирии хешро дар эҷоди як шеъри тарҷумашуда ба ҷилва оваранд:

О, это был прохладный день,

В чудесном городе Петровом.

Лежал закат костром багровым,

И медленно густела тень [5, 16].

Дар умум, баҳсу баррасии ҷойгоҳи парадокс дар шеър ва тарҷумаҳои анҷомдодаи Фарзона аз шоирони ҷаҳон маълум месозад, ки ин шеваи баён дар сурудаҳои шоир пеш аз ҳама бар асоси таҷрибаҳои нодири худи ӯ ба ҷилва омадаанд, зеро ҳангоми муқоиса бо гунаҳои русиву дигар забонҳои асли ашъор маълум мешавад, ки чунин шеваи баён ва корбурди ин падидаи ҳунарии шеър бештар дар тарҷумаҳои Фарзона ба назар расида, таъкид бар он мекунад, ки онҳо маҳсули тафаккур ва тахайюли бадеии шоир мебошанд.

**Гулноз.** Шоир Гулноз яке аз суханварони насли имрӯз ба шумор меравад, ки дар баробари дасти тавоно дар ғазалсароӣ, анвои мухталифи шеъри суннатӣ доштан, таҷрибаҳои муваффақонае дар шеъри нав низ анҷом додааст. Роҷеъ ба ҷойгоҳи шеъри нав дар эҷодиёти Гулноз аллакай мулоҳизоте аз ҷониби олимон ва шоирон чун Носирҷон Салимӣ, Аскар Ҳаким, Доро Наҷот, Нуралӣ Нурзод ва дигарон баён шудаанд.

Таҳқиқ дар ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар ашъори Гулноз ва нуфузи хосаи он баёнгари ин матлаб аст, ки гоҳо шеваҳои шоирнаи таҷрибаи ҳунарӣ дар ин навъ ашъор ба ҳаддест, ки шоир дар қолиби як шеър ба сохтмони чандин аз ин навъ тасвирҳо иқдом намудааст. Барои субути ин назар шеъри “Дастам пур аз туст” руҷуъ мекунем. Дар навбати аввал номи шеър худ таркибе борвар ва тасвире парадоксист, зеро амалан дасти инсон наметавонад пур аз инсон бошад, чун воқеиятпазир нест. Вале ҳангоме, ки инсонҳо ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд, ҳамин ҳолатро метавонад ин таркиб ифода кунад, зеро дар фарҳанги мардумӣ таъбире “оғӯш пур шудан” ҳаст, ки метавонад ҳамин барои тафсири он мувофиқи матлаб бошад.

Вақте ба банди аввали шеър ҳам муроҷиат мешавад, шеваи дигари ҷилваи тасвири парадоксӣ ба чашм мерасад:

Ҷонам

пур аз тирамоҳ аст,

дастам пур аз интизорӣ [15,39].

Ин ҷо таркибҳои “ҷонам пур аз тирамоҳ” ва “дастам пур аз интизорӣ” зимнан таркибҳои борвар аз тасвири парадоксӣ мебошад, зеро ба зоҳир як вусъати фасли солро ҷони як инсон наметавонад ғунҷоиш диҳад. Манзури шоир дар асл ифодаи нуфузи ҳузн дар вуҷуди хеш бошад ва ин ҷо таркиби дастам пур аз интизорӣ низ ҳамин гунаи таваҷҷуҳи тасвири парадоксиро мушоҳида мекунем.

Дар идомаи шеър фалсафаи гузаштани умри инсон дар сурати мушоҳидаи эҳтироми баҳор дар масоҳати парвози барг ва хокистари як шуъла шақоиқ таҷассум меёбад. Манзури аслии шоир он аст, ки тамоми шукуҳу нусрати баҳор дар парвози ранг ва хокистари як шуъла шақоиқ ифода меёбад, яъне парвози барг намоди тирамоҳ аст ва ҳосили сухани шоир он аст, ки ҳама чиз бебақост дар олам ва ин назокату наҷобати баҳор рӯзе бо парвози барг дар тирамоҳ интиҳо меёбад. Дар таркиби як шуъла шақоиқ низ мо таҷассуми тасвире парадоксиро ба мушоҳида мегирем, дар асл шақоиқ хокистар намешавад, танҳо сурхии вуҷуди вай, ки тамоми шукуҳаш муҷассам дар он аст, метавонад рӯзе завол ёбад. Ин хокистари шӯълаи шақоиқ ҳамоно завол ва нестии ранги гули лола бошад, ки ба гузаштани умр ишорат мекунад:

Эҳтироми баҳорро
дар масоҳати парвози барг
ва хокистари
як шуъла шақоиқ
дидам [15,49].

Вақте шоир дар порчаи баъдӣ ҷисми сӯхтаро оташ нест, мегӯяд, зоҳиран инҷо низ тасвире парадоксӣ ба чашм мерасад, зеро дар асл ҷисми сӯхта аз оташ месӯзад ва манзури Гулноз ин ҷо таъкид бар он мекунад, ки ин оташ вуҷуди варо ба ҳадде сӯхтааст, ки ҳам ҷисм тамом гаштаву ҳам оташ. Аз ин ҷо, шоир ишорат ба он мекунад, ки ба дӯзах рафт ва чашме оташ овард. Ибораи чашме оташ овардан ҳам навъе дар вуҷуди хеш тасвире парадоксиро

ғунҷоиш додааст, зеро чашму оташ дар асл ду чизи ба ҳамдигар камтар марбутанд, вале дар фарҳанги мардумӣ ҷой доштани ибораи “оташи чашм”, ё “алови чашм” низ ба ин таркиб метавонад пайванде бигирад, зеро вақте ҷисме комилан месӯзад, оташи чашми он низ хомӯш мегардад. Мавҷудияти оташи чашм нишонаи зинда будан низ ҳаст, ки ин ҷо шоир дар баробари таъкид бар овардани оташ ва афрӯхтани оташи ҷисм ба он ҳам ишорат менамояд. Маҳз, таъкид ба овардани оташ аз дӯзах бошад, навъе таъкиди гӯянда ба он аст, ки оташи ҳиҷрон ё андӯҳ сахттар аз оташи дӯзах аст ва барои фурӯзон кардани дубораи ин оташ танҳо аз дӯзах метавон ба қавли Гулноз чашме оташ овард:

Оташ нест
ҷисми сӯхтаро.
Бояд ба дӯзах рафт
ва чашме оташ овард [15,39].

Дар қитъаи баъдии шеър таъкиди шоир аз об аз як абри бешаи Мозандарон хостан низ навъе баёне парадоксист аз чанд ҷиҳат. Дар навбати аввал ташна ҳамеша аз чашма ё дарё об мехоҳад, вале ин ҷо ҷони ташнаи шоир обе аз абр мехоҳад, ки барои оромиши вуҷуди вай лозим бошад:

На
Ташнаам,
об мехоҳад дилам
як абр
аз бешаи Мозандарон [15,39].

Баъдан сухани шоир ба тафсири ҳоли гиёҳи ташна, ки ҳамоно тимсоли вуҷуди худи вай низ ҳаст ва ин ҷо ба назар мерасад, ки баъдан матлаби боло шарҳе ҳам пайдо мекунад, мерасад. Шоир онро ҳарисона тасвир мекунад, ки аз қишрҳои хок гузашта, он сӯи замин дар осмони дигаре овезон мебинад. Ҳамин ки он сӯи дигар меравад ва онро шоирони дигар сӯи бесӯ ном гузоштаанд, баёни парадоксии шоирро тақвият мебахшад. Ба ҳеҷ расидаву

сӯхтани решаҳои ҳирс низ аз ҷумлаи таркиби борвар аз тасвири парадоксии ин бахши шеър ба шумор меравад:

Гиёҳи ташна
ҳарисона
аз қишрҳои хок гузашт.
Он сӯи замин
дар осмони дигаре
овезон шуд.
Решаи ҳирс
ба ҳеҷ расиду сӯхт... [15,40]

Сайри бод дар рӯи фикри мунаввари субҳ, ки тамоми вуҷуди инсонро навозиш мекунад ва бо се қадам баҳру кӯҳу даштро мегузарад, баробари таҷассуми барҷастаи як лаҳзаи мунаввари табиат навъе баёноти парадоксӣ низ дорад, зеро таркибҳои ангушти бод, навозиши ҳуҷайразор ва бо се қадам гузаштани Баҳру Кӯҳу Дашт дар худ анвои тасвири парадоксиро ҷой доданд:

Рӯи фикри мунаввари субҳ
бод сайр мекард.
Ангушташ
ҳуҷайразори маро навозиш кард.
Бо се қадам
Баҳру Кӯҳу Даштро гузашт [15,40].

Тасвирпардозӣ дар ин навъ шеърҳои Гулноз ба ҳадде ҷаззобу ҷолиб сурат гирифтааст, ки дар онҳо пайванди аносири маҳсус ва номаҳсус ба таври шоиста ҷой гирифтааст. Масалан, дар идома вақте шоир дар мавриди лаҳзаҳоро фурӯ бурдани ҳазён, ба замин рехтаву лона шудани кабӯтари сапеди ситора сухан мекунад, ба таври барҷаста тасвири парадоксӣ будани ин тасовир равшан аст. Маълум аст, ки фурӯ бурдани лаҳзаҳо аз тарафи ҳазён киноя аз беҳуда рафтани вақт аст, аммо шеваи ифодаи шоир онро баёне парадоксӣ кардааст, чун лаҳзаҳоро ба ин шева фурӯ бурдан танҳо тасаввурпазир аст барои шоирон ва ҳамин гуна афтодани кафтари сапеди

ситора ва лона шудани он низ ҳамин вижагии тасвири парадоксиро дар худ ғунҷоиш додааст:

Лаҳзаҳоро

ҳазёне фурӯ бурд.

Кабӯтари сапеди истора

ба замин рехту

лона шуд.

Дар ту, эй шаб

аз ҳароси бо ӯ будан

мемирам...[15,99]

Мушоҳидаи субҳ дар сояи хаёл ва ҷилваи маъшуқ дар роҳи холии оина ва шеър дар дашти нӯки хома низ таркибҳое ҳастанд, ки аз тасовири парадоксӣ бархурдоранд. Зеро маълум аст, ки суҳбҳро зоҳиран метавон дар сояи хаёл ба мушоҳида гирифт, аммо дар роҳи холии оина дидан навъе ҷилваи равшани тасвири парадоксӣ дорад, чун манзури аслии Гулноз ҳамоно хаёлан тасаввур кардани чеҳраи маъшуқ аст, ки ҳосили он ҷилваи шеър дар дашти нӯки хома бошад. Дашти нӯги хома дар асл аз ду унсури мутаноқизнамо ҷилвагар шудааст, зеро дашт дорои паҳноист ва нӯги хома унсури хурд, вале манзури аслии шоир ҳамон саҳфаи сапед бошад, ки сурати даште мегирад, ки рӯи он шеър ҳастӣ меёбад:

Субҳро

зери сояи хиёл дидам,

Туро дар роҳи холии оина

ва шеърро

дар дашти нӯги хома [15,99].

Диди шоиронаи Гулноз асли зуҳури тирукамонро аз ҷилваи гузаштаҳои сабз, ҳанӯзҳои лоҷувардӣ ва ояндаҳои беранг муқаррар мекунад. Дар асл ин ҷо нигоҳи фалсафии шоир ба як унсури муҳими табиат таҷассум дорад, чун маълум аст, ки дар илми табиатшиносӣ моҳияти зуҳури рангинкамон ё тирукамонро ба ҳолати дар вақти мавҷудияти хуршед боридани борон нисбат

медиҳанд. Аммо нигоҳи шоир онро ба таври хеш мебинад. Вале чун тирукамон аз ҳафт ранг таркиб ёфтааст ва шоир ояндаҳои берангро ҳам шомили ин аносири рангсоз мекунад, дар ҳамин баёнот мо навъе таҷассуми тасвири парадоксиро ба мушоҳида мегирем:

Умед

аз гузаштаҳои сабз,

ҳанӯзҳои лоҷувардӣ

ва ояндаҳои беранг

тирукамон сохт [15,99].

Дар ниҳояти шеър шоир таҷассуми умедро дар висоли ёр ба ҷилва меоварад, ки дар сурати боз шудани гираҳи оҳ дар ҳаво ва саршории манзилаш аз баҳор ва дастони пур аз Ӯ ҷилвагар мешавад. Ин ҷо ҳам шеър бо ҳамон тасвири парадоксии дар ибтидои шеър омада, яъне дастам пур аз туст ба поён мерасад:

Гираҳи оҳам

дар ҳаво кушуда шуд.

Ҷонам пур аз баҳор аст,

Дастам пур аз ту [15,100].

Дар шеъри “Модар” низ ибора ду умр зистан маънии хосеро дорост, ки ба тафаккур ва андешаи шоир пайванд мегирад, аммо дар асл ду умр зистани инсон дар рӯзгори воқеӣ ғайриимкон аст ва ҳамин шеваи баён эҷоди навъе парадоксро дар тасвири як ҳолати зиндагонии ҷорӣ худи гӯянда ва шинохт аз ҳақиқати умри модари азиз ба намоиш мегузорад:

Бештар аз фарз буд,

Ду умр зистан.

Яке барои худ,

Ки дер боз ихтисор шуда аз ҷаҳон.

Дигаре барои ту,

Ки ҷорист дар замон [15, 54].

Таҳқиқ дар як шеъри Гулноз баёнгари он аст, ки дар сурудаҳои шомили анвои нави шоир гоҳо нуфузи тасвири парадоксӣ ба ҳадде аст, ки дар қолиби як шеър шумораи зиёди онҳоро метавон ба мушоҳида гирифт. Ин шеваи тасвирсозӣ пеш аз ҳама ба он ишорат мекунад, ки воқеан шоир дар офариниши чунин тасовир дасти тавоно дорад ва аз каломи бузургони куҳани адабиёти мо баҳраҳои фаровон андӯхтааст, то бо тозатарин шеваҳо ин суннатҳои барҷастаи адабиро идомат бахшад.

Таваҷҷуҳ ба ашъори ба истилоҳ сапед ё мудернии Гулноз моро ба ин андеша мерасонад, ки дар ҳақиқат ӯ таҷрибаҳои шоистае дар ин арса аз худ ба намоиш гузоштааст. Маълум аст, ки имконоти шеъри сапед дар ифодаи тафаккури шоирона ва дидгоҳҳои фалсафиву иҷтимоии суханвар бештар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, Гулноз низ дар партави андешаҳои фалсафӣ, тасвири манозири табиат ба хотири ифодаи афкори худ аз ин имконот фаровон ва ба таври зарурӣ ба кор гирифтааст. Дар шеъри “Нушобаи тағйири ашкол”, ки аз ҷумлаи ин навъ шеъри шоир ба шумор меравад, ин вежагӣ ва истифодаи муфид аз имконоти шеъри нав ҷилваи равшан дорад. Ҳатто руҷуъ ба таркиби унвони шеър ҳам хонандаро ба андеша водор мекунад, ки ин кадом нӯшобае аст, ки инсониро метавонад, ба тағйирот рӯ ба рӯ намояд. Вақте ба худи шеър мурур мешавед, посух ба ин суоли фалсафӣ пайдо мешавад:

Ин  
нӯшобаи тағйирии ашкол аст.  
баъди ҷуръае нӯшидан аз он  
чанд лаҳза  
тарҳи зебои кабӯтарро  
ба худ гирам.  
ва пешорӯи ту,  
дар моварои panҷара  
ором биншинам,  
ба шакли ҷоизи паррандае бас зебову бас маъсум...[14,129]

Ин ҷо дар заминаи тасвири шоирона ё ҳатто сужаи хаёлии муаллифи шеър мо ба он суол посух меёбем, яъне пеш аз ҳама вусъати хаёли шоирона дар шеъри сапед бемисл аст. Шоир ин ҷо худ ба худ дар бораи нушобае руъёӣ, ки дар адабиёти куҳани мо бо номҳои “оби ануша”, “обе, ки аз гиёҳи ҳаома” таҳия мешавад ва дар адабиёти ирфонии мо ҳамон “майи арғувонӣ” ё “бодаи илоҳӣ”-ро мегирад, сухан мекунад, ки қудрат дорад, вуҷуди инсонро тағйир диҳад.

Ҳамакнун Гулноз фаротар аз ин андешаҳо дар ҷаҳони фикрии хеш аз нушобае сухан мекунад, ки шакли зоҳирии инсонҳоро тағйир медиҳад ва ӯ мехоҳад тавассути нӯшидани он ба паррандае ё ҳақиқат кабутаре моно гардад, то паси панҷараи маҳбуб бинишинад, то ба сӯи васл роҳ кушояд.

Ин ошиқи сурати парандагирифта дар минқори худ хуршеде дорад, ки мехоҳад ба рӯи мизи ошиқ бигузорад. Ин ҷо дар баробари он ки ҳолу ҳавои ошиқонаи сурати орифона касб намуда, тасвир мешавад, шеъри сапеди шоир як тарҳи куллии сужаи хаёлиеро ҳам соҳиб гардидааст, ки маҳсули андеша ва тахаюли суханвар ба шумор меравад. Ҷолиб он аст, ки ҳарчанд тахайюлоти шоирона дар ин суруда нуфуз дорад, аммо пушти панҷара нишастани кабутар, рӯи миз гузоштани хуршед ва амсоли ин бозтоби рӯҳияи замонӣ ва ба истилоҳ мудернияти каломи суханварро муҷассам мегардонанд.

Шоир суханашро ба он ҷамъбаст мекунад, ки ҳарчанд ман сурати парандаеро дарёфтаам аз асари нӯшидани нушобаи тағйири шаклкунанда, аммо ба маҳбуб мурочиат карда мегӯяд, ки ҳеҷ маро намешиносӣ ва аммо ман ҳам наметавонам дигар ба асли худ баргаштан:

Маро зинҳор нашносӣ,
Ки дигар ҳеҷ натвонам
Ба асли хеш баргаштан... [14,129]

Руҷуи шоир ба параида беҳикмат нест ва ҳамоно моро ба хаёли достонҳои маъруфи марбут ба парандагон мебарад, яъне ба таъбири дигар ин шеър сурати мудернии ҳамон достонҳои парандагони Аттору дигар суханварони мост, ки дар симои онҳо инсони солик ва роҳрави тариқат

манзур аст. Ин паранда рӯҳи инсони солик аст, ки ба сӯи асли хеш ҳаракат дорад. Дар идомаи ҳамин рамзпардозии классикӣ шоир Гулноз низ сурати худ, яъне инсони ошиқро ба кабутаре медароварад, ки ба самти маҳбуб ҳаракат мекунад ва рӯи мизи ӯ хуршед, яъне ишқро мегузорад. Ҳамин тағйири шакл ё ба сурати паранда даромадани инсон навъи дигари акси шахсиятбахшӣ аст, дар шеър парадокси зебоеро метавонад эҷод кунад. Ҳадафи аслии шоир тавассути ин тарзи ифода ва тасвирсозӣ ҳамоно тафсири ҳолати равонии инсон ба шумор меравад.

Дар шеъри дигари суханвар, ки номи "Садоямро бароят ҳадя хоҳам кард" низ ҷилваи мудернии афкори шоир муҷассам мегардад. Он ҷо ки шоир равшан ишорат мекунад, ки:

Гуфта будӣ: "Дӯст медорам садоятро"
Кошкӣ! [14,131]

Ҷавҳари аншедаи шоирона ва тасвири он ба ҷилва меояд. Яъне, ҳамин лутфу инояти маҳбуб аст, ки ба шоир нерӯ ато мекунад, то ба таъбири худи вай "Иқтидори руҳпайдои садояшро" дар диске сабт намояд. Шунидани ин садост, ки бар асоси он бодҳо маҳзун мешаванду обҳо мазмун мегиранд:

Иқтидори рӯҳпаймои садоямро
Ба диске сабт хоҳам кард.
То аз ин ово
Бодҳо маҳзун шаванд,
Обҳо мазмун шаванд,
Чашмҳо ҷӯи равони хун шаванд [14,131].

Ин ҷо дар баробари тасвири таъсири садои саршори ишқ ва сарчашмаи муҳаббат эҳсос мешавад, ки агарчӣ тарҳи шеър мудернӣ аст, аммо корбурди вожаҳои маҳзун, мазмун ва хун навъе қофия ва радиф шуда омада, дар таркиби ин навъи шеърӣ ҷой гирифтани аносири шеъри суннатиро ҷилвагарӣ мекунанд. Ин албатта аз ҳунари шоирии Гулноз дар муҷассам намудани аносири шеъри суннатӣ дар таркиби шеъри нав маҳсуб меёбад.

Дар ниҳояти шеър ҳам шоир ҷамъбасти ҷолибе аз тарҳи кулии матолиби хеш мекунад, ки:

Ман садоямро бароят ҳадя хоҳам кард.

Бесадо як умр хоҳам монд [14,131].

Ин ҳам як тарҳи ҷолиби тасвири сидқу ихлосу иродат аст, ки дар умум бофти қавӣ ва мустаҳками шеъри навро нишон медиҳад, зеро агарчи шеър бо ҳамон ҷумла оғоз мешавад, ки гуфта будӣ: "Дӯст медорам садоятро", натиҷагирии шоир ҳам посух ҳам ҳамин муҳаббати маҳбуб аст, яъне агар ки ту дӯстдори садоям ҳастӣ, пас ман садоямро бароят ҳадя мекунам ва умре бесадо хоҳам монд. Ин баёнот шореҳи садоқати фаротар аз муҳаббати маҳбуб аст, ки дар қобили шеъри нав бо таҷассуми олитарин эҳсоси инсонӣ баён шудааст. Ҳамин садоро ҳадя карда ва як умр бесадо мондан ҳам шевае аз баёни парадоксӣ аст, чун ҳолу ҳаво ва ҳисси отифии инсонро тафсир мекунад.

Дар достони "Сафаре дар харитаи ёд"-и Гулноз бошад тасвири барҷастаи парадоксӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ҷанбаҳои балоғии онҳо қавӣ ба назар мерасанд. Хосатан, корбурди саноеи ташхис, муболиға дар ин тасвирҳо ҷилваи равшан доранд. Он ҷо ки мегӯяд:

Хонаам

Болотар аз тоҷи сапеди кӯҳ,

Поёнтар зи ҳавзи моҳ,

Овеза дар ҳеҷ аст [15,12].

Дар назари аваал, болотар аз тоҷи сапеди кӯҳ будани хона худ як баёне ғайримунтазир аст, вале агар ба умқи матлаб андеша кунем, маълум мешавад, ки сухан аз шинохти асли инсон меравад. Хонаи аслии инсон воқеан болотар аз ҳамаи ин мавҷудот, олами улвист. Ин баёни парадоксӣ дар охири ин тасвир, яъне овеза дар ҳеҷ будан равшантар мегардад, ки асли инсонро ба адам мепайвандад. Ба ибораи дигар, ҳамон ифодаест, ки инсон аз адам офарида шудаву ба он бармегардад.

Дар шеъри “Аз паси садо” дар маҷмӯаи чатри наҷоти садо шоир вақте таъкид мекунад, ки дар осмон хобидам, маълум мешавад, ки ҳиссе шоирона аст ва дар асл ин амалкард ғайриимкон мебошад, вале ҷанбаи парадоксӣ касб намудани тасвири ӯ, яъне хобидан дар осмон назокати каломи суханварро барҷаста таҷассум намудааст:

Дар шеър пайдо шудам,
Дар дарё гиристам.
Дар дашт андешидам,
Дар осмон хоб хоҳам кард [15, 48 ].

Муроҷиат ба чанд шеъри сапеди шоир Гулноз худ гувоҳи равшани таҷрибаҳои ҳунарии барҷастаи суханвар дар ин навъи шеърӣ маҳсуб мешавад, ки саршор аз тафаккури шоирона, тасвири нодир ва андешаҳои баландпарвозанд. Муҳим он аст, ки дар баробари дигар анвои шеърӣ Гулноз дар шеъри сапед низ ба ҷустуҷуи роҳу шева ва сухани худ аст, ки тафсир ин ду сурудаи ҷолиби таваҷҷуҳи вай ҳақиқати ин андашаҳоро ҷилвагар месозад.

Гулноз чун дигар бонувони суханвари адабиёти имрӯзи тоҷик, ки намунаҳои ашъорашон рафт, беҳтарин суннатҳои хоссаи навъи ғазалро аз адабиёти классикии тоҷик бо фарогирӣ ва омӯзиши мероси суханварони гузаштаи мо давом дода, дар ин замина ба эҷоди ибтикор ва тозакориҳои ҳунарӣ низ даст ёфтааст. Тазмини ашъори суханварони барҷастаи адабиёти гузаштаи мо чун Саъдиву Бедил дар ғазалиёти Гулноз дар навбати аввал ҳамин суннатгароӣ ва иқдом дар идомаи беҳтарин суннатҳои ғазали классикиро дар сурудаҳои вай бозтоб мебахшад. Дар ғазали зайли шоир Гулноз тазмини як мисраи Шайх Саъдӣ худ гувоҳ бар ҳамин файзгириҳо ва давомбахшии муҳимтарин анъанаҳои ғазали гузаштаи мо маҳсуб меёбад:

Ту ҳамунӣ, ки аз ин панҷара берун набароӣ,
“Ту бузургиву дар оинаи кӯчак нанамоӣ” [14, 174].

Маълум аст, ки мисраи дувуми ин байти мақтаи ғазали Гулноз моли Саъдист ва муаллиф ба он низ дар ҳошияи ғазал ишорат карда. Аз ин ҷо, ки мисраи мазкур дар матлаи ғазал омада, дар навбати аввал маълум мешавад,

ки ин ғазал бо ҳамон вазн ва қофияву радифи сурудаи Шайх Саъдӣ ба қалам омадааст. Агарчи худ ҳамин истиқбол аз муҳимтарин унсурҳои сохтории ғазал навъе идомаи суннатҳои шеъри классикиро дар сурудаи мазкури Гулноз бозтоб мебахшад, вале мурур ба дигар аз аносири дигари шеърӣ аз он паём мерасонад, ки шоир дар навбати аввал ҳарчанд шеваи суханварони гузаштаро истиқбол мекунад, вале дар умум ба тозакориҳое низ чӣ аз нигоҳи ҳунарӣ ва чӣ аз назари корбурди дигар воситаҳои тасвири бадеӣ иқдом менамояд. Масалан, дар ду байти баъдии ин ғазал эҷоди таркиби шоиронаи “шаршараи ҷон”, “саҳаргаҳ зи само рехтани шаршараи ҷон”, “партави борони таҷаммул”, “сурате рехтани партави борони таҷаммул” ва амсоли ин дар баробари ба хотир овардани шеваҳои таркибсозии шоирони сабки ҳиндӣ навъе пайванд доштан ба рӯҳияи замони имрӯзро собит месозанд:

Ман аз ин шаршараи ҷон, ки саҳаргаш зи само рехт,
Боз донистаам онро, ки чу хуршед бароӣ.
Сурате рехт дар ин партави борони таҷаммул,
Ки миёни гираҳу қатра ту гаҳ- гаҳ бинамоӣ [14,174].

Мусаллам аст, ки Шайх Саъдӣ намояндаи сабки ироқӣ дар адабиёти классикии тоҷик ба шумор меравад. Замоне ки Гулноз аз қолаби ғазали Саъдӣ истиқбол мекунад, худ таваҷҷуҳи хосаи вайро ба идомаи суннатҳои шеъри гузашта бозгӯи менамояд, вале корбурди шеваҳои таркибсозӣ ва таъбирофаринии сабки ҳиндӣ дар ғазали ба истиқболи шоири сабки ироқӣ суруда худ иқдоме дар тозакориҳои шоирро бозгӯӣ мекунад. Таваҷҷуҳ ба шеваи иборасозӣ дар байтҳои дигари ин ғазал нишонгари он аст, ки корбурди восита ва ё образҳои махсуси замони муосир дар ғазал барои офариниши таркибҳои шоир рӯҳияи навгароиро дар ин навъи шеъри суннатии вай боз ҳам тақвият бахшидааст. Масалан, таркибҳои “завраҳи тиллоӣ”, “соҳили ором”, “шабоҳанги ҷудоӣ”, “саҳнаи зебои тасаввур рақсидан” ва амсоли ин навъе пайванди сурудаи шоирро ба замон таҳким бахшидаанд, ки дар шумори ибтикороти навоваронаи ӯ қарор доранд:

Манаму завраҳи тиллоиву дарёи пур аз хун,

Туву як соҳили орому шабоҳанги ҷудоӣ.

Рӯи як саҳнаи зебои тасаввур ҳама шабҳо,

Бо ту рақсидаму дидам ҳунари гирясароӣ [14,174].

Яке аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарие, ки дар заминаи мурур ба ин сатрҳо нововариҳои шоирро рӯнамоӣ мекунад, ба тасвирсозиҳои хоссаи ӯ дар ғазал пайванд мегирад, ки аксари онҳо рӯҳияи замонро тафсир мекунанд. Баробари ин, тасовири мазкур тавассути баёни ҳолатҳо навъе парадоксҳо низ эҷод кардаанд, асосан ҳолатҳои отифӣ ва ҳиссии инсонро тафсир мекунад. Масалан, вақте мегӯяд, ману завраки тиллоиву дарёи пур аз хун ва соҳили ороми шабоҳанги ҷудоӣ ин ҳолат равшан мегардад, чун ин ҷо дарёи пурхун, соҳили ором ва шабонҳанги ҷудоӣ ҳамон ҳолу ҳаворо тасвир мекунад, ки дар вуҷудаш ҷилва дорад. Парадокс, вақте шоир рӯи саҳнаи тасаввур мерақсаду ҳунари гирясароиро мебинад, барҷастатар мешавад, Чун худ ҳамин вожаи мураккаби “гирясароӣ” худ баёне парадоксӣ аст, зеро нахуст маълум аст, ки сароидан ба шодӣ рабт мегирад ва ин ҷо навъе миёни он ва гиря тазоде эҷод мешавад, ки он парадокс хоҳад буд. Образофариниҳое, ки дар заминаи мурур ба аносири воқеӣ доранд, навъе сужаҳои хурдеро дар таркиби ғазал ба ҷилва меоваранд, ки маҳсули мушоҳида ва тасаввуроти худи гӯяндаи он ба шумор меравад, ки маҳз дар замони имрӯз пешоруи чашмони вай қарор дорад. Масалан, дар байтҳои болоӣ баробари мутолеа пеши назари мо нафаре савори завраки тиллоӣ, дарёи пур аз хун, соҳили ором, садои шабоҳанги ҷудоӣ ба ҷилва меояд, ки дар асл ҳолоти дарунии қаҳрамони лирикӣ, яъне худи шоирро пеши назар меоварад. Ба назар мерасад, ки бар пояи ин тасвирҳо, ки ба хотири шарҳи ҳолу ҳавои дарунии аз фироқи маҳбуб ҳосилшуда тарҳ рехтаанд, манзараҳои хоссае пешорӯи мо ҷилвагар мегардад.

Дар байти дигар бошад, боз ҳам як манзараи дигар, ки аз забони шоир тасвир меёбад, ҷилвагар мешавад, яъне саҳнаи зебои тасаввур, ки дар он рақсе бо маҳбуб ҷараён дорад, ки он омили бозтоби ҳунари тасвири ҳолати гиристан мебошад. Ибораи “ҳунари гирясароӣ” ба зоти худ ифодакунандаи тасвири парадоксӣ аст. Чун сароидан бештар хоси ҳолати шодмонист, аммо

вақте шоир гирясарой мегӯяд, ҷилваи чунин навъи тасвири бар асоси ду ҳолати ба ҳам зид ба вуҷуд оянд, ба мушоҳида мерасад.. Вожаи маъруфе, ки дар фарҳанги мардумӣ фаровон ба кор меравад, яъне “зиндаҷудоӣ” низ дар байти дигари ин ғазал ҳамчун тасвири парадоксӣ ба кор рафтааст:

Ҷӯи покиву манам сояи як шохаи сабзе,

Дар ту мемонаму бе тустам аз зиндаҷудоӣ [14,174].

Дар ин ҷо ибораи “дар ту мемонаму бетустам” низ ҳамоно навъе баёне парадоксӣ аст, зеро “бо ҳам будан дар бетуӣ” зоҳиран ҳоле мутазод аст, вале баёне шоирона дар шарҳу тафсири ҳолу ҳавои ошиқона ба шумор меравад. Албатта, мавзуи баррасии ин навъ тасовир дар шеъри Гулноз баҳсе ҷудогонаро хостор аст, вале ҳамоно нуфузи чунин тасвирҳо дар ин ғазали шоир ҳамон баробар ба таркибсозӣ аз корбурди унсури дигари ҳунарии шеъри шоирони сабки ҳиндӣ дар он дарак медиҳад, ки навъе аз тозакориҳои суханвар ба шумор меравад.

Тавре ишорат шуд, дар ғазали дигаре Гулноз аз Бедил истиқбол мекунад ва тазмини мисраи ин суханвар низ баёнгари он аст, ки баробар ба пайравиҳои ҳунарӣ, шеваҳои таркибсозӣ аз қолаб ва сохтори ғазали ӯ истиқбол кардааст. Аз аввалин байти ғазали зерини Гулноз ҳамон шеваи эҷоди тасвири парадоксӣ ба чашм мерасад, ки сарчашма аз каломи Бедил гирифта, аммо тарҳи тасвири дигар доранд, ки ба коргоҳи хаёли шоир пайванд меёбанд. Дар ҳамин байти аввал худ дар навбати аввал “рехтани нигоҳ”, ки сурати ташхис дарёфтааст ва дар умум, дар таги по рехтани нигоҳ навъе аз ҳамин гуна тафсирҳоро ба вуҷуд оварда:

Вақт танг омад, нигаҳро дар таҳи по рехтанд,

Дар намози муслимин оҳанги даъво рехтанд.

Аз сукути орифона омадам то назди ту,

Заҳмати ғавғои по дар роҳи фардо рехтанд.

То баҳамистон ҷудоӣ гашт дар пиндори мо,

Васлро аз ҷони мо бар ҷони дарё рехтанд.

Осмон дар чашмҳоям мунтаҳо гум кардааст,

Ё парастуҳо таваҳҳумро ба маъво рехтанд?

Он чӣ боло буд, боло монд аз рӯзи азал,

Эътибори зиндагӣ дар пои уқбо рехтанд [14,101].

Ҳатто вақте дар боло, аввал шоир осмонҳоро ба чашми мунтаҳо гум мекунад, ҷилваи ин навъи тасвирҳо ба мушоҳида мерасад, зеро соҳили гумгаштаро ба дарё рехтан, дар асл амалест, ғайриимкон, чун соҳиле, ки гум гаштааст, вай худ мафҳуми нопайдост. Агар онро маҳсули ҷустуҷӯ ва натиҷагирии шоир ҳам бигирем, ки ба андешаи ӯ ҷустори он соҳил беҳуда бошад, чун он даруни дарё рафтааст, вале аз диди мантиқӣ соҳил ва дарё ду рукне ҳастанд, ки дар канори ҳам қарор доранд ва ҳастии ҳар ду мафҳум бе ҳам наметавонад бошад. Гумгаштагии соҳил дар асл ба адами дарё марбут аст. Аз ин хотир ба дарё рехтани он навъе парадоксро ба вуҷуд меоварад:

Шуғли тақлиди маҳ асту шоми чашмони тарам,

Шабнами шабзиндадорӣ аз дили мо рехтанд.

Дар тулӯи як гули хотир ба шаҳри номҳо,

Ахтарони осмони чашми мино рехтанд.

Оламе аз ваҳми хушкидан саропо об шуд,

«Соҳили гумгаштаи моро ба дарё рехтанд »[1]

Зиндагиям бе ман аст, аз Гул маҷӯедам дигар,

Хуни мо дар ҷӯяи рагҳои дунё рехтанд [14,189].

Таваҷҷуҳ ба матни куллии ғазал дар баробари вазну қофия аз он дарак медиҳад, ки Гулноз дар ин сурудаи хеш аз усули калимасозиҳои мураккаб, таркибофаринӣ, маънисозиҳои бедилона ба кор гирифтааст. Адабиётшинос Нуралӣ Нурзод дар пасгуфторе, ки ба китоби “Парвози дунё”-и Гулноз навиштааст, роҷеъ ба шеваҳои хоси истиқболи шоир аз Бедил чунин изҳори назар намуда: “Дар ғазалиёти Гулноз шеваи истиқбол якранг нест. Агар гоҳе дар ҷавоби ғазале аз Бедил бо таҷаддудии фикрии мудернӣ ғазале тоза месарояд ва ҳатто мисрае аз Абулмаониро тазаккур медиҳад, ҷойи дигар маъниҳое аз як байти шоирро бо ғазали тозаи хеш гӯё ташреҳ медиҳад”

[1] Мисраъ аз Бедил

[14,218]. Баъдан барои намуна бар шеваи дувуми истиқболияҳо ба ин ғазали Гулноз руҷуъ карда, ки ба қавли ӯ “дар оғоз ба ин ғазал руҷуъ мекунад ва баъдан ҳарфҳои худро ба гунае дар ташреҳи андешаҳои Абулмаонӣ изҳор медорад:

Охир зи саҷдаам араќи ҷабҳа сар кашид,
Ғаввосии муҳити адаб ин гуҳар кашид. (Бедил)

Ғазали Гулноз:

Ғаввоси ғам зи баҳри ду чашмам гуҳар рабуд,
Ин донаҳо зи ҳуққаи сурхи ҷигар рабуд.
Шамшери мо фитод ба вақти набарди тунд,
Ваҳм аз шақоват омаду аз мо сипар рабуд.
Афсонаи муҳаббати ту мебарад маро,
Сӯи ҳақиқате, ки зи Мансур сар рабуд [14,219].

Ин ҷо ҳам маълум мешавад, ки дар байти аввал, таркиби “ғаввоси ғам аз ду баҳри чашм гуҳар кашидан” тасвире пардоксӣ низ ҳаст, чун худи баҳри чашм бо сабаби он ки баҳри вусъати бузургеро соҳиб аст ва оби чашм андозаи кӯчак дорад, дар таркиби хеш ин навъ тасвире парадоксиро ғунҷоиш додааст.

Ҳамин тариқ таваҷҷуҳ ба ин ду ғазали шоир, ки яке дар истиқбол аз Шайх Саъдӣ ва дигаре ба Мирзо Бедил суруда шудаанд, худ баёнгари он аст, ки Гулноз чун намояндаи насли нави шоирони муосири тоҷик дар баробари идомаи беҳтарин суннатҳои ғазали классикӣ дар тозакориву тозагӯиҳо иқдом мекунад. Дар навбати аввал, агарчӣ ба шеъри шоири намояндаи сабки ироқӣ аз диди қолаб ва сохторӣ пайравӣ мекунад, вале корбурди аносири таркиб ва тасвирсозии сабки ҳиндӣ, инчунин нуфузи баёноти парадоксӣ худ ибтикоре дар навовариҳои ҳунарии вай маҳсуб меёбад. Дар канори ин, аносири тасвири офаридаи шоир аз ҷузъиёти зиндагонии замони худи вай сарчашма гирифта, тарҳ ва манзараву ҳатто сужаҳои хурдеро дар таркиби ғазал ба хотир меоваранд, ки ҳамагӣ ба дидгоҳҳои нав ва талошҳояш дар таҷаддуди ҳунарии ғазал таъкид меварзанд. Умедворем, ки таҳқиқ дар ҷанбаҳои дигари

ғазалиёти Гулноз барои муаррифии ҳар чӣ беҳтари арзишҳои адабиву бадеии ин навъи сурудаҳои ӯ ва бозтоби ҳунари шоирии вай дар ташаккули суннатҳои хоси ғазали классикӣ ва навовариҳо дар он мусоидат хоҳад намуд.

Дар баробари жанри ғазал дар дигар навъҳои шеъри ғиноӣ, аз ҷумла рубоӣ ва дубайтӣ низ Гулноз таҷрибаҳои хуби шоиронае дорад, ки дар онҳо ҷилваҳои зебои тасвири парадоксиро ба мушоҳида мегирем. Аз ҷумла дар як рубоии ӯ, ки ҳатто худаш онро “Чашм” унвон намудааст, ибораи “Шоҳи бе сипоҳ оламгир” ҳамин гуна як навъ тасвири парадоксист. Албатта, манзури шоир ҳамин чашм аст, ки худ ба танҳои метавонад бидуни восита ҷаҳонро ба тамошо гирад, аввал вақте шоир масал мезанад, дар зоҳири баён навъе тасвири парадоксӣ ҳосил мешавад:

Хобид шабон, ки ранги шаб дилгир аст,
Во гашт саҳар, ки дидани он дер аст.
Аз ранги шабу саҳар бувад хилъати ӯ,
Шоҳест, ки бесипоҳ оламгир аст [15, 52].

Дар маҷмуъ, ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри бонувони даврони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба таври барҷаста ошкор аст, зеро дар навбати аввал имрӯз бонувоне чун Гулрухсор, Фарзона, Гулноз ва дигарон барои ҷараёни куллии шеъри имрӯзи тоҷик таъсиргузоранд ва ҳатто вижагиҳои ашъори эшон барои муайян намудани муҳимтарин хусусиятҳои шеъри тоҷикии замони истиқлол таъсиргузор аст. Дар баробари ин, таҷассуми тасвири парадоксӣ дар шеъри бонувони суханвари муосир баёнгари он аст, ки муҳимтарин суннатҳои ҳунарии шеър дар каломи ин шоирон ҷилвагар буда, талошу кӯшишҳои онон барои такмили ҷанбаҳои ҳунарии шеър тавассути корбасти муҳимтарин воситаҳои тасвири бадеӣ, аз ҷумла худи тасвири парадоксӣ нақши пуртаъсир гузоштааст.

# ХУЛОСАИ БОБИ САВУМ

Дар натиҷаи баррасиҳои илмии анҷомёфта дар боби савуми диссертатсия маълум гардид, ки адабиёти тоҷикии даврони истиқлол бо назардошти таҳаввулоти фикриву маънавӣ аз ҳар ҷиҳат ташаккул ёфта, дарунмоя ва сохтору муҳтавои шеър ғанӣ гардид. Бо назардошти он ки дар давоми бештар аз си соли истиқлоли миллии Тоҷикистон шоирони муосир равишҳои мухталиферо дар аз ҷараёни эҷоди хеш пайгирӣ намуда, равандҳои адабиёти муосирро қувват бахшиданд, се насли адабии давраи навро бар асоси суннатҳои адабӣ ва падидаҳои ҳунарии ашъори онҳо ҷудо намудан мумкин аст. Дар ҷараёни таҳаввули мундариҷа, сохтор ва ҳунари шоирӣ нақши тасвирҳои парадосӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Шоирони муосири тоҷик барои эҷоди ашъори ҷаззоб ва рангин, ғанои мундариҷа, сабки баён, таҳаввулоти маъноии ашъори хеш аз тасвирҳои парадоксӣ ҳамчун як унсури муҳими фасоҳатбахши калом ба кор гирифтаанд. Ҳатто, насли ҷавоншоирони муосир, ки тоза ба майдони адабиёти тоҷик қадамҳои собит ва устувор гузошта, намунаҳои ашъорашон дар маҷаллаи адабии кишварҳои форсизабон низ нашр гардида, мавриди эътирофи ноқидон ва донишмандони ҳавзаҳои мухталифи нақди адабии шеъри имрӯз қарор гирифтааст, дар баробари дигар падидаҳои ҳунарии шеъри классикӣ дар идомаи ин суннати барҷастаи адабӣ низ талош намудаанд. Ҷилваҳои ҷолиби тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори шоирони ҷавони насли имрӯз, чун Нусратулло Бобоев, Баҳроми Раҳматзод, Бузургмеҳри Баҳодур, Толиби Луқмон, Муҳриддин Сабурӣ, Бузургмеҳри Тоҷиддидин, Бузургмеҳри Ҳаким ва дигарон аз идомаи равишҳои қобили мулоҳиза ва падидаҳои ҳунарии шеъри шоирони наслҳои қаблии адабиёти муосир паём мерасонад.

Аз ҷараёнҳои қобили мулоҳизаи шеъри замони истиқлоли миллии Тоҷикистон ашъори бонувони суханвар ба шумор меравад. Бояд эътироф намуд, ки дар ин давра раванди хоси шеъри бонувони шоир бо тарҳ ва шаклу сурати муайян таҳаввул пазируфт, ки дар дигар давраҳои адабиёти гузаштаи мо чунин пешрафт ба мушоҳида намерасанд. Ҳарчанд дар бобҳои дигари

рисола ашъори доираи муайяни шоирони суханвар аз ҳисоби бонувон дар мисоли Гулрухсор, Фарзона, Адиба, Гулноз ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, дар ин боби диссертатсия бо назардошти саҳми арзандаи бонувони шоир дар таҳаввули шеъри имрӯзи кишвар шеъри эшон аз нигоҳи бозтоби тасвирҳои парадоксӣ ба таври алоҳида муқаррар шудааст. Дар заминаи таҳқиқ муайян шудааст, ки саҳми бонувони суханвари тоҷик дар рушди ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷик, аз ҷумла корбурд ва эҷоди тасвирҳои парадоксӣ дар мисоли намунаҳои ашъори Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз хеле муассир аст. Нашри маҷмӯаи ашъори ҳар се бонувони суханвар дар кишварҳои форсизабон, инчунин тарҷумаи онҳо ба забонҳои русӣ ва англисӣ барои муайян кардани ҷойгоҳи ин шоирони тозакору тозаэҷод ва навназари адабиёти муосири мо муҳим арзёбӣ мешавад. Аз сӯи дигар, баррасии тарҷумаҳои ашъори шоирони кишварҳои дигар, ки ба қалами ин бонувони суханвари мо, аз ҷумла, Фарзона тааллуқ доранд, маълум месозад, ки дар аксари маворид матни тарҷумашуда бо назардошти фарогирии падидаҳои нодири ҳунарӣ, махсусан, тасвирҳои парадоксӣ қобили мулоҳиза ва таваҷҷуҳи хоса буда, нисбат ба матни он дар забони асл афзалиятҳои муайян доранд.

# ХУЛОСАҲО

## I. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқу баррасии ҷойгоҳи парадокс дар шеъри муосири тоҷик муқаррар месозад, ки бо таҳаввулоти ҳунариву мавзу ии шеъри имрӯз дар замони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷанбаҳои бадеии ашъори шоирон аз ҳар ҷиҳат рӯ ба ташаккул оварда, дар маҷмуъ падидаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷик афзун гардидаанд. Яке аз муҳимтарин рукнҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷик корбурди тасвири парадоскӣ ба шумор меравад, ки дар заминаи идомаи суннатҳои шеъри куҳан такмил ёфтааст. Баррасии куллии тасвири парадоксӣ дар шеъри муосир моро ба натиҷаҳои муайяне мерасонад, ки онҳоро ба ҳукми хулосаҳои тадқиқоти анҷомдода чунин зикр менамоем:

1. Истиқлолияти миллии Тоҷикистон барои рушди тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти кишвар, аз ҷумла вазъи адабӣ заминаҳои мусоиде фароҳам овард, ки бар асоси он равандҳои тозае дар шеъри муосири тоҷик ба вуҷуд омаданд. Вобаста ба авзои сиёсии кишвар доманаи баррасиҳои мавзу ии шеър ҳам рушд ёфта, оини ватандорӣ, тараннуми сулҳ ва нигоҳе дигар ба мавзу и ваҳдат ва ваҳдати миллӣ ба унвони тозатарин мавзу оти шеъри имрӯз ҷойгоҳи хосаи хешро пайдо намуданд [1-**М**; 5-**М**].

2. Ҳарчанд муҳимтарин суннатҳои адабиёти классикӣ дар ин давра низ идома ёфтанд, аммо мулоҳиза мешавад, ки ҳанӯз аз солҳои шастум ва ҳаштодуми асри XX сар карда, дар қаламрави шеъри суннатии мо падидаҳои тозаи ҳунарӣ рӯ ба инкишоф оварда, навовариҳои шоистае дар қолиби ин навъ ашъор ҷилвагар шуданд. Ба назар мерасад, ки бар асари таъсири идеологияи замони Шӯравӣ як андоза то солҳои шастум суннатгароӣ, ҳатто, мавриди интиқод ҳам қарор гирифта, то ҷое дар ашъори шоирон падидаҳои шеъри гузашта ё суннатҳои шеърии хоси адабиёти классикӣ аз миён мерафтанд. Вале бо ин ҳама таваҷҷуҳи амиқ ба муҳтаво ва мундариҷаи шеъри тоҷик дар ин давра, инчунин анҷоми тадқиқот дар заминаи арзишҳои ҳунарӣ муқаррар месозад, ки муҳимтарин суннатҳои шеъри гузашта бо шеваи ба худ хос идома кардаанд [2-**М**; 6-**М**].

3. Тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик идомаи яке аз суннатҳои хоси шеъри классикӣ ба шумор меравад, зеро ба назар мерасад, ки ин навъ тасвирҳо асосан дар қаламрави сабки ҳиндӣ бештар такомул ёфта, зимнан ба адабиёти давраи нав низ бар асоси таъсири ҳамин сабки адабӣ нуфуз касб кардааст [5-**М**; 7-**М**].

4. Баҳсу баррасиҳои анҷомдода дар заминаи ташаккули шеъри тоҷикӣ дар давраи Шӯравӣ баёнгари он ҳастанд, ки унсурҳои тасвири парадоксӣ новобаста ба камбудӣ дар ҷанбаҳои ҳунарии шеър, дар намунаҳои ашъори шоирони маъруф дида мешаванд. Чӣ дар намунаҳои суннатии шеър ва чӣ дар достонҳои устод Мирзо Турсунзода мо ба зуҳури тасвири парадоксӣ дучор меоем, ки дар баробари ҷилвагар намудани падидаҳои ҳунарии шеъри ӯ аз идомаи шоёни суннатҳои шеъри классикӣ паём мерасонад [7-**М**].

5. Дар давраҳои баъдӣ, хоса солҳои 60-ум ва 80-уми асри XX бо зуҳури чеҳраҳои нав ва дигаргуниҳои адабӣ равандҳои тозае дар шеъри тоҷикӣ ба вуҷуд омад. Ба майдони адабиёт қадам ниҳодани Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва шоирони дигари тозаназар ва андешапарвар омил бар он гардид, ки ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосир рӯ ба тақвият оваранд, ки дар натиҷа баробар ба дигар аркони шеърӣ, бунёди тасвири парадоксӣ низ ҳамчун суннати адабиёти пешин рӯ ба такомул оварад [3-**М**; 4-**М;** 6-**М**].

6. Истиқлоли сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX барои ба вуҷуд омадани тамоюлҳои нави адабиву фарҳангӣ сабаб гардид. Дар натиҷа шеъри тоҷикӣ низ тамоюлҳои нави эҷодӣ касб намуда, муҳимтар аз ҳама, аз маҷмуи маҳдудаҳои фикрӣ раҳоӣ ёфт. Хосатан, шеъри нав ва ё сапед барои корбурди тасвири парадоксӣ барои шоирон имконоти пурвусъатеро фароҳам овард, ки намунаҳои зиёди ашъори шоирони тоҷик, бар ин гувоҳ аст [2-**М**].

7. Ҳарчанд аз истиқлоли миллии мо 30 сол сипарӣ мешавад, аммо вобаста ба таҳаввулоти маънавӣ ва ҳунарии шеъри тоҷикӣ метавон се насли адабиёти муосири тоҷикро зикр намуд, ки вобаста ба он дар марҳилаи аввал ҳамон насли гузаштаи онҳо, ки дар саргаҳаш устодони адабиёти тоҷик

Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ ва дигарон қарор доранд [9-**М**]

8. Насли дувуми шеъри даврони истиқлол ҳамоно бо номи шоирони тозаназару нововар чун Фарзона, Озарахш, Рустами Ваҳҳоб, Суруш, Озар, Давлати Раҳмониён, Гулноз, ва дигарон пайванд мегирад, ки воқеан барои ташаккули ҷанбаҳои ҳунарии шеър нақши муассир гузоштанд [3-**М**; 5-**М;** 8-**М**].

9. Дар даҳсолаи дувуми қарни XXI насли нави шоироне ба арсаи адабиёти миллии мо қадам гузоштанд, ки роҳи наслҳои пешинро давом доданд. Шоирони ҷавоне чун Дилором, Бузургмеҳри Баҳодур, Фирдавси Аъзам, Баҳроми Раҳматзод, Бузургмеҳри Тоҷиддин, Толиби Луқмон ва дигарон мебошанд, ки марҳилаи нави таҳаввули маънавии шеъри имрӯзи тоҷикро ташаккул мебахшанд [6-**М**].

10. Дар шеъри муосири тоҷик як тамоюли тозаи эҷодӣ вобаста ба инкишофи шеъри бонувони суханвар пайванд дорад. Ҳузури Гулрухсор, Фарзона, Меҳринисо, Шаҳрия, Гулноз ва дигарон баёнгари он аст, ки саҳми ин бонувони шеърпарвар дар ташаккули раванди куллии адабиёти муосири тоҷик муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, имконияти он мавҷуд аст, ки шеъри бонувони суханвари замони истиқлоли Тоҷикистон ба унвони як мактаб ё ҷараёни хосаи пурнуфузи адабӣ дар ҳамаи тамоюлҳо, аз ҷумла ҷойгоҳи парадокс дар сурудаҳои онон баррасӣ гардад [1-**М**; 3-**М**].

11. Фарзона на танҳо тавассути ашъори ҷаззоб ва ибтикораш дар шеъри имрӯзи тоҷик муҳимтарин суннатҳои адабиро давом бахшидааст, балки дар тарҷумаҳои ӯ хусусиятҳои барҷастаи шеъри тоҷикӣ, аз ҷумла падидаҳои ҳунарии шеър ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми муқоисаи тарҷумаҳои анҷомдодаи Фарзона бо матни аслии ашъори шоироне чун Анна Ахматова, Абай ва дигар маълум гардид, ки дар раванди тарҷумаи бадеӣ муҳимтарин аркони ҳунарии шеъри тоҷикӣ дар онҳо ҷой дорад, ки он падидаҳои ҳунарии шеърро дар матни аслии ашъори мазкур ба мушоҳида намегирем [3-**М**; 8-**М**].

12. Дар идомаи роҳи ташаккули шеъри тоҷикии даврони истиқлоли тоҷик низ нақши бонувони суханвар дар инкишофи адабиёти тоҷик назаррас аст. Дар навбати аввал, бо итминон метавон изҳор дошт, ки шояд дар ягон давраи таърихӣ саҳми бонувони суханвар ба ҳадде равшану барҷаста дар ташаккули авзои адабӣ, онгуна ки дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон нуфуз дорад, ба мушоҳида намерасад. Хушбахтона, дар идомаи роҳи бонувони суханвари маъруфе чун Гулрухсор, Фарзона, Шаҳрия, Зулфия Атоӣ, Гулноз бонувони ҷавони суханваре чун Дилором, Сурайёи Ҳасансултон ва дигарон ҳунари шоирии хешро ба таври барҷаста ба намоиш гузошта истодаанд. Дар диссертатсия барои таҳқиқи ин раванди муҳими шеъри муосири тоҷик, яъне нақш ва саҳми бонувони суханвари имрӯз дар ташаккули падидаҳои ҳунарии шеър, аз ҷумла тасвири парадоксӣ дар мисоли ашъори се тан аз онҳо- Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз мавриди баррасӣ қарор гирифт [2-**М**; 3-**М**; 8-**М**].

13. Дар шеъри муосири тоҷик шеваҳои хоси эҷоди тасвири парадоксӣ ба чашм мерасад, ки муҳимтарини онҳоро ба таври умумӣ шахсиятбахшии ашёву мафоҳим, тазоду муқобила, ҳиссомезӣ, муболиға, тасвири отифаҳои равонӣ ва ҳиссии инсон метавон ба шумор овард. Агарчӣ барои эҷоди ҳаргуна тасвирҳо нақши асосиро воситаҳои тасвир, яъне санъатҳои бадеӣ мебозанд, дар навбати аввал барои эҷоди тасвири парадоксӣ низ ин амр муҳим аст, чун дар меҳвари ин навъ тасвирҳо пеш аз ҳама саноеи тазоду муқобила, ташхис, муболиға, иғроқ нақши асосӣ доранд. Вале дар ҳолати баёни ҳолатҳои отифӣ ё тасвири ҳолатҳои дарунӣ гоҳо шоирон метавонанд, сухане бо ҳамон тарзе баён кунанд, ки агарчӣ дар онҳо воситаҳои бадеии тасвир ҷой надоранд, аммо баёне парадоксӣ дида мешавад [6-**М**; 9-**М**].

14. Яке аз хадафҳои аслии эҷоди тасвири парадоксӣ таъмини ҷаззобияти сухан ва таъсирбахшии он ба шумор меравад. Мусаллам аст, аксар ҳолатҳое, ки тавассути корбурди тасвири парадоксӣ ё ба вуҷуд овардани чунин анвои тасвирҳо истифода мешаванд, ба аҳволи отифӣ ва ҳолати дарунии инсон пайванд доранд. Шоирон танҳо ба василаи корбурди чунин тасвирҳо

метавонанд, матолибе ё ҳолатҳоеро тасвир кунанд, ки дар рӯзгори ҷорӣ ва воқеӣ тасаввур кардани он ғайриимкон аст [4-**М**; 6-**М**; 9-**М**].

## II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Хулосаҳои илмӣ ва натиҷаҳои аз тадқиқот ба даст омада, дар оянда имкон дорад, ки барои анҷоми корҳои зерини пажуҳишӣ ва таълимиву методӣ истифода бурд:

1. Нигориши китобҳои дарсӣ ва таҳқиқотӣ вобаста ба таърихи адабиёти замони истиқлол. Мусаллам аст, ки ҳарчанд аз истиқлолияти давлавтии Тоҷикистон сӣ сол сипарӣ шудааст, ҳанӯз китобе мустақилона роҷеъ ба таърихи ин давраи адабиёт ба қалам наомадааст ва зарурати иншои чунин китоб мавҷуд аст. Ҳарчанд китобҳои ҷудогонае бо номи “Таърихи адабиёти муосири тоҷик”, “Адабиёти тоҷикӣ дар қарни бистум”, “Назму наср дар замони истиқлол” ба қалам омадаанд, аммо ба мушоҳида мерасад, ки ҳанӯз маҷмуи масоили марбут ба рушди шеъри муосири тоҷик дар ин таълифот таҷассум надорад.

2. Барои навиштани китоби илмӣ дар бораи вазъи шеъри даврони истиқлоли Тоҷикистон.

3. Натиҷаҳои илмии тадқиқот барои иншои рисолаҳои мустақили илмӣ дар бораи вижагиҳои ҳунарии шеъри замони истиқлол.

4. Имрӯз вобаста ба ташаккули ҷараёни шеъри бонувони суханвар дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст, ки ҳосили таҳқиқоти анҷомёфта, барои таҳқиқу баррасии муҳимтарин вижагиҳои шеъри занони ин давра ба кор бурда мешаванд.

5. Аз рӯи натиҷаҳои диссертатсия дар ҷараёни таълими таърихи адабиёти муосири тоҷик дар факултетҳои филологияи тоҷики донишгоҳҳои олии кишвар.

6. Маводи рисоларо барои таълифи рисолаҳои хатм, магистрӣ ва корҳои курсӣ низ истифода кардан матлуб аст.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. САРЧАШМАҲО

### а) Бо забони тоҷикӣ

1. Абулҳай, Ховар. Паймон дар андеша [Матн] / Х. Абулҳай.– Душанбе: Эр-граф, 2018.– 108 с.
2. Азизиён, Нарзулло. Аз гил то гул [Матн] / Н. Азизиён.– Хуҷанд: Ношир, 2008.– 133 с.
3. Азизиён, Нарзулло. Сояҳои офтобӣ [Матн] / Н. Азизиён.– Душанбе: Деваштич, 2007.– 110 с.
4. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт [Матн] / Садриддин Айнӣ. –Душанбе: Ирфон, 1981.– Ҷ. 8.– 522 с.
5. Ахматова, Анна. Шеърҳо [Матн] / Тарҷумаи Фарзона.– Хуҷанд: Ношир, 2008.– 112 с.
6. Билгиромӣ, Мирғуломалии Озод. Ғизолон-ул-ҳинд [Матн]: Мутолеаи татбиқии балоғати ҳиндӣ ва форсӣ / Тасҳеҳи Сируси Шамисо.– Теҳрон: Садои муосир, 1382.– 176 с.
7. Бобоев, Нусратилло (Тилло). Лолаи боми Ватан [Матн] / Н. Бобоев.– Душанбе: Авранг, 2021.– 216 с.
8. Гулназар. Лангар [Матн] / Гулназар.– Душанбе: Ирфон, 1984.– 224с.
9. Гулназар. Лолаҳо дар ёлаҳо [Матн] / Гулназар.– Душанбе: Бухоро, 2017.– 160 с.
10. Гулназар. Паҳно [Матн] / Гулназар. –Душанбе: Ирфон, 1998.– 240 с.
11. Гулназар. Ҳар мисраи шеър Тоҷикистони ман аст [Матн] / Гулназар.– Хуҷанд, 1997.– 88 с.
12. Гулназар. Туву хубиву раъноӣ [Матн] / Гулназар.– Душанбе: Адиб, 2010.– 408 с.
13. Гулноз. Аз нигоҳ то шеър [Матн] / Гулноз.– Хуҷанд: Шах, 2005.– 79 с.
14. Гулноз. Парвози дунё [Матн] / Гулноз.– Хуҷанд: Ношир, 2008.– 224 с.

15. Гулноз. Чатри наҷоти садо [Матн] / Гулноз.– Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. Меъроҷ, 2018.– 224с.
16. Гулрухсор. Девон [Матн] / Гулрухсор. –Душанбе: Интишороти Пайванд, 2004.– 170 с.
17. Гулрухсор. Офтоб дар соя [Матн] / Гулрухсор.– Душанбе: Адиб, 2016.– 160 с.
18. Гулрухсор. Шӯъла дар санг [Матн] / Гулрухсор.– Душанбе: Адиб, 2011..– 384 с.
19. Гулрухсор. Чароғи сурхи танҳоӣ [Матн] / Гулрухсор.– Душанбе: Бебок, 2018.– 238с.
20. Ғиёсиддин Муҳаммади Ромпурӣ. Ғиёс-ул-луғот [Матн]: Иборат аз се ҷилд. Сод-Ё / Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров; Муҳаррир Ҳ. Рауфов. – Душанбе: Адиб, 1988.– Ҷ.II.– 416 с.
21. Дилором. Тӯфонҳои сокит [Матн] / Дилором.– Хуҷанд: Ношир, 2008.– 59 с.
22. Зарафшонӣ, Салим. Хунбаҳо [Матн] / Салими Зарафшонӣ. –Душанбе: Адиб, 1990.– 60 с.
23. Киром, Қутбӣ. Нафаси озод[Матн] / Қутбӣ Киром.– Душанбе: Адиб, 1992.– 336 с.
24. Киром, Қутбӣ. Чашми дил [Матн] / Қутбӣ Киром.–Душанбе: Ирфон. 1976.– 190 с.
25. Кошонӣ, Калим. Девон [Матн] / Калими Кошонӣ.– Душанбе: Дониш, 2020.– 434 с.
26. Қаноат, Муъмин. Аз бесутун то кунун [Матн] / Муъмин Қаноат.– Душанбе: Адиб, 1993.– 176 с.
27. Қаноат, Муъмин. Тоҷикистон - исми ман [Матн] /Муъмин Қаноат.– Душанбе: Маориф, 2019.– 239 с.
28. Қосим, Низом. Рамзи Ватан [Матн] / Низом Қосим.– Душанбе: Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019.– 72 с.
29. Луқмон, Толиб. Модарам меояд... [Матн] / Толиби Луқмон.– Хуҷанд: Ношир, 2019.– 120 с.

30. Маъмур, Сайидалӣ. Решапайванд [Матн] / Сайидалӣ Маъмур.– Душанбе: Адиб, 1989.– 288 с

31. Назрӣ, Раҳмат. Меҳроб [Матн] / Раҳмат Назрӣ.– Душанбе: Адиб, 1991.– 192 с.

32. Насрулло, Камол. Дар оғӯши хазонрез [Матн] / Камол Насрулло.– Душанбе: Адиб, 2018.– 256 с.

33. Насрулло, Камол. То даме лонаҳо гарманд [Матн] / Камол Насрулло.– Душанбе: Адиб, 1994.– 192 с.

34. Насрулло, Камол. Фаросӯи нигоҳ [Матн]: [Маҷмӯаи шеърҳо] / Камол Насрулло.– Душанбе: Адиб, 2007.– 228 с.

35. Наҷот, Доро. Гулҷӯшаҳо [Матн] /Доро Наҷот.– Душанбе: Сифат-офсет, 2016.– 558 с.

36. Наҷот, Доро. Меоям аз шигифт [Матн] / Доро Наҷот.– Душанбе: Адиб, 2012.– 432с.

37. Наҷот, Доро. Дар он сӯи хобҳо [Матн] /Доро Наҷот.– Душанбе: Ирфон, 1999.– 156с

38. Нурзод, Нуралӣ. Азони танҳоӣ [Матн] / Нуралӣ Нурзод.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2004.– 150 с.

39. Озар. Ирфони Ҳино [Матн] / Озар.– Душанбе: Эҷод, 2006.– 112 с.

40. Озар. Шарқ нозуксуханист [Матн] / Озар.– Душанбе: Адиб, 2019.– 240 с.

41. Озарахш. Намози мусофир [Матн]: Шеърҳо/ Озарахш.– Душанбе: Адиб, 2006.– 178 с

42. Озарахш. Девони ишқ [Матн] / Озарахш.– Хуҷанд: Ношир, 2016.– 516 с.

43. Оташ, Неъмат. Садои сабзи шукуфтан [Матн] /Неъмат Оташ.– Хуҷанд: 1999.– 63с.

44. Оташ, Неъмат. Мусофири шаҳри борон [Матн] / Неъмат Оташ.– Хуҷанд: Ношир, 2012.– 212 с.

45. Раҳматзод, Аҳмадҷон. Номаи сарво [Матн] / Аҳмадҷони Раҳматзод.– Хуҷанд: Ношир, 2008.– 362 с.

46. Раҳматзод, Аҳмадҷон. Номаи мӯҳрбанд [Матн] / Аҳмадҷони Раҳматзод.– Хуҷанд: Андеша, 2010.– 314с.
47. Раҳматзод, Баҳром. Мусиқии атр [Матн] / Баҳроми Раҳматзод.– Хуҷанд: Анис, 2012.– 60с.
48. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон [Матн] / Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам.– Олмотӣ, 2007.– 256 с.
49. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон [Матн] /Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам.– Душанбе: Бухоро, 2015.– 334с.
50. Сафар. Сафинаи сафар [Матн] / Сафар Абдураҳим.– Душанбе: Ашуриён, 2016.– 96с.
51. Сулаймонӣ, Пайрав. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Пайрав Сулаймонӣ.– Сталинобод, 1954.– 84 с.
52. Сиёвуш,Муҳаммадалӣ. Чашмаи савоб [Матн] / Муҳаммадалии Сиёвуш.– Душанбе: Адиб, 1991.– 120 с.
53. Сиёвуш, Муҳаммадалӣ. Ғамгинтар аз борон [Матн] / Муҳаммадалии Сиёвуш.– Душанбе: Фарҳангистони шеъри ҷаҳон, 2004.– 167 с.
54. Собир, Бозор. Аз ватан вақте ки мерафтам [Матн] / Бозор Собир.– Душанбе. 1999.– 64 с.
55. Собир, Бозор. Аз “Гули хор” то “Симхор” [Матн] / Бозор Собир.– Москва: Интрасдорнаука, 2003.– 256 с.
56. Собир, Бозор. Замини модарӣ [Матн] / Бозор Собир.– Хуҷанд: Ношир, 2018.– 410с.
57. Собир, Бозор. Хуни қалам [Матн] / Бозор Собир.– Душанбе: Шуҷоиён, 2010.– 132 с.
58. Соиб. Мунтахабот [Матн] / Таҳиягарон: З. Аҳрорӣ, Л. Шералӣ.– Душанбе: Ирфон, 1980.– 703 с.
59. Суруш. Салиби сафед [Матн] / Муҳаррир ва муаллифи интиқод. Нуралӣ Нуров.– Хуҷанд: Наргис, 1999.– 152 с.
60. Суруш. Ҷазираи танҳоӣ [Матн] /Абдуҷаббори Суруш.– Душанбе: Адиб, 2009.– 264с.

61. Суруш. Дарахт, сапеда ва ойина [Матн] / Абдуҷаббори Суруш.– Хуҷанд: Хуросон, 2016.– 494 с.
62. Суруш. Муҳри меҳр [Матн] / Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Р.Абдуллоев.– Хуҷанд: Меъроҷ, 2017.– 96 с.
63. Суруш. Фарёди ёдҳо [Матн] / Абдуҷаббори Суруш.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.– 152с.
64. Суруш. Ишқ аз сӯи Худост [Матн] / Абдуҷаббори Суруш.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.– 176с
65. Турсунзода, Мирзо. Шеър ва достонҳо [Матн] / Мирзо Турсунзода.– Душанбе: Адиб, 1991.– 320 с.
66. Турсунзода, Мирзо. Гулчини ашъор[Матн] / Ба кӯшиш ва интихоби Муҳаммадҷаъфари Ранҷбар.– Душанбе: Китобхонаи устод Халилуллоҳи Халилӣ, 2011.– 281 с.
67. Турсунзода, Мирзо. Гулчини ашъор [Матн] / Мирзо Турсунзода.– Душанбе: Адиб, 2011.– 300 с.
68. Фарзона. Ояти ишқ [Матн]: Маҷмӯаи ашъор /Фарзонаи Хуҷандӣ.– Душанбе: Адиб, 1994.– 198с
69. Фарзона. Девон [Матн] /Фарзонаи Хуҷандӣ.– Хуҷанд: Ношир, 2014.– Ҷ. 1.– 536 с.
70. Фарзона. Девон [Матн] / Фарзонаи Хуҷандӣ.– Хуҷанд: Ношир, 2014.– Ҷ.2.– 520 с.
71. Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона[Матн] / Фарзонаи Хуҷандӣ.– Хуҷанд: Хуросон-Медиа, 2014.– Ҷ.1.– 504 с.
72. Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона [Матн] / Фарзонаи Хуҷандӣ.– Хуҷанд: Хуросон-Медиа, 2014.– Ҷ.2.– 500с
73. Фарзона. Себарга [Матн] / Фарзонаи Хуҷандӣ.– Хуҷанд , 2010– 503 с.
74. Фарзона. Найсон [Матн]: Маҷмӯаи рубоӣ, дубайтӣ ва тарҷумаҳо/ Фарзонаи Хуҷандӣ.– Хуҷанд: Хуросон, 2019.– 320.
75. Хатлонӣ, Искандар. Косаи шир [Матн] / Искандар Хатлонӣ.– Душанбе: Адиб, 2011.– 143 с.

76. Хуҷандӣ, Адиба. Накҳати гулҳои гумгашта [Матн] / Адибаи Хуҷандӣ.– Хуҷанд, 2008.– 104 с.
77. Хуҷандӣ, Адиба. Ғунчаборон [Матн] / Адибаи Хуҷандӣ.– Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2013.– 2012.– 344 с.
78. Ҳаким, Аскар. Замини сабзи боварҳо [Матн] / Аскар Ҳаким.– Душанбе: Адиб, 2008.– 284 с.
79. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Бо муқаддима, тавзеҳот ва таҳрири Р.Мусулмонқулов.– Душанбе: Ирфон, 1974.– 224 с.
80. Шералӣ, Лоиқ. Девон [Матн] / Мураттибон Ромиш Лоиқзода, Парвина Усмонова.– Хуҷанд: Хуросон, 2018.– 524 с.
81. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт [Матн]: Иборат аз ду ҷилд. Ашъор/ Лоиқ Шералӣ.– Душанбе: Адиб, 2008.– Ҷ.1– 560 с.
82. Шуҷоъ, Шаҳобиддин. Сафири кишвари нур [Матн] / Шаҳобиддини Шуҷоъ.– Душанбе: Бухоро, 2005.– 144 с.

а) **Бо хати форсӣ**

83. Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. Атри шабҳои Хуросон [Матн] / Муҳаммадалӣ Аҷамӣ.– Теҳрон: Нигоҳ, 1387.– 222 с.
84. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт [Матн]: Иборат аз чаҳор ҷилд (Бахши 1) / Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.– Ҷ.1.– 798 с.
85. Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт [Матн]: Иборат аз чаҳор ҷилд (Бахши 2) / Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ.– Теҳрон: Талоя, 1389.– Ҷ.1.– 802 с.
86. Гулрухсор. Ашки тӯфон [Матн] / Гулрухсор.– Теҳрон: Сурушан, 1378.– 471 с.
87. Наҷот, Доро. Рӯйиш дар сукут [Матн] / Доро Наҷот.– Душанбе: Пайванд, 1385.– 290 с.
88. Наҷот, Доро. Дар кӯчаи Лайлӣ [Матн] / Доро Наҷот.– Теҳрон: Нигоҳ, 1387.– 222с.

89. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ.– Теҳрон: Ромин, 1373.– 408 с.

90. Табрезӣ, Соиб. Девон [Матн] / Ба эҳтимои Ҷаҳонгир Мансур.– Теҳрон: Нигоҳ, 1389.– Ҷ.1– 656с.

91. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт [Матн] / Саъдии Шерозӣ.– Теҳрон: интишороти Ққнус, 1371.– 1347 с.

## II. **ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ**

### а) Бо забони тоҷикӣ

92. Абдуманнонов, А. Нуқтаи назар [Матн] / Абдураҳмон Абдуманнонов.– Душанбе: Адиб, 1990.– 240 с.

93. Абдуманнонов А. Пиндорҳо ва ингорҳо [Матн] / Абдураҳмон Абдуманнонов.– Душанбе: Адиб, 2006.– 216 с.

94. Акбарзода, Юсуф. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав [Матн] / Юсуф Акбарзод.– Душанбе: Адиб, 2004.– 196 с.

95. Акбарзода, Юсуф. Шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист [Матн] / Юсуф Акбарзод.– Душанбе: Адиб, 2011.– 320 с.

96. Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. Тафаккур ва ҳис дар шеър [Матн] / Муҳаммадалии Аҷамӣ.– Душанбе: Адиб, 2008.– 208 с.

97. Аъзамзод, С. Адабиёт ва маърифати нақд [Матн]: Масъалаҳои шинохти таърихи адабиёт ва нақди адабии тоҷикии садаи бист. Маҷмуаи мақолаҳо / С. Аъзамзод.– Хуҷанд: Анис, 2012.– 200 с.

98. Бобоева, Таиба. Тасвир дар шеъри муосири тоҷик (дар мисоли ашъори Фарзона)/ Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.03-Адабиёти халқҳои мамлакатҳои хориҷӣ.(Адабиёти тоҷик) / Таиба Бобоева.– Хуҷанд: 2002.– 150с.

99. Бухорой, Муҳаммадҷон Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX [Матн] / Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой.– Душанбе: Пайванд, 2006.–– 456 с.

**100.** Ваҳҳоб, Рустам**.** Таҳаввули поэтикаи вазн ва ритми шеъри муосири тоҷик [Матн] / Рустам Ваҳҳобзода.– Душанбе: Ирфон, 2009.– 199 с.

101. Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе [Матн] / Гулназар.– Душанбе: Сурушан, 2000.- 82 с.

102. Имомзода М.С., Кӯчарзода А., Абдуллозода М. А., Табарӣ М. Адабиёти тоҷик дар замони Истиқлолият [Матн] / М.Имомзода, А.Кӯчарзода, М.Абдуллозода, М.Табарӣ.– Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020.– 346 с.

103. Машъалдори шеър [Матн]: Ҷойгоҳи Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосир / Таҳияи номзадҳои илми филология Шамсиддин Муҳаммадиев ва Анзурат Маликзод.– Душанбе: Дониш, 2021.– 466 с.

104. Мирзоюнус, М. Ҳамзоди тӯфон [Матн] (Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Гулрухсор): Аз силсилаи “Хубони порсигӯ” / Матлубаи Мирзоюнус.– Душанбе: Адиб, 2007.– 256 с.

105. Мирзоюнус, М. Шарҳи шаст шеъри Фарзона [Матн] / Матлубаи Мирзоюнус.– Хуҷанд: Ношир, 2019.– 244 с.

106. Мирзо Турсунзода ва масоили назарии фарҳанги навини тоҷикон: Маҷмӯаи мақолоти таҳқиқӣ / Мураттибон Аскаралӣ Раҷабов ва Муҳаммадраҳим Каримзода.– Душанбе: Контраст, 2011.– 438 с.

107. Набиев, А. Адабиёт ва нақди адабӣ [Матн]: Валихоҷаев Б. Рашҳаи қалам/ Абдухолиқ Набиев.– Душанбе: Адиб, 1993.– 304 с.

108. Нарзиқул, М. Фурӯғи ҳастӣ [Матн] / Мисбоҳиддини Нарзиқул.– Душанбе: Адиб, 2002.– 118 с.

109. Насрулло, Камол. Шаҳписари Хайём [Матн] / Камол Насрулло.– Душанбе: Сарредаксияи Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2018.– 152 с.

110. Нурзод, Нуралӣ. Парниёни сабзи андеша [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо дар нақди адабиёти муосири форсӣ / Нуралӣ Нурзод.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.– 296 с.

111. Нуров, Нуралӣ. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн] / Нуралӣ Нурзод.– Хуҷанд: Ношир, 2020.– 448 с.

112. Раҳмонзода, А. Ҳаёт, адабиёт, воқеият [Матн]: Китоби якум/ Абдуҷаббор Раҳмонзода.– Душанбе: “Эр-граф”, 2019.–319 с.

113. Сайфуллоев, А. Фурӯғи маънавият [Матн] / Атахон Сайфуллоев.– Хуҷанд:

Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2003.– 616 с.

114. Сатторзода, Абдунабӣ. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ [Матн] / Абдунабӣ Сатторзода.– Душанбе: Адиб, 2013.– 176 с.

115. Султонӣ, Тоҷибой. Сеҳри ҳалол [Матн] / Тоҷибой Султонӣ.– Хуҷанд: Меъроҷ, 2017.– 120 с.

116. Ӯлмасова, Замира. Ғояҳои ватанхоҳӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода [Матн] / Замира Ӯлмасова.– Хуҷанд: Нашриёти Р. Ҷалил, 2001.– 88 с.

117. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир [Матн] / Маҳмуди Футӯҳӣ.– Душанбе: ДДОТ, 2018.– 335 с.

118. Хоҷаева, Матлуба. Дар ҷустуҷӯи ҷони сухан [Матн] / Матлуба Хоҷаева.– Хуҷанд, 1994.– 104 с.

119. Ҳакимов, Аскар. Дар қаламрави сухан [Матн] / Аскар Ҳакимов.– Душанбе: Ирфон, 1982.– 224 с.

120. Ҳаким, Аскар. Анвои шеъри ғиноӣ [Матн]: [нимаи дувуми садаи XX]/ Аскар Ҳаким.– Душанбе: Дониш, 2020.– 546 с.

121. Ҳакимова, Сурайё. Шеър, ҳунар ва иҷтимоъ [Матн] / Сурайё Ҳакимова.– Хуҷанд: Ношир, 2018.– 336 с.

122. Ҳамдам, Бахтиёр. Савмааи маърифат [Матн]: [Андешаҳо перомуни ашъори Мирзо Бедил ва пайравони ӯ/ Бахтиёр Ҳамдам.– Ғончӣ, 1999.– 170 с.

123. Ҳамроев, Равшанқул. Поэтикаи ашъори Гулназар. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология/ Равшанқул Ҳамроев.– Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2019.– 191 с.

124. Ҳамроҳ, Равшан. Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар [Матн] / Равшани Ҳамроҳ.– Душанбе: Ирфон, 2018.– 192 с.

125. Шарифзода, Худоӣ. Савти Аҷам [Матн] / Худоӣ Шарифзода.– Душанбе: Хазинаи адабиёти Тоҷикистон, 2002.– 208 с.

126. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] / Алиасғари Шеърдӯст.– Душанбе: Адиб, 1997.– 268 с.

127. Шоири хуршеду дарё [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо ба муносибати 70-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ / Мураттибон: С.Саидов,

Б.Мирсаидов ва Н.Ҳаётов.– Хуҷанд: Ношир, 2011.– 248 с.

**б) Бо забони русӣ**

128. Бехер И. Любовь моя, поэзия [Текст] / И.Бехер.– Москва: Художный литература, 1965.– 560 стр.
129. Веселовский А.Н. Историческая поэтика [Текст] / Н.А.Веселовский.– Москва: Высшая школа, 1989.– 408 стр.
130. Гаспаров М.Л. Очерк истории европейского стиха [Текст] / Л.М.Гаспаров.– Москва: Наука, 1989.– 304 стр.
131. Гризова И.А. Художественный образ как система [Текст] / А.И.Гризова.– Одесса: 1970.– 28 стр.
132. Гришман М.М. Литературное произведение теория и практика анализа [Текст] / М.М.Гришман.– Москва: Высшая школа, 1991.– 160 стр.
133. Кляшторина В.Б. “Новая поэзия” в Иране [Текст] / В.Б.Кляшторина.– Наука, 1975.– 255 стр.
134. Огнев В. Гаризонты поэзии [Текст] / В.Огнев.– Москва: Художный литература, 1982.– 560 стр.
135. Озеров Лев. Стих и стиль [Текст] / Л.Озеров.– Москва: Знание, 1975.– 64 стр.
136. Паперный З. О художественном образе [Текст] / З.Паперный.– Москва: Изд. «Политической лититературе», 1961.– 72 стр.
137. Чичерин А.В. Ритм образа [Текст] / В.А.Чичерин.– Москва: Изд. «Советский писатель», 1980.– 336 стр.

**в) Бо хати форсӣ**

138. Арасту. Фанни шеър [Матн] / Тарҷумаи Зарринкӯб. Арасту.– Теҳрон, 1337.– 85 с.
139. Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мисс [Матн]: Дар се ҷилд/ Р.Бароҳанӣ.– Теҳрон: Фирдавсӣ, 1371.– 2110 с.
140. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ.– Теҳрон: Интишороти вазорати иттилоот ва култури ҶИЭ, 1368.– 576 с.

141. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър [Матн] / Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ.– Теҳрон: Огоҳ, 1389.– 732 с.

142. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо [Матн]: (баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил)/ Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ.– Теҳрон: Огоҳ, 1366.–338 с.

143. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир [Матн] / Маҳмуди Футуҳӣ.– Теҳрон: Сухан, 1375.– 461 с.

144. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър [Матн] /Сируси Шамисо.– Теҳрон: Митро, 1383.– 430 с.

## III. МАҚОЛАҲО ДАР МАҶМӮАВУ МАҶАЛЛАҲО

### а) бо забони тоҷикӣ

145. Акрамзод, С. Тасвири табиат дар ашъори Мирзо Турсунзода [Матн] // Адабиёт ва санъат.– 2001.– № 39-40.– 5 октябри.

146. Келдиёров, Т. Шеър чун махсусият [Матн] // Адабиёт ва санъат.– 2002.– № 25- 26. 28 июни.

147. Қазва, Алиризо. Хуршедҳои гумшуда [Матн] // Адабиёт ва санъат.– 1999.–№ 9-12.– март.

148. Қосим, Низом. Оҳанги ҷони ҷавон [Матн] // Садои шарқ.–1990.– № 4.

149. Мирзоюнус, Матлуба. Ҷараёнҳои шеъри муосири тоҷикӣ ва масоили рушди шеъри сапед дар Тоҷикистон [Матн] // Доро Наҷот. Гулҷӯшаҳо.– Душанбе:Адиб, 2016.– 558 с.– с.327-344

150. Наҷот, Доро. Рисолате дар ростои халлоқияти шеър [Матн] // Шоҳроҳи ваҳдат.– 2002.– № 8.– С. 37-44.

151. Наҷот, Доро. Нимо ва намои шеъри нав [Матн] // Нурзод Н. Меъроҷе то хуршедии висол.– Душанбе: Деваштич, 2003.– С. 60-71.

152. Сатторзода, Абдуннабӣ. Бозтоби замони истиқлол дар адабиёти муосир. Бурду бохт [Матн] // Адабиёт ва санъат.–1992.– № 24, 24 июн.

153. Тоиров У. Равзане сӯи асрори шеър [Матн] // Адабиёт ва санъат.– 1992.– 6 август.

154. Фарзона. Шеър дар ҷавҳари зеҳни хонанда [Матн] // Хуҷанд, 2000.– № 6.– С. 73-80.

155. Ҳакимов, Аскар. Вижагиҳои шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ [Матн]: (дар мисоли эҷодиёти Мирзо Турсунзода)// Номаи донишгоҳ, 2015. – №4[45]. – С. 109-117.

156. Ҳакимов А. Махсусиятҳои шеъри тавсифию тасвирӣ [Матн]: [дар мисоли эҷодиѐти А.Шукӯҳӣ ва Ғаффор Мирзо] / А.Ҳакимов// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.– 2015.– .№3[44].

157. Шакурӣ М. Шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ [Матн] // Рӯдакӣ, соли дуввум, шумораи дуввум, 2001.

158. Шеърдӯст, Алиасғар. Сайре дар жарфои шеъри тоҷикӣ [Матн] // Адабиёт ва санъат.– 1998.–23 январ.

б) Б**о забони русӣ**

159. Анисов А.М. Логика. Парадоксы. Наука [Текст] // Противоположности и парадоксы (методологический анализ).–М.: Канон; РООИ «Реабилитация», 2008.– С. 156-188.

160. Грязнов А. Ф.«Скептический парадокс» и пути его преодоления [Текст] // Вопросы философии. 1989.– №12.– С. 140-150.

161. Казаков А.Н., Якушев А.О. Логика-I [Текст]: Парадоксология.— Ижевск: Изд-во Удмуртского университета, 1998.– 320 с.

162. Козлова М.С., Джон Уиздом. Концепция философских парадоксов [Текст] // История философии 1.— 1997.— С. 111—120.

163. Костюк В.Н. Парадоксы: логико-семантический анализ [Текст] // Системные исследования. Ежегодник-1979.— М., 1979.— С. 344—357.

164. Краснопольская А.П. Роль парадоксов в дискуссионных моделях образования [Текст] // Противоположности и парадоксы (методологический анализ).— С. 392-412.

165. Чупахин И.Я. Теория понятия и парадоксы [Текст] //Вестник Ленинградского университета // Серия Экономика, философия, право.– 1975.– №5. Вып. 1.— С. 55-63.

166. Шалак В.И. Против апорий [Текст] // Противоположности и парадоксы (методологический анализ).— С. 189-204.

**в) Бо забони англисӣ**

167. Butzenberger Klaus.Some general remarks on negation and paradox in Chinese logic //Journal of Chinese Philosophy 20: 313—347 [1993].

168. Chen Bo [2014]. Six Groups of Paradoxes in Ancient China From the Perspective of Comparative Philosophy // Asian Philosophy 24 [4]:363-392.

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии эътирофшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-**М**]. Ризобоева, Н.М. Вижагиҳои ҳунарии ғазалиёти Гулноз / Н.М. Ризобоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN (2219-5408).– Душанбе.– №3/80.– 2019.– С.161-164.

[2-**М**]. Ризобоева, Н.М. Баррасии бархе аз хусусиёти ашъори сапеди Гулноз/ Н.М. Ризобоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN (2219-5408).– Душанбе, 2019.– №6/83.– С.127-131.

[3-**М**]. Ризобоева, Н.М. Тасвирҳои парадоксӣ дар тарҷумаҳои Фарзона/ Н.М. Ризобоева //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN (2663-5534).– Бохтар, 2021.– №1/2 (86).– С. 26-29.

[4-**М**]. Ризобоева, Н.М. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ/ Н.М. Ризобоева //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN (2219-5408).–Душанбе, 2022.– №4 (99).– С.206-211.

### б) Дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:

[5-**М**]. Ризобоева, Н.М. Сулҳ ва тафсиру тараннуми он аз нигоҳи Гулноз / Н.М. Ризобоева //Маводи конференсияи илмию амалии минтақавӣ "Ҳалли қазияҳои иқтисодӣ баҳри расидан ба рушди босуботи кишвар".–Исфара, 2019.– С.195-201.

[6-**М**]. Ризобоева, Н.М. Парадокс ва тасвирҳои парадоксӣ дар шеър / Н.М. Ризобоева //Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Нерӯи зеҳниву сармояи инсонӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар".– Исфара, 2020.– С.161-165

[7-**М**]. Ризобоева, Н.М. Тасвирҳои мутаноқизнамо ва ҳиссомезӣ дар ашъори Мирзо Турсунзода / Н.М. Ризобоева //Паёми навраҳони илм.– Хуҷанд, 2021.–С.213-220.

[8-**М**]. Ризобоева, Н.М. Использование парадоксов и поэтическое мастерство в переводах Фарзоны / Н.М. Ризобоева // “XIX Международная научно-практическая конференсия. г.Москва, Россия”. Всероссийское Общества Научно-Исследовательских Разработок “ОНР ПТСайнс”.– 2022.

[9-**М**]. Ризобоева, Н.М., Мирзоев С.Х. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Муъмин Қаноат / Н.М. Ризобоева, С.Х. Мирзоев // Ҷустуҷӯҳои илмӣ 1. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.– Душанбе, 2022.– С.77-84.